**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ 7-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373.167.1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
**А-57**

**А-57.** С. Аминов, С. Набиева, С. Бойбобоева. **Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ** синфи 7-ум барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017. 104 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-483-4** **© Маориф, 2017**

# САРСУХАН

Таълими салоҳиятнокии хонанда чӣ маънӣ дорад, дар Стандарти давлатии забони модарӣ барои синфҳои 5-11 оварда шудааст. Аммо ин ҷо лозим аст, ки ба баъзе масъалаҳои дигари ба усули таълими салоҳиятнокӣ ва роҳнамои ба омӯзгор пешниҳодшаванда чанд маълумот дода шавад. Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст.

Ҳамин принсипи муносибат ба таълими забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ба ғайр аз донишу малакаҳои забонӣ дар хонандагон салоҳиятҳои болоифаннӣ ё асосӣ, ки дар зиндагии ҳамарӯза ба хонанда даркор мешаванд, ташаккул дода шавад. Дар маҷмӯъ салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои болоифаннӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Дар таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Омӯзгор мавзӯи бевоситаи забонӣ - овошиносӣ, луғатомӯзӣ, калимасозӣ, ҷумлабандиро дар дарсҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Ҳар кадом мавзӯи забонӣ дар бобҳои ҷудогона таълим дода мешаванд, дар баробари ин соатҳои ҷудогона барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон ҷудо карда шудааст. Ҳар як қисмати забон дар доираи соатҳои муайян ва боби муайян ба хонандагон омӯзонида мешавад, дар охир (дар аввал ҳам мумкин аст) ду, се, чор соат, вобаста ба миқдори умумии саотҳои ҳамин боб дарсҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Барои ташаккули салоҳияти болоифаннӣ ё асосӣ соати ҷудогона ҷудо карда намешавад, омӯзгор чунин салоҳиятҳоро дар дарсҳои ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ инкишоф медиҳад. Салоҳиятҳои асосӣ дар стандарти таълимӣ зикр карда шудаанд. Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд. Омӯзгорро лозим мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Ба хонандагон салоҳиятҳои муносибати байни ҳамсинфон, эҳтироми ҳамдигар, одоби муошират ва муносибат, ахлоқ, тарбиятро дар ҷараёни таълими фан ва баррасии мавзӯъҳо ташаккул диҳад.

Ҷузъиёти дигари таълими фанни забони тоҷикӣ дар барномаи таълимӣ ва стандарти фаннӣ оварда шудаанд. Боқӣ ба шумо барори кор таманно намуда, умеди он дорем, дар роҳи таълим ва тарбияи насли нав саҳми арзанда мегузоред.

Мураттибони роҳнамои мазкур барои саволҳо, пешниҳоду дархостҳои шумо омодаанд.

Барои тамос: почтаи электронӣ: saida40@inbox.ru

**Нақшаи тақвимӣ аз фанни**
**Забони тоҷикӣ барои синфи 7**

| № | Фасл ва мавзӯъҳо | соат | сана |
|---|---|---|---|
| | **Забон ва сухан** | 1 | |
| | **Такрор ва ҷамъбасти маводи синфи 6** | **5+1= 6** | |
| | Феъли ҳол | 1 | |
| | Сифат | 1 | |
| | Сифати феълӣ<br>Шумора | 1<br>1 | |
| | Ҷонишин | 1 | |
| | Услубҳои нутқ: услуби публисистӣ | 1 | |
| | **Зарф чун ҳиссаи нутқ** | **12+4=16** | |
| | Зарф чун ҳиссаи нутқ | 1 | |
| | Навъҳои зарф | 1 | |
| | Кор бо матни «Шарҳи ҳол» | 1 | |
| | Кор бо матни «Шарҳи ҳол» | 1 | |
| | Зарфи тарзи амал | 1 | |
| | Зарфи миқдору дараҷа | 1 | |
| | Зарфи замон | 1 | |
| | Зарфи макон | 2 | |
| | Кор бо матнҳои жанри рӯзнома(хабар - мақола) | 1 | |
| | Кор бо матнҳои жанри рӯзнома(хабар - мақола) | 1 | |
| | Зарфҳои сабабу мақсад | 1 | |
| | Сохти зарфҳо | 2 | |
| | Таҳлили сарфии зарф | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | | | |
| | **Калима ва таъбирҳо** | **14+4=18** | |
| | Маънои луғавии калима | 1 | |
| | Калимаҳои аслии тоҷикӣ | 1 | |
| | Калимаҳои иқтибосӣ | 1 | |
| | Калимаҳои кухна ва нав | 1 | |
| | Калимаҳои соҳавӣ (истилоҳ) | 1 | |
| | Калимаҳои шевагӣ | 1 | |
| | Таърихи баромади баъзе калимаҳо (этимология) | 1 | |
| | Кор бо матни ҳисобот | 1 | |
| | Кор бо матни ҳисобот | 1 | |
| | Таъбирҳо (фразеологизмҳо) | 1 | |
| | Таъбирҳо ва фарқи онҳо аз калимаю ибораҳо | 1 | |
| | Хусусиятҳои муродифӣ, зидмаъноӣ ва ҳамгунаии фразеологизмҳо | 1 | |
| | Мавқеи фразеологизмҳо дар нутқ | 1 | |
| | Кор бо фарҳанги тафсирӣ ва фразеологизмҳо | 1 | |
| | Кор бо фарҳанги этимологӣ | 1 | |
| | Кор бо матнҳои жанри рӯзнома (мусоҳиба) | 1 | |
| | Кор бо матнҳои жанри рӯзнома (мусоҳиба) | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | Маълумот дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ | 1 | |
| | **Пешоянд ва пасоянд** | **12+4=16** | |
| | Пешоянд чун ҳиссаи нутқ | 1 | |
| | Ппешояндҳои аслӣ: пешоянди **«аз»** | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Пешоянди **«ба»** | 1 | |
| | Пешоянди **«дар»** | 1 | |
| | Пешоянди **«бо», «барои»** | 1 | |
| | Кор бо жанри рӯзнома( мусоҳиба) | 1 | |
| | Кор бо жанри рӯзнома( мусоҳиба) | 1 | |
| | Пешоянди **«бе», «то», «ҷуз»** | 1 | |
| | Сохти пешояндҳо: пешояндҳои содаи номӣ | 1 | |
| | Пешояндҳои таркибӣ | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | Таҳлили сарфии пешоянд | 1 | |
| | **Пасоянд:** пасояндҳои **«-ро»** ва **«барин»** | 1 | |
| | Пасояндҳои номии» **«пас, пеш, қабл, боз, инҷониб**<br>Кор бо матни тавсифнома | 1<br>1 | |
| | Кор бо матни тавсифнома | 1 | |
| | **Пайвандак** | **12+4=16** | |
| | Пайвандак чун ҳиссаи нутқ | 1 | |
| | Навъҳои пайвандакҳо | 1 | |
| | Пайвандакҳои пайвасткунанда ва навъҳои он | 1 | |
| | Пайвандакҳои пайиҳам | 1 | |
| | Пайвандакҳои хилофӣ ва ҷудоӣ | 1 | |
| | Кор бо матнҳои мазмуни тасвирдошта | 1 | |
| | Кор бо матнҳои мазмуни тасвирдошта | 1 | |
| | Пайвандакҳои тобеъкунанда ва шарҳи вазифаи онҳо | 1 | |
| | Кор бо матнҳо ва шарҳи вазифаи пайвандакҳои тобеъ. | 2 | |
| | Сохт ва таркиби пайвандакҳо: сода | 1 | |
| | Пайвандакҳои мураккаб ва таркибӣ | 1 | |
| | Кор бо матнҳо ва шарҳи вазифаҳои пайвандакҳо | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | Кор бо матни тавсифнома | 1 | |
| | Кор бо матни тавсифнома | 1 | |
| | **Ҳиссача** | **8+3=11** | |
| | Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссача | 1 | |
| | Навъҳои ҳиссача: саволӣ ва таъкидӣ | 1 | |
| | Ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ | 1 | |
| | Ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва маҳдудӣ | 1 | |
| | Нимтире дар ҳиссачаҳои **-ку, - дия, -чӣ, -а** | 1 | |
| | Таҳлили сарфии ҳиссача | 1 | |
| | Сохт ва таркиби ҳиссачаҳо | 1 | |
| | Кор бо матни мазмуни тасвирдошта | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | Кор бо матни дастурамал | 1 | |
| | Кор бо матни дастурамал | 1 | |
| | **Нидо** | **7+3=10** | |
| | Нидо чун ҳиссаи номустақили нутқ | 1 | |
| | Нидо ва тобишҳои гуногуни он дар ҷумла | 1 | |
| | Навъҳои нидо аз рӯийи маъно: нидоҳои эҳсосотӣ | 1 | |
| | Нидоҳои барангезанда (иродавӣ) | 1 | |
| | Кор бо матнҳо ва шарҳи тобишҳои маъноии нидоҳо | 1 | |
| | Сохту таркиби нидо ва аломатҳои китобат дар онҳо | 1 | |
| | Кор бо матни жанри шифоҳӣ (зарбулмасал ва мақол) | 1 | |
| | Диктанти санҷиш | 1 | |
| | Кор бо матни дастурамал | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Кор бо матни дастурамал | 1 | |
| | **Калимаҳои тақлидӣ** | **2+1=3** | |
| | Калимаҳои тақлидӣ ва хусусиятҳои онҳо. Тобишҳои маъноии онҳо | 1 | |
| | Баъзе роҳҳои сохтани калимаҳои тақлидӣ ва имлои онҳо | 1 | |
| | Кор бо матни жанри шифоҳӣ (латифа) | 1 | |
| | **Такрори маводи синфи 7** | **4+1=5** | |
| | Такрори исму сифат, сифати феълӣ, феъли ҳол | 1 | |
| | Такрори ҷонишин, зарф | 1 | |
| | Такрори пешоянд, пасоянд | 1 | |
| | Такрори ҳиссачаю нидо | 1 | |

## ДАРСИ 1. ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ЯКЕ АЗ ЗАБОНҲОИ ФАСЕҲУ РАВОН

**Салоҳиятҳо:**

7.2.1. Ба мавқеъ ва вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан, мақоми суханро дар ҳаёти иҷтимоӣ дар ҳадди дониши гирифташуда шарҳ додан, рисолати забон ва суханро дарк кардан; маълумоти кофӣ пайдо кардан оид ба қадимӣ, фасеҳу равон будани он ва офаридани асарҳои безавол.

**Хонанда**

- дар бораи мақоми забон дар ҷомеа фикрашро баён мекунад;
- эҳтироми забони модариро бо мисолҳо мефаҳмонад;
- нақши забонро дар ҳаёти инсонҳо шарҳ медиҳад;
- дар бораи аҳамияти забон пораҳои шеърӣ ва суханони ҳикматнокро мисол меорад;
- мавқеи забони тоҷикиро дар байни забонҳои дигар мешиносад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба мавқеи забони тоҷикӣ маълумот додан;
- бо забонҳои дарӣ ва форсӣ як будани онро шарҳ додан;
- фасеҳу равон будани онро ба далелҳо асоснок кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

**• Саволу супориш.**

Забон барои чӣ даркор аст? Сухан чӣ?

• Киро суханвар мегӯянд?

• Аз суханварони тоҷик киҳоро номбар карда метавонед, ки бо асарҳояшон машҳури олам гаштаанд?

• Тоҷикон бо кадом халқҳои дунё ҳамзабонанд?

**II. Баёни мавзӯи нав (лексия – суҳбат)**

Пас аз шунидани ҷавоби хонандагон худатон ҷавобҳоро пурра созед:

-Забони тоҷикӣ таърихи хеле қадима дошта, ташаккулу инкишофи он ба асрҳои XX - ба давраи ба вуҷуд омадани аввалин хонадонҳои давлатдории тоҷикон рост меояд. Забони тоҷикӣ дар ин даврон бо номи форсии дарӣ машҳур шуда, дар аҳди Сомониён ба авҷи инкишоф расида буд. Дар он давра на фақат чун забони давлатӣ, балки ҳамчун забони осори бадеӣ, илм ва воситаи муомилаи байни мардумони гуногунзабон ҳам истифода мешуд. Дар инкишофи ин забон хидмати Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигарон ниҳоят бузург аст. Аз асрҳои XV сар карда бо осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Зайниддини Восифӣ ва шоирони дигаре, ки дар тазкираҳои Хоҷа Нисори Бухорӣ, Мутрибии Самарқандӣ (асри XVI), Малеҳо (XVII) зикр шуданд, инчунин, тавассути осори Сайидо ва монанди инҳо забонамон такмил ёфтан гирифт. Тазкираи «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Мирзо Сироҷи Бухороӣ, осори манзуми Мансури Фитрат низ воситаи такмилу инкишофи забони тоҷикӣ гардидаанд.

Забони адабии муосири тоҷик анъанаҳои беҳтарини форсии дарӣ ва форсии классикиро таҷассум кардааст. Дар инкишофи он дар асри XX хидмати устод Садриддин Айнӣ ва шоирону нависандагони маъруф – Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигарон бузург аст.

Забони тоҷикӣ шевою равон ва гӯшнавоз аст.

**Кори гурӯҳӣ. Омӯзгор ба гурӯҳҳо супориш медиҳад:**

Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 1 (саҳ.3)-ро аз китоби дарсӣ возеҳ хонед; сифатҳои забонро, ки дар шеър истифода шудаанд, муайян кунед ва нависед;

Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 2. Байти якуми машқи 2 (саҳ. 3)-ро хонед ва шарҳ диҳед. Онро ба наср баргардонед ва нависед;

➢ Гурӯҳи 3. Идомаи машқи 2. Порчаҳои насриро хонед, гӯед, ки сухан дар онҳо дар бораи чӣ меравад;

➢ Гурӯҳи 4. Порчаи насрии дуюмро хонед ва муайян кунед, Бо истифода аз вожаҳои *алфоз, нишотафзо, мусаллам ва кулл* ҷумлаҳо т*артиб диҳед.* Маънии вожаҳои зеринро дар дафтарҳои луғат аз рӯйи китоби «Фарҳанги тафсирӣ» шарҳ дода, луғатҳоро аз бар кунед.

**III. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

Ба хонандагон гӯед, ки порчаҳоро хонанда ва нависанд, хулосаашонро мухтасар нақл кунанд. Калимаҳои душворфаҳмро муайян карда, маънои онҳоро аз рӯйи мазмуни матн ва луғатҳо шарҳ диҳанд.

Қатори 1: Дар миёни шоирони даригӯ бо сомиа тафриқа наметавон гузошт. Зеро шеъри Ҷомӣ ва назми як шеърбоф яксон мутантан садо медиҳанд. Дарӣ каломи гуворо ва фиребост. Мушкил аст ба шоир дар ин мулк суханварӣ ва сухансозӣ, дар ҳоле ки ҳар бозаргон сухангӯ ва суханбоз аст. (Олжас Сулаймонӣ)

Қатори 2: Хушсадоӣ ва хушоҳангӣ, ки аз қадим хоси назми Шарқ аст, низ хоси назми Мирзо Турсунзода буда, мисли манораҳои Самарқанд дар сатҳи биёбон баланд ба назар мерасад. (Олим Кешоков).

• **Супориш**

- Иҷрои машқи 3 (саҳ. 4-5). Хонандагон пас аз хондан муайян кунанд, ки мақсади асосӣ дар кадом ҷумла баён шудааст. Байни худ муҳокима кунанд. Хулосаашонро баён созанд. Ба саволҳои зери матн ҷавоб гӯянд. Чанд калимае нависанд, ки навишташон ба талаффуз мувофиқат накунад. Шарҳ диҳанд, ки чаро ин тавр аст. Чӣ бояд кард?

**IV. Вазифаи хонагӣ:** Бо истифодаи сифатҳои забон, ки дар машқи 1 омадааст, навиштани нақли хаттӣ дар мавзӯи «Забони тоҷикӣ ва сифатҳои он», аз ёд кардани шеъри «Забони модарӣ».

## ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДДИ СИНФИ VI
## ДАРСИ 3 – ТАКРОРИ МАВЗӮИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.1.Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, шинохтани фарқ ва умумияти феъли ҳол аз феъл.

**Хонанда**

➢ феъли ҳол ва замонҳои онро мешиносад ва ба онҳо мисолҳо меорад;

➢ дар матн тариқи саволгузорӣ феъл ва феъли ҳолро ҷудо мекунад;

➢ вазифаи феъли ҳолро дар матн муайян карда метавонад;

➢ хусусиятҳои сарфию роҳҳои махсуси калимасозии феъли ҳолро дарк карда метавонад;

➢ бо имлои феъли ҳол, сохти он ва мавриди истифодаи аломатҳои китобат шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

-феъли ҳолро аз феъли асосӣ фарқ карда тавонистан;

-фарқи шаклҳои феъли ҳолро донистан;

-роҳҳои сохта шудани ҳар ду шаклҳои феъли ҳолро дониста, онҳоро дар нутқ истифода бурдан;

-аз матнҳо феълҳои ҳолро муқаррар сохтан;

-имлои феъли ҳолро дониста, мавқеи бо нимтире навиштани онҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Бо истифодаи сифатҳои забон, ки дар машқи 1 омадааст, навиштани нақли хаттӣ дар мавзӯи «Забони тоҷикӣ ва сифатҳои он», аз ёд кардани шеъри «Забони модарӣ»;

• дар гурӯҳҳои дунафара шинос шудан бо кори хаттии ҳамдигар;

• интихобан арзёбӣ намудани кори хонандагон;

• қироати шеърҳои азёдкардаи хонандагон.

• тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

Масъалагузорӣ оид ба мавзӯъҳои дар синфҳои пеш омӯхташуда:

• Феъли ҳол аз феъли асосӣ чӣ фарқ дорад?

• Феъли ҳол дар ҷумла чӣ вазифаро адо мекунад?

• Феъли ҳол чанд шакл дорад? Яъне бо чанд роҳ сохта мешавад?

• Феъли ҳол чанд замонро ифода мекунад? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.

• Кадом феълҳои ҳол бо нимтире навишта мешаванд?

• Феъли ҳол дар ҷумла чӣ вазифаи наҳвиро иҷро мекунад?

**Супориш.** Кор бо китоби дарсӣ. Ба бачаҳо гӯед, ки машқи 1 (саҳ.6-7)-ро тибқи супориши китоб иҷро карда, ба саволҳои зери матн ҷавоб диҳанд.

• Феълҳои ҳол чӣ тавр сохта шуданд?

• Феъли ҳол бо кадом хусусиятҳояш ба феъл монанд аст?

• *Мижгон* ё *миҷгон?* Кадомаш дуруст аст?

• Гӯед, ки имлои феълҳои ҳоли истифодашударо шарҳ диҳанд.

• Аз мисраи «Теғзанон субҳ даромад зи дар» зарфро ёбанд ва чӣ тавр сохта шудани онро шарҳ диҳанд.

• Ҷумлаҳои машқи 2 (саҳ.7)-ро нависанд ва чӣ гуна сохта шудани феълҳои ҳол ва ба кадом калима вобаста будани онҳоро шарҳ диҳанд;

• Нақши феъли ҳолро дар ифодаи фикр (дар ҷумлаҳо) муайян кунанд.

• Машқи 3 (саҳ7)-ро мустақилона иҷро кунанд, возеҳ хонанд, мазмунро нақл карда, нақли ҳамсинфонро ба ҳисоб гирифта гӯянд, ки дар он аз феъли ҳол то чӣ андоза истифода шудааст.

-Кам истифода шуд ё зиёд? Чаро?

-Кор бо саволҳои зери матн.

**Кори гурӯҳӣ.** Ба бачаҳо гӯед, ки бо истифода аз феълҳои ҳоли зерин ҷумлаҳо созанд ва имлои онҳоро дар хотир нигоҳ доранд.

Гурӯҳи 1: бозикунон, давон-давон

Гурӯҳи 2: хандакунон, хандида (омада)

Гурӯҳи 3: сурудгӯён, давида (гузашт)

Гурӯҳи 4: чаҳ-чаҳзанон, аз ҳуш рафта (афтид)

**II. Вазифаи хонагӣ:** Навиштани нақле, ки дар он ягон мавзеи бароятон ошно тасвир шуда бошад. Ба зери феълҳои ҳоли фармудаатон хат кашед ва чӣ гуна сохта шудани онҳоро муайян кунед.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои сарфии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, ташаккули маҳорати шинохтани зарф дар матн, муайян кардани вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла.

**Хонанда**

➢ зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;

➢ ба зарфҳо мисол меорад, хелҳои зарфро нишон медиҳад, бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;

➢ сохти зарфҳоро шарҳ медиҳад, бо пасванд ва пешвандҳои зарфсоз калимаҳои нав месозад;

➢ бо имлои зарф ва сохти он бештар шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба зарф чун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ маълумот пайдо кардан;
- дар муқоиса бо ҳиссаҳои дигари нутқ аз худ кардани моҳияти зарф;
- мавриди истифодаи зарфро дар ҷумла муайян карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани нақле, ки дар он ягон мавзеи бароятон ошно тасвир шуда бошад. Ба зери феълҳои ҳоли фармудаатон хат кашед ва чӣ гуна сохта шудани онҳоро муайян кунед;

1 Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

2 Арзёбии кори хонандагон;

3 Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта.

**Интизорӣ.**

- Аз ин дарс чиро интизоред?
- Чиро донистан мехоҳед?

**III. Баёни мавзӯи нав. Зарф**

**Кори гурӯҳӣ:** Иҷрои машқи 30 аз китоби дарсӣ. Хонандагонро водор намоед, ки порчаҳоро хонанд ва калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳанд. Гӯянд, ки онҳо ба кадом калимаҳо вобаста шудаанд.

Гурӯҳи 1:

1. **Рост** ҷӯ, **рост** нигар, **рост** гузин,
**Рост** гӯ, **рост** шунав, **рост** нишин.

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

Гурӯҳи 2:

2. **Дарҳол** ӯ бархоста, дасти шайх бибӯсид ва хушвақт ба сӯйи манзил бозгашт.

***аз «Ҳазору як шаб»***

Гурӯҳи 3:

3. Дари ҳикмат кушода **саъдиёна,**
Сухан мегуфт ҳар кас **шоирона.**

***Мирзо Турсунзода***

Гурӯҳи 4:

4. Бо номи Ватан халқ **далерона** миён баст,
**Фарҳодваш** омад, раҳи дарёи калон баст.

***Тилло Пӯлодӣ***

➢ Нақшаро ба дафтарашон кашанд;

➢ Дар сутуни аввал калимаҳоро дар сутуни дуюм саволҳои онҳо ва дар сутуни сеюм чиро ифода кардани онҳоро нависанд.

*Ҷадвал*:

| **Т/р** | **Калима** | **Савол** | **Мазмуни ифода** |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| 3 | | | |
| 4 | | | |

• Аз ҳар гурӯҳ якнафарӣ кори худро муаррифӣ намоянд.

• Саволу ҷавоб:

- Зарф чиро мефаҳмондааст?
- Фарқи зарфро аз сифат чӣ тавр муайян мекунед?

Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷумлаҳоро пурра намоянд:
• Сифат аломати _________-ро мефаҳмонад. Мисол: гули сурх.
•Зарф аломати ___________-ро мефаҳмонад. Мисол: тез гузашт.
Гӯед, ки дар нақша фарқиятҳои зарфу сифатро нависанд:

| Т/р | Сифат | Зарф |
|---|---|---|
| 1. | Аломати ашёро мефаҳмонад. | Аломати амалро мефаҳмонад. |
| 2. | Ба саволҳои чӣ хел?, чӣ гуна? ҷавоб мешавад. | Ба саволҳои чӣ тарз?, кадом?, чӣ қадар?, барои чӣ?, дар куҷо? ҷавоб мешавад. |
| 3. | Дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда меояд. | Дар ҷумла ба вазифаи ҳол меояд. |

• Ба хонандагон фаҳмонед, ки аз рӯйи нақша қоидаи зарфро таҳия намоянд.
Зарф ҳиссаи нутқест, ки………………… мефаҳмонад. Зарф ба саволҳои ……. ҷавоб мешавад
• Машқи **31-ро** хонанд ва ба кадом маъно омадани калимаи ***зарф***-ро шарҳ диҳанд.
Гӯянд, ки чунин калимаҳоеро, ки якхела навишта шуда, маънои ҳархела доранд, дар забон чӣ меноманд?
**Кори дунафара.** Иҷрои машқи **32.** Порчаро возеҳ бихонанд ва мавзӯи онро аниқ карда шарҳ диҳанд. Калимаҳоеро, ки **аломати ашё** ва **аломати амалро** мефаҳмонанд, ёбанд ва нависанд.
• Кори ҳамдигарро дида муқоиса ва арзёбӣ намоянд.
**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**
Иҷрои машқи **33.** Хонандагон ҳикояро хонанд ва мазмунашро мухтасар нақл кунанд. Гӯянд, ки моҳияти асосии ҳикоя дар кадом байти ин қитъа ифода ёфтааст. Онро шарҳ диҳанд.
**Кори инфиродӣ.** Шарҳи худро нависанд ва онро муаррифӣ намоянд.
Иҷрои машқи **34.** Матнро бодиққат хонанд ва гӯянд, ки кадом хислатҳои шахс одамро маҳбуби дилҳо мегардонанд. Сифатҳо ва зарфҳои матнро ёбанд ва дар сутунҳои алоҳида нависанд.

| Т/р | Сифат | Зарф |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |

Кори ҳамдигарро арзёбӣ намоянд.

| Т/р | Сифат | Зарф | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. | Хуб | миёна | 4/3 |

**V. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи **35.** Хонандагон порчаи манзумро хонда, мазмунашро нақл кунанд. Гӯянд, ки кадом лаҳзаи он барояшон муассир буд ва чаро? Дар ҳаёт агар чунин ҳодисаро мушоҳида карда бошанд, онро дар шакли нақли мухтасар нависанд. Нақлро чӣ унвон муносиб аст?
**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФ. НАВЪҲОИ ЗАРФ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардани мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

- зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ба навъҳои зарф мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба навъҳои зарф маълумот пайдо кардан;
- мавриди истифодаи навъҳои зарфро дар ҷумла муайян карда тавонистан;
- навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдан ва ба имлои онҳо риоя кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ: 1.**Иҷрои машқи **35.** Порчаи манзумро хонда мазмунашро нақл кунанд. Гӯянд, ки кадом лаҳзаи он барояшон муассир буд ва чаро? Дар ҳаёт агар чунин ҳодисаро мушоҳида карда бошанд, онро дар шакли нақли мухтасар нависанд. Нақлро чӣ унвон муносиб аст?

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон аз тарафи худи онҳо:

| Т/р | Мазмун | Имло | Баҳо |
|---|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. | Хуб | миёна | 4/3 |

4. Саволҳо доир ба мавзӯъҳои гузашта:

- Зарф чист?
- Зарф аз сифат чӣ тавр фарқ мекунад?
- Зарф дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?

**III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои зарф.**

**Иҷрои машқи 36.** Ҷумлаҳоро хонда, ба калимаю ифодаҳои ишорашуда саволҳо гузоранд. Фарқи онҳоро аз рӯйи маъно шарҳ диҳанд.

• Аз рӯйи саволҳо муайян кунанд, ки дар ин ҷумлаҳо зарфҳо чӣ моҳият доранд. Хулосаашонро дар нақша нависанд.

| Т/р | Савол | Мазмун | Навъи зарф |
|---|---|---|---|
| 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. | | | |

Гӯед, ки ҷумлаҳоро пурра гардонанд:

- Зарф аз рӯйи __________ ба ________ гурӯҳ ҷудо мешавад.
- Зарфҳои __________________________ ба гурӯҳи зарфҳои ҳолӣ дохил мешаванд.

-Зарфҳои ____________________________________ ба гурӯҳи зарфҳои тавсифӣ дохил мешаванд.

Иҷрои машқи **37.** Ҷумлаҳоро нависанд ва зарфҳои онро ёфта, саволҳо гузоранд. Гӯянд, ки ба кадом навъи зарфҳо мансубанд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.**

**Кори дунафара. Супориш:** Иҷрои машқи **38.** Матнро хонед ва таассуроти худро нақл кунед. Зарф ва сифатҳои матнро ёбед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед. (Як нафар сифат ва нафари дуюм зарфҳои матнро ёбед ва нависед).

Кори ҳамдигарро арзёбӣ намоед.

**V. Вазифаи хонагӣ. Супориш:** Иҷрои машқи **39.** Матнро хонед ва мавзӯи асосии онро муайян кунед. Гӯед, ки сифат ва зарфҳо дар матн чӣ нақше доранд. Ҷумлаҳои зарфдорро нависанд ва ба кадом навъ тааллуқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ШАРҲИ ҲОЛ

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

– матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;

– шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;

– малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- проблемаро муайян карда тавонистан;
- бо ғалатҳои матни шарҳи ҳол кор карда тавонистан;

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **39. Супориш:** Матнро хонед ва мавзӯи асосии онро муайян кунед. Гӯед, ки сифат ва зарфҳо дар матн чӣ нақше доранд. Ҷумлаҳои зарфдорро нависед ва ба кадом навъ тааллуқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳаед.

1 Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

2 Арзёбии кори хонандагон аз тарафи худи онҳо:

3 Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**Водорнамоӣ**

**Кори умумӣ. Иҷрои машқи 40. Супориш:** Матнро хонед ва гӯед, ки кадом калимаҳо дар ошкор кардани хислатҳои шахс нақш доранд. Калимаҳои мураккаби матнро нависед ва тарзи сохтани онҳоро шарҳ диҳед.

**Ба хонандагон гӯед, ки ба саволҳо ҷавоб диҳанд:**

1. Дар синфҳои 5 ва 6 бо кадом ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ ошно шудед?
2. Оё медонед, ки кадом талабот нисбат ба ин гуна ҳуҷҷатҳо гузошта шудааст?
3. Ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ чӣ махсусиятҳо доранд?
4. Ин ҳуҷҷатҳо дар кадом шакл иҷро мешаванд?
5. Гӯед, ки ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ чӣ вазифаро иҷро мекунанд ва кай навишта мешаванд?
6. Ҷузъҳои таркиби эълонро чиҳо ташкил мекунанд? Шарҳ диҳед.

**Кори дунафара.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки ҷадвали зеринро ба дафтарашон кашанд. Дар сутунҳо номи ҳуҷҷатҳои азхудкарда ва шарҳи мазмуни онҳоро нависанд. Гӯянд, ки онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |

Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намуда, фикру андешаи ҳамдигарро гӯш кунанд.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни шарҳи ҳол.

**Иҷрои машқи 41. Супориш:** Матнро бодиққат хонед ва ба тартиби навиштани матни шарҳи ҳол зеҳн монед.

**Кори гурӯҳӣ:** Иҷрои машқи **42. Супориш:** Аз рӯйи намунаи матни боло аз кадом ҷузъҳо тартиб ёфтани ***шарҳи ҳол***-ро муайян кунед ва онҳоро батартиб нависед.

(Ному насаб, таърихи таваллуд, ҷой, моҳ ва соли таваллуд, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, шуғл ва ҷойизаҳо (агар бошанд), ширкат дар корҳои ҷамъиятӣ, маълумоти мухтасар дар бораи падару модар (ному насаб ва кору ҷойи зист) вазъи хонавода ва таркиби он, таърихи таҳияи санад, имзои муаллиф).

Шарҳи ҳол одатан ҳангоми ба ягон муассиса ба кор даромадан навишта мешавад.

**Кор дар гурӯҳҳо**: Ҳалли машқҳо. **Ба гурӯҳҳо чунин супоришҳо диҳед:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 43.** Матне нависед ва дар он сифатҳои ягон шахсро баён кунед. Ба зери калимаҳое, ки хислатҳои шахсро баён мекунанд, хат кашед. Муайян кунед, ки барои ин корро анҷом додан бештар аз кадом ҳиссаҳои нутқ истифода кардед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 44.** Бо истифодаи калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сипас роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед. Саволҳо гузоред ва муайян кунед, кадом ҳиссаи нутқ буданашонро гӯед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 45.** Матнро возеҳ хонда сипас нависед ва ба зери калимаҳое, ки хислатҳои Пайравро муайян мекунанд, хат кашед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 46.** Дар бораи шахсе, ки бароятон ошност, дар шакли мактуб матне таҳия кунед. Шарҳ диҳед, ки ҳангоми навишт чӣ мушкилоте пеш омад ва онро чӣ тавр ҳал кардед.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 47.** Матнро хонед ва гӯед, ки аз матнҳои пешин чӣ фарқ дорад.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

**Кори дунафара. Иҷрои машқҳои 49-50**

**Иҷрои машқи 49. Супориш:** Матни зеринро хонед. Дар ин матн талабот нисбат ба шарҳи ҳол риоя шудааст ё не? Ба сарсатри дувум аз охир зеҳн монед. Оё *ба (ба кори)* дар мавқеаш омадааст ё не?

**Иҷрои машқи 50. Супориш:** Матнро хонед. Сипас ба матни боло муқоиса кунед. Байни онҳо чӣ фарқ ҳаст? Ба назари шумо кадомаш беҳтар аст?

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 48.** Ба хонандагон гӯед, ки аз китоби «Адабиёт» маълумоти ба ин ё он адиб додашударо хонда, шарҳи ҳоли ин ё он нависандаро нависанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФИ ТАРЗИ АМАЛ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардани мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

- зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ба навъҳои зарфҳо мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба вазифаи зарфи тарзи амал маълумот пайдо кардан;
- мавриди истифодаи зарфи тарзи амалро дар ҷумла муайян карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1. Иҷрои машқи 48.** Ба хонандагон гӯед, ки аз китоби «Адабиёт» маълумоти ба ин ё он адиб додашударо хонда, шарҳи ҳоли ин ё он нависандаро нависанд.

1.Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

2.Арзёбии кори хонандагон аз тарафи худи онҳо:

3.Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта:

• Шарҳи ҳол чӣ гуна ҳуҷҷат аст?

• Он дар кадом маврид навишта мешавад?

**III. Баёни мавзӯи нав. Зарфи тарзи амал**

**Супориш: Иҷрои машқи 51.** Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ифодаҳои бо ҳарфҳои сиёҳи баланд чопшуда ба кадом ҳиссаи нутқ вобаста шудаанд. Муайян кунед, ки калимаҳои ишорашуда дар ин ҷо ба кадом ҳиссаи нутқ таалluқ доранд. Онҳоро аз рӯйи сохт шарҳ диҳед.

**Кори инфиродӣ. Супоришҳои гурӯҳҳо**:

**Қатори 1. Иҷрои машқи 51.** Порчаи манзумро ба наср баргардонед ва нависед. Дар вақти ба наср баргардонидан чӣ ҳодиса рух дод? Ба зарфҳо савол гузоред ва кадом навъ будани онҳоро маънидод кунед.

**Қатори 2: Иҷрои машқи 52.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери зарфҳои тарзи амал хат кашед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Қатори 3: Ичрои машқи 53.** Бо истифодаи зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба имлои зарфҳо диққат диҳед.

| | |
|---|---|
| Гурӯҳи 1: ало-ало | дам ба дам |
| Гурӯҳи 2: бодиққат | паснокӣ |
| Гурӯҳи 3: дулунҷа | секаса |
| Гурӯҳи 4: беист | тез-тез |

• Ба хонандагон фаҳмонед, ки ба кори гурӯҳҳо (ҳамдигар) баҳогузорӣ намоянд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кори гурӯҳӣ**

**Супориш ба гурӯҳҳо: Иҷрои машқи 54.** Ҷумлаҳоро хонед ва баъд онҳоро нависед. Саволҳои муносиб гузошта, зарфҳои тарзи амалро аниқ созед ва ба кадом калимаҳо тобеъ буданашонро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 1: Ҷумлаи 1

Гурӯҳи 2: Ҷумлаи 2

Гурӯҳи 3: Ҷумлаи 3

Гурӯҳи 4: Ҷумлаи 4

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 55.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки порчаро бодиққат хонанд ва гӯянд, ки дар бораи чӣ сухан меравад. Сипас ҷумлаҳои зарфи тарзи амалдорро нависанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФИ МИҚДОРУ ДАРАҶА

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардани мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

- зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ба навъҳои зарфҳо мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсад:**

- оид ба вазифаи зарфи миқдору дараҷа маълумот пайдо кардан;

- мавриди истифодаи зарфи миқдору дараҷаро дар ҷумла муайян карда тавонистан;

- навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдан ва ба имлои онҳо риоя кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. **Иҷрои машқи 55.** Хонандагон порчаро бодиққат хонда гӯянд, ки дар он сухан бораи чӣ сухан меравад. Сипас ҷумлаҳои зарфи тарзи амалдорро нависанд.

1. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
2. Арзёбии кори хонандагон аз тарафи худи онҳо;
3. Саволҳо доир ба мавзӯи гузашта:

• Хусусиятҳои асосии зарф кадом аст?
• Зарф асосан ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
• Зарф чанд навъ дорад?
• Зарфи тарзи амал чиро ифода мекунад?
• Зарф дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?

**III. Баёни мавзӯи нав**. Зарфи миқдору дараҷа

**Иҷрои машқи 56.** Хонандагонро водор намоед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои бо ранги сиёҳтар чопшударо шарҳ диҳанд. Дар сутуни аввал калимаҳоро нависанд, дар сутуни дуюм саволҳоро.

| | |
|---|---|
| | |

• Сипас аз рӯйи саволгузорӣ қоида таҳия намоянд:

- Зарфи миқдору дараҷа … ва …ро ифода карда, ба саволҳои **…….** ҷавоб мешавад. Мисол:

- Зарфи миқдору дараҷа дар ҷумла ба вазифаи ….. меояд. Мисол:

**Кори инфиродӣ. Супориш ба ҳама:** Иҷрои машқи **57.** Ҷумлаҳоро нависед ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созед. Ба зерашон хат кашида, ба кадом калима вобаста шуданашонро шарҳ диҳед.

• Кори худро муаррифӣ намоед.

| | |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

**IV.Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Иҷрои машқи **58.** Таъкид кунед, ки матнро хонанд ва мулоҳизаашонро баён кунанд. Агар ҳамин гуна ҳикоягӯйиро мушоҳида карда бошанд, мухтасар нақл кунанд. Ба саволҳои зери он ҷавоб гардонанд.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 57.** Таъкид кунед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созанд. Ба зерашон хат кашида, ба кадом калима вобаста шуданашонро шарҳ диҳанд.

| **Зарф - калимаи тобеъшаванда** | **Калимаи асосӣ** |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

# ЗАРФИ ЗАМОН

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардани мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

– зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;

– ба навъҳои зарфҳо мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;

– бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба вазифаи зарфи замон маълумот пайдо кардан;

- мавриди истифодаи зарфи замонро дар ҷумла муайян карда тавонистан;

- навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдани зарфи замон ва ба имлои он риоя кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. 1. **Иҷрои машқи 57.** Гӯед, ки ҷумлаҳоро нависанд ва зарфҳои миқдору дараҷаро аниқ созанд. Ба зерашон хат кашида, ба кадом калима вобаста шуданашонро шарҳ диҳанд.

| Зарф - калимаи тобеъшаванда | Калимаи асосӣ |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

2. Санҷиши дафтарҳо;
3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта;
4. Арзёбии дониши бачаҳо аз тарафи ҳамдигар.

| Т/р | Номи хонанда | Саволу ҷавоб | Санҷиши дафтар | Арзёбӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |

**III. Баёни мавзӯи нав. Зарфи замон**

**Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи **59.** Ба хонандагон гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва баъд нависанд. Зарфҳоеро, ки замони ба вуҷуд омадани амалро мефаҳмонанд, муайян карда шарҳ диҳанд.

• Гӯянд, ки зарфҳо дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меоянд.

Ҷумлаҳоро пурра намоянд:

-Зарфи замон ….. –ро мефаҳмонад.

-Он ба саволҳои …… ҷавоб мешавад.

-Зарфи замон дар ҷумла ба вазифаи …. меояд.

**Иҷрои машқи 60. Супоришҳо:** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳадафи нависанда чист. Ба матн чӣ ном гузоштан мумкин аст? Ба саволҳои зери матн ҷавоб диҳед.

1. Ҷумлаҳои зарфҳои тарзи амал ва замондоштаро нависед.
2. Гӯед, ки зарфҳо ба кадом калимаҳо вобаста шудаанд?
3. Ба матн зарфҳои замон илова кардан мумкин аст? Дар ду ҷумлаи аввал бисанҷед.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **61.** Фаҳмонед, ки бо зарфҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳанд ва нависанд: *барвақт, навакак, фавран, доим, ҳамеша, шабона, рӯзона.*

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФИ МАКОН

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардан мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

– зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;

– ба навъҳои зарфҳо мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;

– бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба вазифаи зарфи замон маълумот пайдо кардан;

- мавриди истифодаи зарфи замонро дар ҷумла муайян карда тавонистан;

- навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдани зарфи замон ва ба имлои он риоя кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **61.** Бо зарфҳои додашуда ҷумлаҳои тартибдодаи хонандагонро аз назар гузаронед: *барвақт, навакак, фавран, доим, ҳамеша, шабона, рӯзона.*

1. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

2. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Зарфи макон.

**Иҷрои машқи 62. Супориш:** Ҷумлаҳоро хонед, ба ифодаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда саволҳо гузоред ва чиро ифода кардани онҳоро шарҳ диҳед.

• Хулосаатонро гӯед: ин калимаҳо чиро ифода мекунанд? Ба кадом ҳиссаи нутқ тобеанд?

Ҷумлаҳоро пурра намоед:

-Зарфи макон ….. –ро мефаҳмонад.

-Зарфи макон ба саволҳои …. ҷавоб мешавад.

Зарфи макон дар ҷумла ба вазифаи …. меояд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1**. Иҷрои машқи **63.** Ҷумлаҳоро навишта, зарфҳои маконро муайян созед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба кадом феълҳо вобаста шудаанд?

**Гурӯҳи 2.** Иҷрои машқи 64. Бо истифода аз зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: Дуртар, наздиктар, пештар, пеш-пеш, он ҷо.

**Гурӯҳи 3.** Иҷрои машқи **65.** Нақшаро хонед, ба зарфҳо саволи мувофиқ гузоред. Доир ба ҳар кадом ҷумла тартиб диҳед. Имлои онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4.** Иҷрои машқи 66. Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта ҷумлаҳоро нависед. Имлои зарфҳоро дар хотир гиред.

**Гурӯҳи 5.** Иҷрои машқи 67. Бо истифодаи калима ва ифодаҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба зери зарфҳо хат кашида, ба кадом вазифа омаданашонро шарҳ диҳед.

*Поён, боло, болотар, ин ҷо, ҳама ҷо, ин тараф, он тараф, ба канор.*

**V. Вазифаи хонагӣ.** Ба хонандагон бигӯед, ки дар мавзӯи «Саёҳат ба табиат» иншо нависанд ва аз зарфҳо, бахусус зарфи макон истифода баранд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲОИ ЖАНРИ РӮЗНОМА (*ХАБАР)*

**Салоҳиятҳо:**

7.2.8. Фарқ кардани хабар (ҳамчун жанри иттиллоотӣ) ва мусоҳиба аз дигар жанрҳои рӯзномавӣ, сарфаҳм рафтан ба тарзи баёни мақсад дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, донистани мавриди истифодаи хабар ва мусоҳиба, рушд бахшидани малакаи суҳбаторӣ.

**Хонанда**

- фарқи хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳо аз худ карда метавонад;
- дар таҳияи матнҳои хабарӣ ва мусоҳиба малака ҳосил мекунад;
- малакааш дар навиштани жанрҳои рӯзномавӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;
- кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоида (дарёфти ғалатҳо дар асоси қоида);
- кор оид ба таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани қоидаҳо (зимни таҳлили ғалатҳо дарёфти хусусияти дигари хабар).

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. 1. Иншои навиштаи хонандагонро дар мавзӯи «Саёҳат ба табиат» аз назар гузаронед, бинед, ки хонандагон аз зарфҳо, бахусус зарфи макон истифода бурдаанд ё не.

2. Саволу ҷавоб;

3. Таҳлили корҳои хаттии хонандагон.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни *хабар***

**Кор дар гурӯҳҳо.** Таҳияи хабар аз рӯйи навъҳо

Гурӯҳи 1: Хабари сиёсӣ

Гурӯҳи 2: Хабари варзишӣ

Гурӯҳи 3: Хабари фарҳангӣ

Гурӯҳи 4: Хабар аз ҳаёти мактабӣ

Гурӯҳи 5: Овоза

• Таҳлили хабарҳо. Пурсиш:

- Гӯед, ки дар навиштани хабар чиҳоро ба назар гирифтан лозим аст.
- Ба кори ҳамдигар аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда баҳогузорӣ ва хулосаи худро дар ҷадвал баррасӣ намоед.

| **Т/Р** | **Навъи хабар** | **Меъёр** | **Норасоӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| **Гурӯҳи 1** | | | | |
| **Гурӯҳи 2** | | | | |
| **Гурӯҳи 3** | | | | |
| **Гурӯҳи 4** | | | | |
| **Гурӯҳи 5** | | | | |

**IV. Вазифаи хонагӣ.** Гӯед, ки аз матбуоти даврӣ ва телевизиону радио се хабарро ҷамъ кунанд. Фикри худро дар бораи хабарҳо тариқи ҷадвал баррасӣ намоянд.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ЗАРФҲОИ САБАБУ МАҚСАД

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани навъҳои зарф дар матн, дарк кардани мавриди истифодаи навъҳои зарф дар матн.

**Хонанда**

- зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ба навъҳои зарфҳо мисол меорад, онҳоро бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- бо имлои навъҳои зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба навъҳои зарф маълумот пайдо кардан;
- мавриди истифодаи навъҳои зарфро дар ҷумла муайян карда тавонистан;
- навъҳои зарфро аз рӯйи маъно гурӯҳбандӣ намуда, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст истифода бурдан ва ба имлои онҳо риоя кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Ба хонандагон гӯед, ки аз матбуоти даврӣ ва телевизиону радио се хабарро ҷамъ кунанд. Фикри худро дар бораи хабарҳо тариқи ҷадвал баррасӣ намоянд.

| **Номи хонанда** | **Навъи хабар** | **Меъёр** | **Норасоӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Баҳогузорӣ ба кори ҳамдигар;
4. Саволу ҷавоб.

**III.Баёни мавзӯи нав. Зарфҳои сабабу мақсад.**

• **Ҷалби диққати хонандагон ба мавзӯъ бо иҷрои машқи 82.** Ҷумлаҳоро хонда, ба калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда саволҳои мувофиқ гузоранд ва ба кадом навъи зарф мансуб будани онҳоро муайян кунанд.

• **Гӯед, ки ҷумлаҳоро аз рӯйи фаҳмиш пурра намоянд:**

-Зарфи сабаб ……-ро мефаҳмонад.

-Зарфи мақсад ….-ро мефаҳмонад.

-Зарфҳои сабаб ва мақсад ба саволҳои …. ҷавоб мешаванд.

-Зарфҳои сабабу мақсад дар ҷумла ба вазифаи …. меоянд.

• Иҷрои машқи **83.** Хонандагон матнро бодиққат хонанд ва мазмуни онро нақл кунанд. Гӯед, ки ҳадафи асосии он чист? Кадом ном ба матн муносиб аст, шарҳ диҳанд. Ба саволҳои зери он ҷавоб дода, супоришҳояшро иҷро кунанд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори гурӯҳӣ.** Гӯед, ки бо зарфҳои додашуда ҷумла нависанд:

**Қатори 1**: пагоҳ, бегоҳӣ;

**Қатори 2:** порсол, ночор;

**Қатори 3:** қасдан, саҳван.

**V.Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 84. Гӯед, ки порчаи манзумро хонанд ва маънидод кунанд. Ҳангоми нақл аз зарфҳои сабабу мақсад истифода баранд. Натиҷаи бардоштаашонро мухтасар нависанд. Ба саволҳои зери он ҷавоб дода, супоришҳояшро иҷро кунанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## СОХТИ ЗАРФҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои сарфии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, ташаккули маҳорати шинохтани зарф дар матн, муайян кардани вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла:

**Хонанда**

➢ зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;

➢ ба зарфҳо мисол меорад, хелҳои зарфро нишон медиҳад, бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;

➢ сохти зарфҳоро шарҳ медиҳад, бо пасванд ва пешвандҳои зарфсоз калимаҳои нав месозад;

- ➢ бо имлои зарф ва сохти он бештар шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба сохти зарф маълумот пайдо кардан;
- истифодаи бамавриди зарфҳо аз рӯйи сохту таркиб дар нутқи шифоҳӣ ва имлои дурусти онҳо дар нутқи хаттӣ.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 84. Порчаи манзумро хонанд ва маънидод кунанд. Ҳангоми нақл аз зарфҳои сабабу мақсад истифода баранд. Натиҷаи бардоштаашонро мухтасар нависанд. Ба саволҳои зери он ҷавоб дода, супоришҳояшро иҷро кунанд.

2. Таҳлили дафтарҳои даврӣ;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъ ва сохти калима.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Сохти зарфҳо. Иҷрои машқи **92.** Ба хонандагон гӯед, ки порчаро хонда, зарфҳоро ёбанд ва сохти онҳоро шарҳ диҳанд.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

Гурӯҳи 1: **Иҷрои машқи 85.** Аз рӯйи нақша роҳҳои сохта шудани зарфҳои сохтаро шарҳ диҳед.

Гурӯҳи 2: **Иҷрои машқи 86.** Бо зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед. Он зарфҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ дода, беғалат навиштани онҳоро машқ кунед:

*бошиддат, беихтиёр, дартоз, ногаҳон, нохост, саҳван, мардонавор, аспакӣ, шодона, андактар.*

Гурӯҳи 3: **Иҷрои машқи 87.** Шеърро равон хонед ва таассуроти бардоштаатонро нақл кунед.

Гурӯҳи 4: **Иҷрои машқи 88.** Зарфҳои зеринро нависед ва роҳҳои сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед: якзайл, парерсол, пешопеш, худписандона, нисфишабӣ, якбора, узрхоҳона, гупсарсавор, дувоздаҳтагӣ.

Гурӯҳи 5: **Иҷрои машқи 89.** Нақшаро хонед ва тарзи сохта шудани зарфҳои мураккабро шарҳ диҳед ва ба имлои онҳо зеҳн монед.

Гурӯҳи 6: Иҷрои машқи **90.** Нақшаро хонед, роҳҳои сохта шудани зарфҳои таркибиро шарҳ диҳед. Шаш ҷумла тартиб диҳед ва аз зарфҳои таркибӣ истифода баред.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори дунафара.** Бозии «Зуд ва бехато». Гӯед, ки дар сутунҳо калимаҳои мувофиқ ёфта нависанд.

| **Т/р** | **Зарфҳои сода** | **Зарфҳои сохта** | **Зарфҳои мураккаб** | **Зарфҳои таркибӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| Баҳо | | | | |

- Гӯед, ки ба кори ҳамдигар баҳо гузоранд.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 91. Фаҳмонед, ки матнро хонда маънидод кунанд ва зарфу сифатҳои онро муайян сохта, дар сутунҳои алоҳида нависанд. Сипас аз сифат чӣ фарқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАҲЛИЛИ САРФӢ (МОРФОЛОГӢ)- И ЗАРФ
## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОРУ ҶАМЪБАСТИ ЗАРФ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои сарфии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, ташаккули маҳорати шинохтани зарф дар матн, муайян кардани вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла:

**Хонанда**

- ➢ зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ➢ ба зарфҳо мисол меорад, хелҳои зарфро нишон медиҳад, бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- ➢ сохти зарфҳоро шарҳ медиҳад, бо пасванд ва пешвандҳои зарфсоз калимаҳои нав месозад;
- ➢ бо имлои зарф ва сохти он бештар шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- аломатҳои шартии таҳлили сарфиро донистан;
- таркиби исмҳоро ҷудо карда тавонистан;
- сохти исм ва хелҳои исмро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузарондани ҳолати санитарии синф.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 91. Фаҳмонед, ки матнро хонда маънидод кунанд ва зарфу сифатҳои онро муайян сохта, дар сутунҳои алоҳида нависанд. Сипас аз сифат чӣ фарқ доштани зарфҳоро шарҳ диҳанд.

2. Таҳлили кори хаттии хонандагон;

3. Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав. Таҳлили сарфӣ (морфологӣ)-и зарф. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти зарф**

**Ангезиши зеҳн.** Саволи омӯзгор: Пурсед, ки таҳлили сарфии зарф барои чӣ лозим аст? Мо аз он дар куҷо истифода мебарем, чаро мо бояд онро донем?

Шунидани ҷавобҳои хонандагон.

**Ҷамъбасти омӯзгор:** Бале, мақсади асосӣ аз таҳлили сарфӣ (морфологӣ)-и исм, мустаҳкамкунии донишҳои мо дар бораи сохт ва хелҳои исм аст, мо тавассути донистани хелҳои исм, маъниҳои калимаҳоро мефаҳмем, мавриди истеъмоли онҳоро меомӯзем.

**Кори инфиродӣ:** омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ҷумлаи зеринро таҳти қироати ӯ нависанд. Дар ин маврид таъкид мегардад, ки ҳама китобҳои дарсии худро пӯшида нигоҳ доранд. Мисол: Шеър бояд монанди он майсаҳои навруста… озодона иншо гардад.

**Озодона** кадом ҳиссаи нутқ аст? Чиро ифода мекунад? Тағйирнаёбанда аст ё не?. Дараҷаи муқоисавӣ дорад ё не?. Ба кадом ҳиссаи нутқ нигаронида шудааст (озодона иншо гардад) ва дар ҷумла ба вазифаи чӣ меояд?

Аз рӯйи саволҳои китоб дониши ҳамдигарро санҷед.

**Кори инфиродӣ.** Ба ҳама фаҳмонед, ки бо истифода аз зарф ҷумлае нависанд ва онҳоро аз лиҳози сарфӣ таҳлил намоянд.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз асарҳои бадеӣ ду ҷумла навишта, зарфҳои онро таҳлили сарфӣ кардан. Такрори боби «Зарф».

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## III. КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО (ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО) МАЪНОИ ЛУҒАВӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, куҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, куҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
- ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонанд;
- бо луғатҳо кор карда тавонанд;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз асарҳои бадеӣ ду ҷумла навишта, зарфҳои онро таҳлили сарфӣ кардан. Такрори боби «Зарф».

• Гӯед, ки зарф аз рӯйи кадом хусусиятҳояш таҳлил мегардад.

**III. Баёни мавзӯи нав. МАЪНОИ ЛУҒАВӢ**

Хонандагонро водор намоед, ки маводди пеш омӯхтаашонро ба ёд оварда, ба саволҳо ҷавоб диҳанд:

1. Маънои луғавии калима чиро дар назар дорад?
2. Чӣ гуна калимаҳоро сермаъно меноманд?
3. Кадом калимаҳо якмаъно мебошанд?
4. Маънои маҷозии калимаро чӣ тавр мефаҳмед?
5. Ҳамгуна чист?
6. Чиро муродиф меноманд?
7. Чӣ гуна калимаҳоро зидмаъно мегӯянд?

**Кори инфиродӣ.** Супоришҳои умумӣ:

• **Иҷрои машқи 93.** Матнро бодиққат хонед ва калимаҳои бароятон нофаҳморо аниқ созед. Сабаби нафаҳмидани маънои калимаҳоро шарҳ диҳед.

**Иҷрои машқи 94.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки кадом калимаҳо бароятон фаҳмоанд. Чаро?

Ҷадвали зеринро аз рӯйи талаби машқҳои боло пур кунед.

| Т/р | Калимаҳои фаҳмо | Калимаҳои нофаҳмо |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |

• Кори ҳамдигарро санҷед ва баҳогузорӣ намоед.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо. Иҷрои машқи 95.** Ба ҳамаи хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонанд ва нуктаи асосии онро муайян кунанд. Андешаи худро доир ба ин масъала баён созанд.

Гурӯҳи 1.
Гурӯҳи 2.
Гурӯҳи 3.
Гурӯҳи 4.
Гурӯҳи 5.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Оби олуда – сарчашмаи ҳамаи бемориҳо» иншо навиштан. Маънои луғавии 10 калимаи онро шарҳ додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ АСЛИИ ТОҶИКӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
- ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонистан;
- бо луғатҳо кор кардан ва аз худ кардан;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонистан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Дар мавзӯи «Оби олуда – сарчашмаи ҳамаи бемориҳо» иншое навиштан. Маънои луғавии 10 калимаи онро шарҳ додан.

2. Таҳлили корҳои хаттии хонандагон;
3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои аслии тоҷикӣ**

Омӯзгор мухтасар оид ба маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо маълумот медиҳад. Аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки қоидаҳои зеринро пурра созанд:

• *Ба маънои воқеӣ истифода шудани калима маънои ........ ном дорад.* Масалан: хонаи калон, китоби хуб, чормағзи пуч.

**Маънои аслӣ:** Вай гимназияро бо медали тилло хатм кард.

**Иҷрои машқи 96**. Порчаро бодиққат хонед ва фаҳмидаатонро шарҳ диҳед.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ. Калимаҳои аслии тоҷикиро ҷудо намуда, бо онҳо ҷумла тартиб додан:

*Фарогат, мактаб, илм, об, бозор, модар, падар, компютер, телефон.*

**Савол ва супориш**

1. Калимаҳои аслии тоҷикӣ чӣ гуна калимаҳо будаанд?
2. Таркиби калимаҳои аслии тоҷикӣ якхеланд ё гуногун? Чаро?
3. Зери ифодаҳои калимаи сирф тоҷикӣ чӣ фаҳмида мешавад? Шарҳ диҳед.

**V. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи **97.** Шеърро возеҳ хонда, ҳадафи адиброо муайян кардан. Калимаҳои аслии тоҷикии матнро аниқ сохтаву шарҳ додан. Ба саволҳои зери матн ҷавоб дода, супоришҳои онро иҷро намудан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
- ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонистан;
- бо луғатҳо кор карда омӯхтан;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонистан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи 97. Шеърро возеҳ хонда, ҳадафи адибро муайян кардан. Калимаҳои аслии тоҷикии матнро аниқ сохта шарҳ додан. Ба саволҳои зери матн ҷавоб дода, супоришҳои онро иҷро намудан.

**III. Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои иқтибосӣ** (Шарҳи омӯзгор бар асоси қоидаҳои китоби дарсӣ ва дар асоси машқи 99. (Порчаро хонда фаҳмондани он, ки дар он калимаҳои тоҷикӣ бештар истифода шудаанд ё иқтибосӣ.)

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи **100.** Нависед ва шарҳ диҳед, ки калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда аз кадом забон иқтибос шудаанд.

Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи **101.** Порчаро бодиққат хонед ва гӯед, ки аз он чиро пай бурдед.

Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи **102.** Хонед ва хулосаатонро дар хусуси иқтибоси калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ баён кунед.

Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи **103.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чаҳор калимаи иқтибосӣ ёфта, бо мисолҳояш нависед ва шарҳ диҳед, ки аз кадом забон иқтибос шудаанд.

Гурӯҳи 5: Иҷрои машқи **104.** Муродифҳои ҳар як калимаи додашударо муайян сохта, дар рӯ ба рӯяш нависед. Шарҳ диҳед, ки кадоме аз он калимаҳо тоҷикӣ ва кадоме арабианд.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 105.** Бо истифода аз калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб додан, фаҳмондани он ки чаро онҳо ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Муродифи тоҷикии онҳоро ёфтан.

*Милтиқ, яроқ, қаровул, қошоқ, пайт, чумчуқ, тумшуқ, қозӣ.*

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ КӮҲНА ВА НАВ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавӣ аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;

- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, куҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
- ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонистан;
- бо луғатҳо кор карданро аз худ кардан;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонистан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **105.** Бо истифода аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб дода, фаҳмондани он, ки чаро онҳо ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Муродифи тоҷикии онҳоро ёбед.

*Милтиқ, яроқ, қаровул, қошиоқ, пайт, чумчуқ, тумшуқ, қозӣ.*

2. Таҳлили кори хаттии хонандагон;

3. Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои куҳна ва нав**

**Иҷрои машқи 106**. Ба расмҳо зеҳн монда, онҳоро номбар кардан. Пурсед, ки чаро номи баъзе аз онҳоро шарҳ дода натавонистанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| мукӣ | сипар | чарх | поку |

**Шарҳи омӯзгор бар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ**

**Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1: Иҷрои машқи 107.** Порчаҳоро хонед. Гӯед, ки чаро маънои баъзе калимаҳоро нафаҳмидед ва шарҳ дода натавонистед. Ба «Фарҳанги тафсирӣ» нигаред ва шарҳи онҳоро ёбед ва нависед.

**Гурӯҳи 2: Иҷрои машқи 108.** Аз «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» панҷ калимаи куҳнаро ёбед ва онҳоро бо шарҳашон нависед. Муайян кунед, ки ҳоло ба ҷойи онҳо кадом калимаҳо истифода мешаванд.

**Гурӯҳи 3: Иҷрои машқи 109.** Матнро возеҳ хонед ва калимаҳои куҳнаро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом давра тааллуқ доранд.

**Гурӯҳи 4: Иҷрои машқи 110.** Матнро хонед ва маънидод кунед, калимаи навсохти онро ёбед ва чӣ гуна сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

**IV. Кори мустақилона.** Иҷрои машқи **112.** Хонандагон банавбат матнро мехонанд, баъд хулосаашонро мегӯянд.

**Иҷрои машқи 111.** Порчаҳоро навишта, калимаҳои навро ёфтан ва ба зерашон хат кашидан. Гӯянд, ки кадоме аз онҳо умумӣ шуд?

**Кори инфиродӣ**. **Супориш:** Иҷрои машқи **113.** Калимаҳои зеринро наввожа гуфтан мумкин аст? Гӯед, ки онҳо чӣ гуна сохта шудаанд?

*Бедилизм, ҷадидизм, тамошогар, кранчӣ, роҳи асфалтпӯш, мошинхона, комбинати хонасозӣ.*

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз китобҳои бадеӣ ва матбуоти даврӣ 4 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо калимаҳои куҳна ва нав истифода шуда бошанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ СОҲАВӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ,

калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, куҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, куҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
- ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- калимаҳои соҳавиро шинохтан ва фарқ кардани онҳо аз дигар калимаҳо;
- мавриди истифодаи калимаҳои соҳавиро дар нутқ муайян карда тавонистан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Аз китобҳои бадеӣ ва матбуоти даврӣ 4 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо калимаҳои куҳна ва нав истифода шуда бошанд.

2. Таҳлили кори хонандагон;

3. Саволу ҷавоб.

**II. Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои соҳавӣ**

**Кори инфиродӣ. Супоришҳо: Иҷрои машқи 114.** Калимаҳоро нависед, ба кадом соҳаву пеша ва кор мансуб будани онҳоро шарҳ диҳед ва дар қатори охир номи соҳаро нависед.

| Реша | Ракс | Ғӯза | Шероза |
|---|---|---|---|
| асос | оҳанг | пахта | фаровез |
| бандак | адвор | нах | зеҳ |
| сифат | мақом | чӯяк | абра |
| мубтадо | бастакор | нурӣ | сӯзанӣ |
| | | | |

**Шарҳи омӯзгор бар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 115.** Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо нависед ва шарҳ диҳед, ки ба кадом соҳа мансубанд.

**VI. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супориш:** Иҷрои машқи **116** тавассути бозии “Зуд ва бехато”. Хонандагон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Омӯзгор диққати онҳоро ба зуд ва бехатонависӣ ҷалб мекунад, ҳар гурӯҳ вазифаи худро дар нимаи тахтаи синф менависад ва ба кадом соҳа тааллуқ доштани онро шарҳ медиҳанд. Дар иҷрои машқ ба нутқи хаттиву шифоҳӣ, зеҳн ва ҳозирҷавобии хонанда аҳамият дода мешавад.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Касби дӯстдоштаи ман» иншо навишта, аз рӯйи имкон аз истилоҳоти лозима истифода бурдан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ ШЕВАГӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, куҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- дар бораи калимаҳои аслии тоҷикӣ, иқтибосӣ, куҳна ва нав, соҳавӣ ва шевагӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;

➢ ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- худдорӣ кардан аз истифодаи калимаҳои шевагӣ;
- донистани мавриди истифодаи калимаҳои шевагӣ дар адабиёт;
- муайян кардани шаклҳои адабии калимаҳои шевагӣ.

**Равиши дарс**

**VI. Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Дар мавзӯи «Касби дӯстдоштаи ман» иншо навиштан ва аз рӯйи имкон аз истилоҳоти лозима истифода бурдан.

2. Аз назар гузарондани кори хаттии бачаҳо;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Калимаҳои шевагӣ

**Супориш:**

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 117.** Порчаро хонед ва шарҳ диҳед, ки чаро Зафар сухани амакашро нафаҳмид. Ба саволу супоришҳои поёни матн таваҷҷуҳ намоед.

**Кори умумӣ. Иҷрои машқи 118.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳадафи асосии он аз чӣ иборат аст. Мавқеи истифодаи калимаҳои шевагиро пай бурдед?

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои машқи 119.** Гӯед, ки матнро хонанд ва яке аз манбаъҳои бойшавии забон будани калимаҳои шевагиро шарҳ диҳанд.

Ҷадвали зеринро аз рӯйи мазмун пур кунанд:

| ***Калимаҳо*** | |
|---|---|
| ***шевагӣ*** | ***адабӣ*** |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**Иҷрои машқи 120.** Матнро хонда, гӯянд, ки чӣ хидматҳои дигари устодро медонанд? Мухтасар нависанд.

**V. Вазифаи хонагӣ**. Нақле навишта, дар он шахсонеро тасвир кунед, ки калимаҳои шевагиро бемавқеъ истифода мебаранд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАЪРИХИ БАРОМАДИ БАЪЗЕ КАЛИМАҲО

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, куҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

➢ маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
➢ дар бораи таърихи пайдоиши калимаҳо маълумоти тоза мегирад;
➢ тартиби кор бо луғатро меомӯзад;
➢ ба мазмун ва имлои калимаҳо таваҷҷуҳи бештар менамояд.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- дар бораи таърихи пайдоиши калимаҳо маълумот ба даст овардан;
- муносибати байни забонҳоро дарк ва муайян кардан;
- бо фарҳанги этимологӣ кор карданро омӯхтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Нақле навишта, дар он шахсонеро тасвир кунед, ки калимаҳои шевагиро бемавқеъ истифода мебаранд.

2. Таҳлили кори хаттии хонандагон;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Таърихи баромади баъзе калимаҳо. Шарҳи омӯзгор дар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ бо иҷрои машқи 121.** Хондан ва шарҳ додани он, ки кадом соҳаи забоншиносӣ таърихи баромади калимаҳоро меомӯзад.

**• Супориш: Иҷрои машқи 122.** Матнро хонед ва сарсатрҳоеро, ки дар онҳо таърихи баромади калимаҳо шарҳ ёфтаанд, нависед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои машқи 123.** Ба хонандагон гӯед, ки матнро хонда хулосаашонро баён кунанд. Гӯянд, ки забон бар иловаи калимаҳои наву иқтибосӣ боз аз кадом сарчашмаҳо бой мегардад.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 124.** Матнро хонда фаҳмонанд, ки барои луғатдон шудан чӣ бояд кард. Ба мазмуни саволу супоришҳои зери он таваҷҷуҳ намоянд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ *ҲИСОБОТ*

**Салоҳиятҳо:**

7.2.3. Малака ҳосил кардан дар тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисобот, фарқ кардани меъёрҳои навиштани ҳисобот аз дигар ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ.

7.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли ҳисобот.

**Хонанда**

- матни ҳисоботро тағйир дода метавонад;
- матни ҳисоботро таҳия мекунад;
- малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- дар навиштани ҳисобот малака пайдо кардан;
- зарурати навиштани ҳисобот ва мавриди истифодаи онро дарк кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 124.** Матнро хонда фаҳмонанд, ки барои луғатдон шудан чӣ бояд кард. Ба мазмуни саволу супоришҳои зери он таваҷҷуҳ намоянд.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кори инфиродӣ**. Иҷрои машқи **125.** Хонандагонро водор намоед, ки матни ҳисоботро хонда мулоҳизаҳояшонро баён кунанд.

• Шарҳи омӯзгор

**Диққати бачаҳоро ба он ҷалб намоед, ки аз рӯйи нақшаи зерин навиштани ҳисобот мумкин аст?**

1.Кӣ, барои чӣ ва барои кадом давра ҳисобот медиҳад?

2.Вазифаи асосие, ки дар ҳамин давра ба нақша гирифта шудааст.

3.Мухтасар, аниқ ва бо зикри далелҳо, рақам ва шахсони иҷрокарда, мураттаб навиштани корҳои анҷомдодашуда.

4.Зикри вазъияте, ки барои иҷрои кори пешбинишуда мусоидат карданд ё монеъ шуданд.

5.Хулоса ва пешниҳодҳо

Дар зери ҳисобот таърихи иҷро ва имзо гузошта мешавад.

Дар қадами аввал хонандагон тибқи нақша дастаҷамъона ҳисоботи шифоҳӣ омода мекунанд. Сипас кор бо луғат ё шарҳи луғат анҷом дода мешавад, ба шарте ки мавзӯи ҳисобот истилоҳотро фаро бигирад.

**Кори дунафара**. **Супориш:** Иҷрои машқи **126.** Диққати хонандагонро ба таҳияи нақшаи кори синф барои моҳи май ҷалб намоед. Дар таҳияи он ду-ду ё гурӯҳӣ фаъолият намоянд. Дар вақти аниқ сохтани тарҳи нақша ба намунаи зерин зеҳн монед:

| **Р/т** | **Номгӯйи чорабиниҳо** | **Мутасаддии иҷро** | **Муҳлати иҷро** | **Қайдҳо оид ба иҷро** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**III. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи **123.** Ба хонандагон гӯед, ки дар бораи кори дар дарси меҳнат анҷомдодаашон ҳисобот нависанд. Супориш шудааст, ки барои мактаб 30 хокандоз сохта шавад. Корро аз чӣ сар мекунанд ва ба чӣ анҷом медиҳанд?

**IV. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

**КОР БО МАТНИ *ҲИСОБОТ* (Дарси 2)**

**Салоҳиятҳо:**

7.2.3. Малака ҳосил кардан дар тартиб додан ва пешниҳод кардани ҳисобот, фарқ кардани меъёрҳои навиштани ҳисобот аз дигар ҳуҷҷатҳои расмии коргузорӣ.

7.2.4. Тағйирдиҳӣ ва таҳияи матни шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли ҳисобот.

**Хонанда**

- матни ҳисоботро тағйир дода метавонад;
- матни ҳисоботро таҳия мекунад;
- малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- дар навиштани ҳисобот малака пайдо кардан;
- зарурати навиштани ҳисобот ва мавриди истифодаи онро дарк кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **123.** Навиштани ҳисобот дар бораи кори дар дарси меҳнат анҷомдода. Супориш шудааст, ки барои мактаб 30 хокандоз сохта шавад. Корро аз чӣ сар мекунанд ва ба чӣ анҷом медиҳанд?

**III. Супоришҳо: Ҳалли машқҳо**

**Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи **128**. Нақшаи тартиби гузаронидани баъзе бандҳои таътили тобистонаро таҳия кунед. Мумкин аст, ки баъзе бандҳои нақшаи таҳиякардаи духтарон аз нақшаи писарон фарқ кунад. Баъди муҳокима яке аз нақшаҳои хуб таҳияшуда чун намуна интихоб мешавад.

• Кори ҳамдигарро баррасӣ ва арзёбӣ намоед.

• **Иҷрои машқи 126**. Бар асоси нақша ҷадвали нақшаи гузаронидани таътилро таҳия кунед.

| **Р/т** | **Кадом корҳоро бояд анҷом дод?** | **Таърих** | **Эзоҳот оид ба иҷро** |
|---|---|---|---|
| 1. | Ёрӣ расонидан ба падару модар дар корҳои хоҷагӣ | Аз 25.03. то 2.04 | |
| 2. | Хондани китоби… | | |

• **Иҷрои машқи 130.** Матни ҳисоботро хонед ва аниқ созед, ки он муфассал баён ёфтааст ё мухтасар.

**IV. Вазифаи хонагӣ. Ичрои машқи 129.** Доир ба иҷрои чорабиниҳои бахшида ба ҷашни Наврӯз анҷомдода ҳисобот навиштан. Дар ҳисобот бояд ҳам паҳлуҳои мусбат ва ҳам манфии фаъолияти анҷомдодаи муассиса зикр ёбанд.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАЪБИРҲО (ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО)

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- бо мафҳуми фразеология бештар шинос шудан;
- дар муқоиса бо ибораҳои озоди синтаксисӣ шинохтани ифодаҳои фразеологӣ.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. **Ичрои машқи 129.** Доир ба иҷрои чорабиниҳои бахшида ба ҷашни Наврӯз анҷомдода ҳисобот навиштан. Дар ҳисобот бояд ҳам паҳлуҳои мусбат ва ҳам манфии фаъолияти анҷомдодаи муассиса зикр ёбанд.

2. Арзёбии кори хонандагон;

3. Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Таъбирҳо (фразеологизмҳо)

**Ичрои машқи 131.** Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда муқоиса кардан, фарқи ифодаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо аз ҳамдигар шарҳ додан.

**Шарҳи омӯзгор.**

**Ичрои машқи 132.** Ҷумлаҳоро навишта, ифодаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ додан. Шарҳи маънои онҳо.

| Т/р | Таъбирҳо | Шарҳи маънӣ |
|---|---|---|
| 1. | чашми рӯз накафида | |
| 2. | ҷигарам месӯзад, мағзи устухонам месӯзад | |
| 3. | дилам ба ӯ месӯхт | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Ичрои машқи 134.** Байтҳоро хонда маънидод кардан. Шарҳи махсусиятҳои фразеологизмҳо.

**V. Вазифаи хонагӣ. Ичрои машқи 133.** Фразеологизм (таъбир)-ҳои зеринро навишта маънои онҳоро шарҳ додан.

| | |
|---|---|
| кори хайр | гӯши касеро тофтан |
| барги сабз | ду даст дар бинӣ |
| гули сари сабад | гурги борондида |
| нури дида | бори накав |

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАЪБИРҲО ВА ФАРҚИ ОНҲО АЗ КАЛИМАЮ ИБОРАҲО

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- бо мафҳуми фразеология бештар шинос шудан;
- дар муқоиса бо ибораҳои озоди синтаксисӣ шинохтани ифодаҳои фразеологӣ.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. **Иҷрои машқи 133.** Фразеологизм (таъбир)-ҳои зеринро навишта маънои онҳоро шарҳ додан.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| кори хайр | | гӯши касеро тофтан | | Баҳо |
| барги сабз | | ду даст дар бинӣ | | |
| гули сари сабад | | гурги борондида | | |
| нури дида | | бори накав | | |

2. Арзёбии кори хонандагон;
3. Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Таъбирҳо ва фарқи онҳо аз калимаю ибораҳо

**Шарҳи омӯзгор.**

**Иҷрои машқи 135.** Хонда фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои наҳвӣ шарҳ додан.

| | |
|---|---|
| Китоби шавқовар | Гули сари сабад |
| китоби нав | Аз пашша фил сохтан |
| китоби ман | Гул-гул шукуфтан |
| китоби бадеӣ | Дар курта нағунҷидан |

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 136.** Фразеологизмҳои зеринро хонда шарҳ диҳед ва муродифҳои онҳоро дар рӯ ба рӯяшон нависед:

саҳари солеҳон———
пашшаро озор надодан—-
аз дилу ҷон——-
дасту по хӯрдан—-
мум газидан——-
забон баровардан——-
• ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кори мустақилона. Бозии «Зуд ва бехато» аз рӯйи машқи 137.** Ҷумлаҳоро хонда лутфҳои онҳоро шарҳ додан. Сипас фразеологизмҳоро аниқ сохта, хусусиятҳои онҳоро номбар кардан.

| Т/р | Таъбирҳо | Шарҳи маънӣ |
|---|---|---|
| 1. | Меҳмон ба дастархон «ҳуҷум» кард, мизбон дасту по гум кард. | |
| 2. | Аз худ рафт ва дере нагузашта аз Худо низ рафт. | |
| 3. | Дилам ба ӯ месӯхт | |
| 4. | Модар хуни ҷигар мехӯрад, писар кока-кола. | |
| 5. | «Хушбахтона, адабиёти тоҷик дар ин давра камол ёфт», – изҳор кард мунаққиде. Камол Насрулло курта-курта гӯшт гирифт. | |
| 6. | Шикамат нақора мезанад? Рақс кун! | |
| 7. | Замоне чун ба хонаамон меҳмон ояд, дуд аз мӯриямон мебаромад, ин замон дуд аз димоғамон мебарояд. | |
| 8. | Гаҳвораат аз осмон ғалтидааст? Лингатро аз осмон меорем! | |

**Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 139.** Матнро нависед ва гӯед, ки кадом таъбир чун лутф истифода шудааст.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 138.** Ба ҷойи калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда аз фразеологизмҳои дар қавсбуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ХУСУСИЯТҲОИ МУРОДИФӢ, ЗИДМАЪНОӢ ВА ҲАМГУНАИИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кухна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- ба маънии калима диққат додан;
- мустаҳкамкунии дониш ва фаҳмиш оид ба сермаъноӣ, синонимия, зидмаъноӣ ва ҳамгунаӣ (омонимӣ).

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 138. Ба ҷойи калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда аз фразеологизмҳои дар қавсбуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан.

1. Арзёбии кори хонандагон;

2. Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав**. Хусусиятҳои муродифӣ, зидмаъноӣ ва ҳамгунаӣ

**Шарҳи омӯзгор:** Фразеологизмҳо дар забони тоҷикӣ ҳамшаклу муродиф ва муқобилмаъно буда метавонанд.

**Ҳалли машқи 140.** Фразеологизмҳои зеринро хонда, хусусияти онҳоро шарҳ додан. Хонандагон гӯянд, ки онҳо ба ҳам муродифанд ё не? Бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд.

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 141.** Ҷумлаҳои зеринро нависед ва баъд фразеологизмҳои онро ёфта нависед ва шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кори мустақилона.**

**Супориш: Иҷрои машқи 142.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва шарҳ диҳед. *Намуна:* шамол хӯрдан (зуком шудан) ва шамол хӯрдан (дар ҳавои тоза сайругашт кардан).

Ба қиём омадан – ба қиём омадан; занг задан – занг задан; тамиз доштан – тамиз доштан; сир додан – сир давондан.

-муҳокимаи кори бачаҳо.

-арзёбии дониши онҳо.

| Т/р | Номи хонанда | Таъбир | Шарҳ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |

**VI. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **143.** Фразеологизмҳоро навишта, ҳар кадомашро шарҳ додан. *Намуна:* дасти дароз (тавоноӣ ва дороӣ), дасти кӯтоҳ – нотавонӣ ва камбағалӣ.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## МАВҚЕИ ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО ДАР НУТҚ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро азибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- ба маънии калима диққат додан;

- мустаҳкамкунии дониш ва фаҳмиш оид ба сермаъноӣ, синонимия, зидмаъноӣ ва ҳамгунаӣ (омонимӣ).

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I .Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **143.** Фразеологизмҳоро навишта, ҳар кадомашро шарҳ додан. *Намуна:* дасти дароз (тавоноӣ ва дороӣ), дасти кӯтоҳ (нотавонӣ ва камбағалӣ).

2. Арзёбии кори хонандагон;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Мавқеи фразеологизмҳо дар нутқ.

• Ба ёд овардани он, ки фразеологизмҳо дар нутқ чӣ аҳамият доранд.

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 144.** Бо истифода аз фразеологизмҳои зерин ҷумлаҳо навишта, маънои онҳоро шарҳ додан. Аниқ кардани он ки кадоме аз онҳо муродифи якдигаранд. Дар ҷадвал навиштани онҳо.

| Т/р | Таъбир | Муродиф |
|---|---|---|
| 1. | Табъи касе кушода шудан | |
| 2. | курта-курта гӯшт гирифтан | |
| 3. | димоғи касе чоқ гардидан | |
| 4. | сар ба осмон расидан | |
| 5. | дар пӯст нағунҷидан | |
| 6. | тоқиро дар осмон партофтан | |
| 7. | гул – гул шукуфтан | |

• **Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 145.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки таъбирҳо дар онҳо чӣ нақш доранд.

| Т/р | Таъбир | Нақши он |
|---|---|---|
| 1. | Баъд аз он ки ман дар пеши ӯ шашмақомро об карда хӯрдам, маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт. | |
| 2. | – Ба ин кас ҳам ош биёретон, охир! – гуфт маро нишон дода, – ҳамроҳи дасти ин кас шикамашон ҳам танбӯр навохта истодааст. | |

• Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои машқи 146.** Ҷумлаҳоро навишта, вазифаи фразеологизмҳоро шарҳ додан. Шарҳи худро тариқи ҷадвал нишон додан.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супориш: Иҷрои машқи 148.** Фразеологизмҳои зеринро хонед ва муайян кунед, ки кадоме аз онҳо серистеъмоланд. Бо онҳо ҷумла тартиб диҳед.

Гурӯҳи 1. Забонкӯтоҳ шудан, пешпо хӯрдан.

Гурӯҳи 2. Бар замин чашм дӯхтан, бе ресмон бастан.

Гурӯҳи 3. Коҳи кухнаро бод додан, бо собуни касе ҷомашӯйӣ кардан.

Гурӯҳи 4. Тешаро ба тарафи худ задан, думро хода кардан.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 147.** Ба хонандагон гӯед, ки тақлидан ба матн ҳикоячае тартиб диҳанд. Кӯшиш кунанд, ки фразеологизмҳо бамавқеъ истифода шаванд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО ФАРҲАНГҲОИ ТАФСИРӢ ВА ФРАЗЕОЛОГӢ

**Салоҳиятҳо**:

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи фарҳангҳои тафсирӣ ва фразеологӣ маълумот ба даст меорад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- ба маънии калима диққат додан;
- оид ба сермаъноӣ, синонимия, зидмаъноӣ ва ҳамгунаӣ (омонимӣ) маълумоти бештар ба даст овардан;

- бо фарҳангҳои тафсирӣ ва фразеологӣ кор кардан ва аз худ кардан.
**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**:
**I.Ташкили дарс:**
риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.
**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 147.** Тақлидан ба матн ҳикоячае тартиб додан. Кӯшиш кунанд, ки фразеологизмҳо бамавқеъ истифода шаванд.
**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо фарҳангҳои тафсирӣ ва фразеологӣ
Кор бо луғатҳо: «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ». Ҷ.1.
**Кор дар гурӯҳҳои хурд**
Супориш ба гурӯҳи №1. **Иҷрои машқи 149.** Матнро бодиққат хонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед.
Супориш ба гурӯҳи №2. **Иҷрои машқи 150.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ҷ.1., саҳ.159) шарҳи вожа – калимаи **бахт** – ро хонед. Калима ва ифодаҳои бо ин вожа омадаро бе шарҳашон нависед.
Супориш ба гурӯҳи №3. **Иҷрои машқи 151.** Дар «Фарҳанг…» фразеологизмҳо ҷой дода шудаанд. 5 – 6 фразеологизм - ро ёбед ва шарҳ диҳед.
Супориш ба гурӯҳи №4. **Иҷрои машқи 152.** Дар «Фарҳанг» феълҳо дар шакли масдар дода шудаанд. Аз «Фарҳанг…» 10 феълро ёбед ва шарҳ диҳед.
Супориш ба гурӯҳи №5. **Иҷрои машқи 153.** Аз «Фарҳанг» 5 калимаро ёбед, ки истилоҳи фаннӣ бошад.
Супориш ба гурӯҳи №6. **Иҷрои машқи 154.** «Фарҳанг…» - ро бубинед ва аз он даҳ калимаи мураккабро, ки исм бошанд, интихоб карда нависед ва тарзи сохта шуданашонро шарҳ диҳед.
• Муаррифии кори гурӯҳҳо дар назди тахтаи синф.
**IV.Мустаҳкамкунӣ:** савол ба намояндагони гурӯҳҳо аз натиҷаи кори гурӯҳҳои дигар.
**• Супориш: Иҷрои машқи 155.** Матнро хонда маънидод кардан.
**• Супориш: Иҷрои машқи 157.** Фразеологизмҳои зеринро, ки аз «Луғати фразеологии мактабӣ» интихоб шудаанд, шарҳ диҳед.
*Санг задан, санг бар дил ниҳодан, санги вазнин, санги сиёҳ будан, сангро мум гардонидан, сар ниҳодан, сар ба осмон расидан.*
**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 156.** Аз «Луғати фразеологизмҳои мактабӣ» панҷтоӣ фразеологизмҳои омонимӣ, муродифӣ ва зидмаъноро ёфта навиштан ва шарҳ додан.
**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО ФАРҲАНГИ ЭТИМОЛОГӢ

**Салоҳиятҳо**:
7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кухна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.
**Хонанда**
- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи таърихи пайдоиши калимаҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:
- ба маънии калима диққат додан;
- оид ба таърихи баромади калимаҳо дониши бештар ба даст овардан;
-бо фарҳанги этимологӣ кор карданро омӯхтан.
**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 156. Аз «Луғати фразеологизмҳои мактабӣ» панҷтоӣ фразеологизмҳои омонимӣ, муродифӣ ва зидмаъноро ёфта навиштан ва шарҳ додан.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо фарҳанги этимологӣ

**Кор бо луғатҳо:** «Фарҳанги этимологӣ». Ҷ.1.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд.**

Супориш ба гурӯҳи №1. Иҷрои машқи **158.** Матнро хонед ва фаҳмидаатонро бозгӯ кунед.

Супориш ба гурӯҳи №2. Иҷрои машқи **159.** Хонед ва маънидод кунед.

Абру – дар гуфтугӯ қош (туркӣ-ӯзбекӣ), абруи хамида – абруи камоншакл, абрукушода – хушҳол шудан. Калимаи ҳиндуаврупоӣ аст. Решаи ҳиндуаврупоии бру. Муқ.кунед: русӣ – бровь, эронии қадим – абру, ҳиндуии қадим – бҳру, юн.-офру, англ. қадим-бру, пом.ш.-вруғ.

Супориш ба гурӯҳи №3. **Иҷрои машқи 160.** Хонед ва маънидод кунед.

Буз – калимаи умумиэронӣ; ав.-буза, форсии тоҷ.миёна ва нав-буз, афғ.-вуз, вез, пом.р:-ваз, бал.-буз, кур.-бузен, яғн.-вуз, вез.

Даҳ-рақам, калимаи умумии ҳиндуаврупоӣ: ав.-даса, ҳинд. қад.-дас, скифӣ-даса, форсӣ-тоҷ. қадима, форс. -тоҷ.миёна ва нав-даҳ (аз даса).

Натиҷаи гузариши «с» ба «ҳ»: кур.-даҳ, бал. - до, аммо ос-дас, яғн.- дас, пом.р.-ҷус, афғ.-лас. Муқ.кунед: русӣ-десять, анг.-тен.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо** дар назди тахтаи синф.

**IV. Мустаҳкамкунӣ**: савол ба намояндагони гурӯҳҳо аз натиҷаи кори гурӯҳҳои дигар.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз «Фарҳанги этимологӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОРУ ҶАМЪБАСТИ КАЛИМА ВА ФРАЗЕОЛОГИЗМҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- маънои луғавиро аз маънои грамматикӣ фарқ мекунад;
- фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои озоди синтаксисӣ аз худ менамояд;
- дар бораи фразеологизмҳо ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- тартиби кор бо луғатро меомӯзад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- бо мафҳуми фразеология бештар шинос шудан;
- дар муқоиса бо ибораҳои озоди синтаксисӣ шинохтани ифодаҳои фразеологӣ;
- бо фарҳангҳо кор карданро омӯхтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**

**II. Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Аз «Фарҳанги этимологӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта;

4. Арзёбии кори хонандагон.

**III. Баёни мавзӯи нав**. **Саволҳо барои такрору ҷамъбасти калима ва фразеологизмҳо**

•Ба воситаи саволҳо омӯзгор диққати хонандагонро ба машғулият ҷалб намуда, дониши онҳоро арзёбӣ менамояд. Пас аз шунидани ҷавоби хонандагон омӯзгор ҷавобҳоро пурра месозад.

• Саволу ҷавоб.

**IV. Вазифаи хонагӣ.** Такрори мавзӯъҳо.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ *МУСОҲИБА (дарси 1)*

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Фарқ кардани хабар (ҳамчун жанри иттиллоотӣ) ва мусоҳиба аз дигар жанрҳои рӯзномавӣ, сарфаҳм рафтан ба тарзи баёни мақсад дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, донистани мавриди истифодаи хабар ва мусоҳиба, рушд бахшидани малакаи суҳбаторой.

**Хонанда**

- фарқи хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳо аз худ карда метавонад;
- дар таҳияи матнҳои хабарӣ ва мусоҳиба малака ҳосил мекунад;
- малакааш дар навиштани жанрҳои рӯзномавӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- бо жанрҳои хабарӣ ва мусоҳиба бештар ошно шудан;
- дар таҳияи хабар ва мусоҳиба малака пайдо кардан;
- фарқи хабар ва мусоҳибаҳоро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба инобат гирифтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. Такрори мавзӯъҳо

-Саволу ҷавоб.

**III. Баёни мавзӯи нав.** Кор бо матни *мусоҳиба*

**Шарҳи омӯзгор аз рӯйи машқи 161 бо қироати порчаҳо.** Порчаро хонда, махсусиятҳои мусоҳибаро аниқ карда ба тартиб навиштан.

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 162.** Саволҳои дар нусхаи (вариант) аввал барои мусоҳиба пешниҳодшударо хонед. Шумо кадоме онҳоро беҳтар ва ё номувофиқ меҳисобед? Сипас гӯед, ки нусхаи сеюм аз онҳо чӣ фарқ дорад?

**Нусхаи 1**

1.Ту чӣ тавр ба Панҷрӯд рафтӣ? 2. Дар бораи ҷойҳои бароят писандафтода нақл кун. 3. Ту кадом ҷойҳоро дидӣ? 4. Дар бораи Панҷрӯд андешаатро баён кун. 5. Сафари Панҷрӯд ба ту чӣ гуна таассурот бахшид?

**Нусхаи 2**

1.Ту ҳангоми сафар ба Панҷрӯд чиро дидӣ? Деҳаи Панҷрӯд ба ту таассуроте бахшид? Ту танҳо саёҳат кардӣ ё бо гурӯҳ? 4. Таърихи Панҷрӯд ба ту чӣ таассурот бахшид? 5 Дубора мавзеъро диданӣ ҳастӣ ё не?

**Нусхаи 3**

1.Ба ту Панҷрӯд писанд омад? Кадом ҷойҳои таърихиро дидӣ? 3. Кадом осорхона ва ҷойҳои таърихӣ бароят маъқул шуд? 4. Дар Рӯдак будӣ? Чӣ чиз туро дар ҳайрат овард? Марқади устод Рӯдакӣ ба ту чӣ таассурот бахшид? Дар ҷойҳои таърихии он мавзеъ будед?

**Супориш ба гурӯҳҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 163.** Мусоҳибаро дунафарӣ хонед ва аниқ созед, ки он чӣ тартиб дорад?

**Қатори 2. Иҷрои машқи 164.** Мусоҳибаи зеринро хонед. Гӯед, ки хонандагони синфи 7-«А» шишаи тирезаи синфро чаро шикастанд. Хабарнигори рӯзномаи мактаб фавран бо сардори синф мусоҳиба кард.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 165.** Мусоҳибаро хонед ва саволҳоеро, ки барои аниқтар шудани ҳадафи рӯзноманигор хидмат кардаанд, муайян созед. Мухбир ба мақсад расидааст? Аз чӣ пай бурдед?

**IV. Вазифаи хонагӣ.** Дар тақлид бо мусоҳибаҳои боло дар мавзӯи дилхоҳ аз ҳаёти мактабиашон мусоҳиба тартиб додан.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҲИССАҲОИ НОМУСТАҚИЛИ НУТҚ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба ҳиссаҳои номустақили нутқ маълумот додан;
- дар муқоиса бо ҳиссаҳои мустақили нутқ шинохтани ҳиссаҳои номустақили нутқ;
- ҳиссаҳои номустақили нутқро тасниф карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

• Тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ: 1.** Дар тақлид бо мусоҳибаҳои омӯхташуда дар мавзӯи дилхоҳ аз ҳаёти мактабиашон мусоҳиба тартиб додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3.Баррасии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб:

- Аз нигоҳи шумо, кадом мусоҳиба шавқовар буд? Чаро?
- Кадом мусоҳиба ба фикри шумо ҷолиб набуд? Барои чӣ?
- Мусоҳиба чӣ хел жанр будааст?

**III. Баёни мавзӯи нав. Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ**

**• Саволҳо:**

1. Дар бораи ҳиссаҳои нутқ чӣ медонед?
2. Ҳиссаҳои нутқ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
3. Чаро ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқ мегӯянд?
4. Ҳиссаҳои мустақили нутқ кадомҳоянд?
5.Ҳиссаҳои номустақили нутқ чӣ?

**• Супориш:**

Кор бо матни китоби дарсӣ. Иҷрои машқи **166.** Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳадафи он чист. Ба калимаҳои ишорашуда зеҳн монед, онҳо ба савол ҷавоб мешаванд ё не? Чаро?

**Кор дар гурӯҳҳои 5-нафара**

**Супориш:** Иҷрои машқи **167.** Порчаҳоро хонед ва ба калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда диққат диҳед. Калимаҳоро аз рӯйи хусусияти ба савол ҷавоб шудан ва ба савол ҷавоб нашуданашон ба ду гурӯҳ ҷудо карда нависед. (Ҳар гурӯҳ якҷумлаӣ). Ба саволҳои зери матн ҷавоб дода, супоришҳои онро иҷро намоед.

1. Чӣ нукта порчаҳоро ба ҳам мепайвандад?

2. Кадоме аз ин порчаҳо ба шумо маъқул шуд? Чаро?

3. Бо истифодаи ***пеши, ва*** ҷумлаҳо созед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

4.Шумо ҳам дар бораи забон андешаҳо доред? Рӯйи коғаз оред ва пешкаши ҳамсинфон гардонед. Аз он калимаҳоеро, ки ба савол ҷавоб намешаванд, номбар кунед.

**Шарҳи омӯзгор:** Дар забон калимаҳое ҳастанд, ки дар алоҳидагӣ маъноеро ифода намекунанд ва ба саволҳо ҷавоб намешаванд. Ин гурӯҳи калимаҳоро ҳиссаи номустақили (ёридиҳанда) нутқ меноманд.

Ба ҳиссаҳои номустақили нутқ пешоянду пасояндҳо ва пайвандаку ҳиссачаҳо дохил мешаванд. Онҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ бо он фарқ мекунанд, ки ашё, аломат ва шумораи онҳоро ифода намекунанд, аъзои ҷумла нашуда, ба савол ҷавоб намешаванд.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супориш:** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузоред:

Гурӯҳи 1. Фасли баҳор …… қишлоқи Лолазор дилработар аст.

Гурӯҳи 2. Баракати умр … эҳтироми волидайн хезад.

Гурӯҳи 3. Мактаб … ту ёд медиҳад илму адаб.

Гурӯҳи 4. Мактаб … ту мебарад ғаму ранҷу тааб. (С. Айнӣ)

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав:** Хонандагонро водор намоед, ки бо калимаҳои «зеро», «пеши», «ва», «аз» ҷумла тартиб дода, ҷумлаҳои худро хонанд.

**Саволу супориш:**

1. Барои чӣ баъзе калимаҳо маъно доранд, баъзеи дигар не?

2. Фикру мулоҳизаатонро оид ба дарси имрӯза баён кунед.

**V. Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи **168.** Хонда мафҳумҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо аз рӯйи маънои луғавӣ доштан ва ё надоштанашон ба ду сутун ҷудо карда навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНД ЧУН ҲИССАИ НУТҚ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешоянд таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

• донистан ва шарҳ додани мафҳуми пешоянд;

•пешояндҳоро аз пешвандҳо фарқ карда тавонистан;

• пешояндҳои номиро аз калимаҳои мустақилмаъно фарқ карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

• Тавассути саволҳо ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулият ва арзёбӣ намудани дониши онҳо.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ: 1.** Иҷрои машқи **168.** Хонда мафҳумҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо аз рӯйи маънои луғавӣ доштан ва ё надоштанашон ба ду сутун ҷудо карда навиштан.

2. Арзёбии донишҳои азхудкарда;

3. Мустаҳкам намудани мавзӯи гузашта тавассути саволҳои умумӣ ва супориш:

• Дар бораи ҳиссаҳои номустақили нутқ чӣ медонед?

• Чаро як гурӯҳи калимаҳои забонро ҳиссаҳои номустақил (ёридиҳанда) меноманд?

• Ҳиссаҳои номустақили нутқ кадомҳоянд?

• Онҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ чӣ фарқ доранд?
• Ин калимаҳо дар нутқ чӣ аҳамият доранд?
• Калимаи **«ба сабаби он ки»**-ро бо кадом калима (пайвандак) иваз кардан мумкин аст?
• Ҷумла ё байте гӯед, ки калимаи **«чун»** истифода шуда бошад ва вазифаи онро дар ҷумла шарҳ диҳед.
**III. Баёни мавзӯи нав**.
**Муҳокима ва муқоиса.** (Супориш дар тахтаи синф ё тахтаи электронӣ нишон дода мешавад). **Пешоянд чун ҳиссаи нутқ**
• Гӯед, ки ба ҷойи нуқтаҳо кадом калимаҳоро гузоштан мумкин аст:
1. Мо … Ватани азизи худ хушҳолем.
2. Мо … Душанбе зиндагонӣ мекунем.
3. Бибиям шабҳо … мо афсона мехонад.
4. Ҷомӣ … меҳмонҳо поёнтар нишаст.
**Муҳокимаи шифоҳии машқи 1, саҳифаи 95**
Иҷрои машқи **169.** Ҷумлаҳоро хонда шарҳ додани он ки кадом калимаҳо сабаби тағйир ёфтани тобиши маъноии амали ҷумлаҳо шудаанд.
Рустам ба китобхона рафт.
Рустам аз китобхона рафт.
Рустам то китобхона рафт.
**Муқоисаи фарқи маъноии ҷумлаҳо:**

| | |
|---|---|
| Аз дур Сулҳия менамояд. | Аз дур мисли Сулҳия менамояд. |
| Соҳиб Солеҳов мерақсад. | Соҳиб бо Солеҳов мерақсад. |
| Фариза боодоб аст. | Мисли Фариза боодоб аст. |

**Шарҳи мавзӯъ аз тарафи омӯзгор**
Пешояндҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, муносибати байни исм (ё ҷонишин) ва дигар калимаҳоро дар ибора ва ҷумла ифода мекунад.
А) макон – Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд таваллуд шудааст.
Б) замон – Рӯдакӣ дар ҷавонӣ ба шеъру суруд рағбат дошт.
В) масофа – Овозаи ин шоири забардаст то Бухоро рафт.
Г) восита – Шоир бо шеъри худ машҳури ҷаҳон гашт.
Д) мақсад – Ӯ ба Бухоро барои таҳсил рафтааст.
**Кор дар гурӯҳҳо: Иҷрои машқи 170.** Матнро хонда муайян сохтани он ки чӣ нуктаи муҳим дар матн зикр шудааст. Вазифаи пешояндҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ додан. Саволҳо:
1. Дар матн пешояндҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд?
2. Пешояндҳо бо кадом ҳиссаҳои нутқ омадаанд ва чӣ тобиши маъноӣ доранд?
**IV. Мустаҳкамкунӣ. Диктанти эҷодӣ.**
• Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди заруриро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кардан:
1. Тавонгарӣ … ҳунар аст, на … мол ва бузурги … ақл аст, на … сол.
2. … илм наёмузӣ некӣ натавон кард.
3. … дарё ташна бурда ташна меорад.
• Арзёбии дониши хонандагон;
• Саволу ҷавоб.
**V. Вазифаи хонагӣ**: бо пешояндҳои «мисли», «назди», «барои», «то», «дар», «ба» … ҷумла тартиб додан.
**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНДҲОИ АСЛӢ: ПЕШОЯНДИ «АЗ»

**Салоҳият:**
7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.
**Хонанда**

➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нуткро фарқ карда метавонад;

➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешоянд, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;

➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешоянд таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** тобишҳои маъноии пешоянди «аз»-ро шарҳ дода тавонистан;

- шаклҳои гуногуни онро дар назму наср муайян карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- санҷиши омодагӣ ва давомоти хонандагон ба дарс;
- назорати иҷрои машқи хонагӣ ва ашёи таълим;
- қироати панду андарз дар васфи забон, сухан.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** 1. Бо пешояндҳои «мисли», «назди», «барои», «то», «дар», «ба» … ҷумла тартиб додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврии хонандагон;

3. Саволу ҷавоб:

• Ҳиссаҳои номустақили нуткро номбар кунед.
• Пешояндҳо дар ҷумла чӣ вазифаро иҷро мекунанд?
• Пешояндҳо кадом тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?
• Пешояндҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд?

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта.** Кори дунафара.

• Таҳлили морфологии пешояндҳо

Нақшаи таҳлил:

1. Кадом ҳиссаи нутқ аст.
2. Аломати сарфӣ (морфологӣ) тағйирнаёбанда
3. Вазифаи наҳвӣ (синтаксисӣ)

Мисол:

1. Овардаанд, ки дар замони Нӯшервон ду мард ба як мартаба дар маҷлиси ӯ ҳозир шуданд.
2. Амир фармуд, ки дар гуфтан тафовут бисёр аст.

(Намуна: **дар** пешоянд буда, муносибати байни исму феълро ифода мекунад ва тобиши замонию маконӣ дорад; пешоянди сода аст, тағйир намеёбад, аъзои ҷумла намешавад (ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ.)

**III**. **Баёни мавзӯи нав.** Пешоянди «аз».

Фаҳмондани мавзӯъ тавассути шарҳу муҳокимаи машқи **172.** Матнро навиштан ва вазифаи пешоянди ***аз***-ро шарҳ додан;

- калимаи **«озодмард»**-ро шарҳ дода, сохти онро муайян кардан;
- **«ба Ғазнин»**-ро боз чӣ тавр ифода кардан мумкин аст?

**Тобишҳои маъноии пешоянди «аз»:**

1. Макон – Исмат аз хона баромад.
2. Аз чӣ сохта шуданд – Ин сандалӣ аз чӯби бед сохта шудааст.
3. Ибтидои замон – Дарсҳо аз соати 8 сар мешаванд.
4. Сабаб – Барфҳо аз гармӣ об шуданд.
5. Муқоиса – Аз марворид донаи гандум қиматтар аст.
6. Сарчашмаи амал – Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

**Кор бо машқи 173.** Порчаи шеъриро бо риояи оҳанг хонда навишта, чӣ тобишҳои маъноӣ доштани ***аз***- ро шарҳ додан.

**Кор дар гурӯҳҳо.** Ба нақша нигоҳ карда, ба ҳар як тобиши маъноии пешоянди «аз» ҷумлаҳо тартиб додан.

**Супориш ба гурӯҳи 1:**

| **Тобиши маконӣ** | | |
|---|---|---|
| гузаргоҳи амал | баромадгоҳи амал | ибтидои масоҳат |
| | | |

**Супориш ба гурӯҳи 2:**

| **Тобиши предметӣ** | |
|---|---|
| аз чӣ сохта шудан | муқоисаи предметҳо |
| | |

**Саволҳо ба гурӯҳи 3:**

| | |
|---|---|
| ибтидои замон | тобиши сабаб |
| | |

**Муаррифии кори гурӯҳҳо ва муҳокимаи онҳо.**

**Кори дунафара.** Диктанти эҷодӣ.

Ба ҷойи нуқтаҳо пешоянди заруриро гузоштан, тобишҳои маъноии онро шарҳ додан.

1. Бача … фурӯхтани зоғча хурсанд шуду ман … харидани вай.
2. Амирқул … ҳезумхона даромада, худро рӯйнокӣ … болои хошок партофт.
3. Ӯ ҳанӯз ҳам … Восеъ дилаш пур набуд.
4. Устухонам гашта сахт… кӯдакӣ бо шири ту.

-Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудани бачаҳо.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Саволҳо.

1. Тобишҳои маъноии пешоянди «аз» кадомҳоанд?
2. Дар назм муродифи пешоянди «аз» кадом калима аст?

**V. Вазифаи хонагӣ:** Аз китобҳои бадеӣ 4 ҷумлае ёфта навиштан, ки дар онҳо пешоянди «аз» бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истифода шуда бошад.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНДИ «БА»

**Салоҳият:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла, пешоянд, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешоянд таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- маврид ва тобишҳои маъноии пешоянди «ба»-ро шарҳ дода тавонистан;
- шаклҳои гуногуни онро дар назму наср муайян кардан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- санҷиши омодагӣ ва давомоти хонандагон ба дарс;
- назорати иҷрои машқи хонагӣ ва ашёи таълим;
- шарҳу маънидоди панди рӯз.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Аз китобҳои бадеӣ 4 ҷумлае ёфта навиштан, ки дар онҳо пешоянди «аз» бо тобишҳои гуногуни маъноӣ истифода шуда бошад.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баррасии кори хонандагон.

4. Саволҳо:

• Чиро пешоянд мегӯянд?

• Хусусиятҳои пешояндҳо кадомҳоянд?

• Пешояндҳо аз рӯйи сохт ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

• Пешояндҳои аслӣ кадомҳоянд?

• Пешояндҳо кадом тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?

**III**. **Баёни мавзӯи нав.** Пешоянди «ба». Фаҳмондани мавзӯъ ба тариқи муқоиса тавассути машқи **175.**

Муайян кардани тобиши маъноии ҷумлаҳо бо пешоянди «аз» ва «ба»

| | |
|---|---|
| Самад аз саёҳат омад. | Самад ба саёҳат рафт. |
| Озода китобашро аз ман гирифт. | Озода китобашро ба ман дод. |
| Ақл кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ фоида. | Ба бародарам хат навиштам. |

**Шарҳи омӯзгор доир ба тобишҳои**
**маъноии пешоянди «ба» тавассути аёният ё тахтаи электронӣ:**

1. Сӯй ва самт – Модарамро ба Маҳаллаи Боло бурдам.

2. Муносибати ашё ба ашёи дигар – Ҳикояро ба бародарам нақл кардам.

3. Мақсад ва таъйинот – Вай ба тулӯи Офтоб мунтазир шуд.

**Кори инфиродӣ.** Супориш:

1. Ҷумлаҳои зеринро навишта, мулоҳизаатонро гӯед. Чӣ мушоҳида шуд?

2. Ба ҷойи якдигар омадани пешояндҳоро шарҳ диҳед.

- Ҳама барномаи сулҳ имзо мекунем.
- Мақола дар забони тоҷикӣ навишта шуда буд.
- Ба Ғазнин маро ёд деҳ, то ӯро чизе фиристам.

**Кори дунафара.** Диктанти эҷодӣ.

Ба ҷойи нуқтаҳо пешояндҳои «аз» ва «ба» гузошта, тобишҳои маъноӣ ва сохти онҳоро шарҳ додан.

1. … дӯсти нодон душмани нодон беҳ.

2. Бемор … дарди дандон нолиш мекард.

3. Ҳар рӯз ду бор … ҳавлиҳо якмашкӣ об мекашонд (Ҷ.И.)

4. Нисфи атои ноибро … Бож барои оилааш дода фиристод. (С.У.)

**Саволу ҷавоб:**

• Пешояндҳо дар ҷумла кадом вазифаро иҷро мекунанд?

• Пешояндҳо чанд навъанд?

• Муродифи пешоянди «ба» кадом калима аст?

• Дар байти зерин калимаи «бар» ба кадом вазифа омадааст?

*Ранҷе, ки ба худ намеписандам,*
*Чун бар дигаре расад, чӣ хандам?*

• Тобишҳои маъноии пешоянди «бар»-ро номбар кунед.

• Бо пешоянди «ба» ҷумла ва ё байте гӯед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо.** Тобиши маъноии пешоянди «аз» ва «ба»-ро ёфтан.

**Супориш ба гурӯҳи 1**

| Мисолҳо | Тобиши маъноӣ |
|---|---|
| Ба Душанбе<br>Ба хона<br>Ба Аҳмад<br>Ба муддати 3 рӯз | |

**Супориш ба гурӯҳи 2**

| Мисолҳо | Тобиши маъноӣ |
|---|---|
| Аз деҳа<br>Аз оҳан<br>Аз ҷавонӣ<br>Аз гармӣ<br>Аз ман калонтар | |

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ:** 4 ҷумла навиштан, ки дар онҳо пешоянди «ба» дар тобишҳои гуногун истифода шуда бошад.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНДИ «ДАР, БО, БАРОИ»

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда:**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешояндҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешояндҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- тобишҳои маъноии пешоянди «дар, бо, барои»-ро шарҳ дода тавонистан;
- шаклҳои гуногуни онро дар назму наср муайян кардан.

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс.**

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** 1. 4 ҷумла навиштан, ки дар онҳо пешоянди «ба» дар тобишҳои гуногун истифода шуда бошад.

2. Санҷиши дафтарҳои даврии хонандагон;

3. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

4. Арзёбии кори хонандагон:

**Кори дунафара. Ба фаъолияти ҳамдигар баҳогузорӣ намудани хонандагон.**

| Р/т | Номи хонанда | Кори хонанда | Фаъолият | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |

**III. Баёни мавзӯи нав. Пешоянди «дар, бо, барои»**

**Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо: Иҷрои машқи 177.** Зарбулмасалҳоро хонед ва гӯед, ки пешоянди ***дар*** чӣ вазифа дорад.

Гурӯҳи 1. Дар ҷӯйи ноканда об намеравад.

Гурӯҳи 2. Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст.

Гурӯҳи 3. Дар тобистон морон борад, беҳтар аст аз борон.

Гурӯҳи 4. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад.

**Қатори 1. Иҷрои машқи 178.** Матнро бодиққат хонед ва вазифаи пешоянди ***дар***-ро шарҳ диҳед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 179.** Байтҳоро хонед ва вазифаи пешоянди ***андар***-ро шарҳ диҳед.

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 180.** Нақшаро бодиққат хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳоро муайян карда, нақшаро дар дафтар пур кунед.

| Пешоянди ***дар*** | | Пешоянди ***ба*** | |
|---|---|---|---|
| Мисолҳо | Тобиши маъноӣ | Мисолҳо | Тобиши маъноӣ |
| ***дар*** Душанбе<br>***дар*** хона<br>***дар*** навишт<br>***дар*** Отифа<br>***дар*** як моҳ | | ***ба*** Душанбе<br>***ба*** хона<br>***ба*** навиштан<br>***ба*** Отифа<br>***ба*** муддати як моҳ | |

-Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**Шарҳи омӯзгор доир ба тобишҳои маъноии пешоянди «ба» тавассути аёният ё тахтаи электронӣ:**

| **Т/р** | **Тобишҳои маъноии пешоянди «дар»** | **Дар ҷумла** |
|---|---|---|
| 1. | Макон | Бахтро дар бозор нафурӯшанд. |
| 2. | Замон | Ҷамъомад дар соати 2 оғоз мешавад. |
| 3. | Ба коре машғул будан | Занон дар қолинбофӣ моҳиранд. |

• **Супориш: Иҷрои машқи 181.** Зарбулмасалҳоро хонда маънидод кунед ва вазифаи пешоянди *бо*-ро гӯед.

Гурӯҳи 1. Бо одами тарсончак ба шикор нарав.

Гурӯҳи 2. Бо чашм бину бо забон гӯй.

Гурӯҳи 3. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ,

Гурӯҳи 4. Бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.

| **Т/р** | **Тобишҳои маъноии пешоянди «бо»** | **Дар ҷумла** |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамроҳӣ | Ман бо хоҳарам омадам. |
| 2. | Воситаи иҷро | Хатро бо қалам менависанд. |
| 3. | Замонӣ | Бо дидани ин ҳол хандон шуд. |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супоришҳо:**

**Машқи 182.** Порчаи шеърро хонед ва маънидод кунед. Сипас тобишҳои маъноии пешояндҳои ***бо*** ва ***аз***-ро шарҳ диҳед.

**Машқи 184.** Шеърро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар он кадом сифатҳои устод Турсунзода баён шудааст.

**Машқи 185.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешояндҳои мувофиқ гузошта, матнро хонед ва тобишҳои маъноии онҳоро аниқ созед.

**Машқи 186.** Порчаро бодиққат ва равон хонед. Ҳар як байтро маънидод кунед ва гӯед, ки ***баҳри*** кадом пешояндро иваз кардааст.

| Т/р | Тобишҳои маънoии пешоянди «барои» | Дар ҷумла |
|---|---|---|
| 1. | Мақсад | Мо барои васл кардан омадем… (Ҷ.Б.) |
| 2. | Таъйинот | Падарам барои ман як каландча харид (С.А.) |

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

• **Супориш:** Иҷрои машқи **177.** Зарбулмасалҳоро хонед ва гӯед, ки пешоянди ***дар*** чӣ вазифа дорад.

| | |
|---|---|
| 1. Дар ҷӯйи нокaнда об намеравад.<br>2. Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст.<br>3. Тилло дар оташ, одам дар меҳнат маълум мешавад. | 1. Бо одами тарсончак ба шикор нарав.<br>2. Бо чашм бину бо забон гӯй.<br>3. Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ. |

**Саволҳо:**

1. Чаро дар калимаи «бошараф» *бо* якҷоя навишта шудааст?
2. Калимаи «баҳри», «андар», «зи» кадом пешояндҳоро иваз мекунанд?
3. Байти зерин мазмуни кадом зарбулмасалро ба хотир меорад:

*Ба кор андар андеша бояд нахуст,*
*Бад-он то шавад эмину тандуруст.*

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **183.** Зарбулмасалҳоро навишта, вазифаи пешоянди **бо**-ро шарҳ додан. 2.Аз китобҳои адибон ҷумлаҳое ёфтан, ки дар онҳо калимаҳои «дар», «барои», «зи», «баҳри», «андар» истифода шуда бошанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО ЖАНРИ РӮЗНОМАВӢ (МУСОҲИБА)-дарси 2

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Фарқ кардани хабар (ҳамчун жанри иттиллоотӣ) ва мусоҳиба аз дигар жанрҳои рӯзномавӣ, сарфаҳм рафтан ба тарзи баёни мақсад дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, донистани мавриди истифодаи хабар ва мусоҳиба, рушд бахшидани малакаи суҳбаторои.

Хонанда:

- фарқи хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳо аз худ карда метавонад;
- дар таҳияи матнҳои хабарӣ ва мусоҳиба малака ҳосил мекунад;
- малакааш дар навиштани жанрҳои рӯзномавӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳои рӯномавӣ фарқ кардан;
- ба тарзи баёни хабар ва ташкили мусоҳиба сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **183.** Зарбулмасалҳоро навишта, вазифаи пешоянди **бо**-ро шарҳ додан. 2.Аз китобҳои адибон ҷумлаҳое ёфтан, ки дар онҳо калимаҳои «дар», «барои», «зи», «баҳри», «андар» истифода шуда бошанд.

2. Санҷиши кори хаттии хонандагон;
3. Саволу ҷавоб.
4. Арзёбии кори хонандагон.

| Р/т | Номи хонанда | Кори хонанда | Фаъолият | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | | | | |
| **2.** | | | | |

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо жанри рӯзномавӣ (мусоҳиба)-дарси 2-3**

• Ҷалби диққати хонандагон ба суҳбати радиоӣ.

• Саволҳо атрофи суҳбати шунавонидашуда, инчунин шаклҳои мусоҳиба.

**• Супориш: Иҷрои машқи 187.** Хонандагонро водор намоед, ки дунафарӣ порчае аз мусоҳибаи рӯзноманигорро бо Давлатманди Хол хонанд. Мавзӯи асосии мусоҳибаро муайян кунанд. Муносибати ҳунарманд бо мусиқӣ, хосса «Фалак» чӣ гуна будааст? Ба тарзи масъалагузорӣ (саволгузорӣ) -и мухбир диққат диҳанд. Кадоме аз онҳо бамавқеъ омадаанд?

**V.Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 188.** Ба хонандагон гӯед, ки бо такя ба маҳорат ва бардошташон доир ба ягон масъалаи муҳим мусоҳиба таҳия намоянд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО ЖАНРИ РӮЗНОМА (МУСОҲИБА)-дарси 4

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Фарқ кардани хабар (ҳамчун жанри иттиллоотӣ) ва мусоҳиба аз дигар жанрҳои рӯзномавӣ, сарфаҳм рафтан ба тарзи баёни мақсад дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, донистани мавриди истифодаи хабар ва мусоҳиба, рушд бахшидани малакаи суҳбаторої.

**Хонанда**

- фарқи хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳо аз худ карда метавонад;
- дар таҳияи матнҳои хабарӣ ва мусоҳиба малака ҳосил мекунад;
- малакааш дар навиштани жанрҳои рӯзномавӣ такмил меёбад;
- ба масъалаи имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- хабару мусоҳибаро аз дигар жанрҳои рӯзномавӣ фарқ кардан;
- ба тарзи баёни хабар ва ташкили мусоҳиба сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Ба хонандагон гӯед, ки тақлидан бо мусоҳибаи боло мусоҳиба тартиб диҳанд.

1.Санҷиши кори хаттии хонандагон аз тарафи худи онҳо;

2.Муайян кардани мусоҳибаҳои беҳтарин;

3.Муайян кардани сабабҳои суст будани навиштаи баъзе хонандагон.

**Кори дунафара.** Ба ёд оред, ки мусоҳиба бо кӣ, дар кадом мавзӯъ ва ба кадом шакл сурат мегирад.

| Т/р | Бо кӣ? | Мавзӯъ | Шакл |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |

• Дар гурӯҳҳои дунафара яке савол ва дигаре ҷавобҳои мусоҳибаеро омода кунанд, ки дар он аз рафти омодагӣ ба аттестатсияи хонандагон сухан равад.

• Арзёбии кори гурӯҳҳо аз тарафи ҳамдигар.

**Саволҳо:**

1.Мусоҳиба чӣ хел жанр будааст?

2.Бо киҳо ва дар кадом мавзӯъҳо мусоҳиба ташкил кардан мумкин аст?

3. Мусоҳиба чӣ талабот дорад?

4. Дар радио ва телевизион ба мусоҳибаҳои журналистон аҳамият додаед?

5.Дар рӯзномаҳо чӣ?

**III. Вазифаи хонагӣ.** Навиштани мусоҳиба бо директори мактаб дар мавзӯи ҳамкории падару модар бо омӯзгорон.

**IV. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНДИ «БЕ» «ТО»

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

-тобишҳои маъноии пешояндҳои «бе», «то»-ро шарҳ дода тавонистан;

- мавриди истифодаи пешояндҳои «бе» ва «то»-ро муайян кардан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- санҷиши омодагӣ ва давомоти хонандагон ба дарс;
- назорати иҷрои машқи хонагӣ ва ашёи таълим;
- шарҳу маънидоди панди рӯз.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Навиштани мусоҳиба бо директори мактаб дар мавзӯи ҳамкории падару модар бо омӯзгорон.

2. Санҷиши кори хонандагон;

3. Баҳогузорӣ ба кори ҳамдигар.

4.Алоқамандкунии мавзӯи нав бо мавзӯъҳои гузашта тавассути саволҳо:

• Мусоҳиба чӣ хел жанр аст?
• Чиро пешоянд мегӯянд?
• Хусусиятҳои пешояндҳо кадомҳоянд?
• Пешояндҳо аз рӯйи сохт ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
• Пешояндҳои аслӣ кадомҳоянд?
• Пешояндҳо кадом тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?

**III.Баёни мавзӯи нав.** Пешоянди «бе», «то». Фаҳмондани мавзӯъ ба тариқи муқоиса.

Муайян кардани тобиши маъноии ҷумлаҳо бо пешоянди «бо» ва «бе» тавассути шарҳи омӯзгор бо аёният ё тахтаи электронӣ

| | |
|---|---|
| Самад бо дӯсташ ба кӯҳ баромад. | Самад бе дӯсташ ба кӯҳ баромад. |
| Озода бо китобаш ба назди ман омад. | Озода бе китобаш ба назди ман омад. |

• **Иҷрои машқи 189.** Гӯед, ки зарбулмасалҳоро навишта, мулоҳизаашонро дар бораи пешоянди ***бе*** хаттӣ баён созанд.

Гурӯҳи 1. *Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.*

Гурӯҳи 2. *Беша бе шер не, дарё бе моҳӣ.*

Гурӯҳи 3. *Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад.*

Гурӯҳи 4. *Гул бе хор намешавад, гӯшт бе устухон.*

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**Гурӯҳҳо мутаносибан машқҳои додашударо иҷро мекунанд. Супоришҳо:**

**Иҷрои машқи 190.** Порчаи шеъриро возеҳ хонда, нақши пешоянди ***бе***-ро шарҳ диҳед.

**Иҷрои машқи 191.** Байтҳоро хонда маънидод кунед ва сипас навишта, вазифаи пешоянди ***бе***-ро шарҳ диҳед.

**Иҷрои машқи 192.** Хонед ва тобишҳои ***бе***-ро маънидод кунед. Гӯед, ки дар порчаи дуюм кадом калима пешоянди ***бе***-ро иваз кардааст.

**Иҷрои машқи 194.** Нависед ва маънидод кунед. Гӯед, ки пешоянди ***то*** чӣ тобишҳои маъноӣ дорад.

Арзёбии кори гурӯҳҳо:

| Р/т | Гурӯҳ | Иҷро | Фаъолият | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.** Иҷрои машқи **195.** Порчаи манзумро хонда, тобиши ***ҷуз***-ро маънидод намудан.

**Саволҳо доир ба мавзӯъ**

**V. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи **193.** Ҷумлаҳоро навишта, тобиши пешояндҳои **то** ва **ҷуз**-ро муайян сохтан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## СОХТИ ПЕШОЯНДҲО. ПЕШОЯНДҲОИ СОДАИ НОМӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

-тобишҳои маъноии пешояндҳои содаи номиро шарҳ дода тавонистан;

-мавриди истифодаи пешояндҳои содаи номиро муайян кардан.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**I. Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузарондани ҳолати санитарии синф;
- ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**II.** Пурсиши вазифаи хонагӣ: 1. Иҷрои машқи **193.** Ҷумлаҳоро навишта, тобиши пешояндҳои **то** ва **ҷуз**-ро муайян сохтан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврии хонандагон.

3.Баррасии кори хонандагон.

**Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:** Иҷрои машқи 194. Нависед ва маънидод кунед. Гӯед, ки пешоянди ***то*** чӣ тобишҳои маъноӣ дорад.

Гурӯҳи 1. Мо аз Қаршӣ то Когон пиёда рафтем.

Гурӯҳи 2. Азим то бегоҳ ба корҳои падараш ёрӣ медод.

Гурӯҳи 3. Мактубро то як пиёла чой нӯшидан навишта дод.

Гурӯҳи 4. Одамон то ними шаб кор мекунанд.

**Ҷамъбасти мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.**

**III. Баёни мавзӯи нав. Пешояндҳои содаи номӣ. Шарҳи омӯзгор дар такя бо машқҳо:**

**Иҷрои машқи 196.** Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳед. Онҳо чӣ тобиши маъноиро ифода карданд?

**Иҷрои машқи 197.** Порчаҳои манзумро хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳои изофиро маънидод кунед.

**Қатори 1:**

Дило, назди касе биншин, ки ӯ аз дил хабар дорад,
Ба **зери** он дарахте рав, ки ӯ гулҳои тар дорад.

*Ҷалолуддини Балхӣ*

**Қатори 2:**

Ҳар он, к-ӯ барад номи мардум ба ор,
Ту чашми накугӯйӣ аз вай мадор.
Ки андар қафои ту гӯяд ҳамон,
Ки **пеши** ту гуфт аз паси дигарон!

*Саъдии Шерозӣ*

**Қатори 3:**

Нашояд, к-одамӣ чун курраи хар,
Чу серояд, нагардад **гирди** модар.

*Саъдии Шерозӣ*

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 199.** Нақшаро бодиққат хонед ва тобишҳои маъноии пешояндҳоро ёбед ва нависед.

| Пешо-яндҳо | Мисолҳо | Чӣ гуна тобишҳои маъноӣ доранд? |
|---|---|---|
| *дар* | дар домани Фарғона будан<br>дар канори дарёи Сир ҷой гирифтан<br>дар аҳди қадим мавҷуд будан | |
| *ба* | ба ман гуфтан<br>ба меҳмонӣ рафтан | |
| *аз* | аз хона баромадан<br>аз пагоҳӣ интизор будан<br>аз хунукӣ ях бастан<br>аз чӯби бед сохтан | |
| *бо* | бо падар омадан<br>бо мошин рафтан | |
| *барои* | барои дидан омадан<br>барои бародар овардан | |
| *бе* | бе шумо иҷро нашудан<br>бе азми дуруст мурод ҳосил нашудан | |
| *то* | то омадани падар интизор шудан | |
| *ҷуз* | то Душанбе рафтан<br>ҷуз ту касе надоштан | |

• Кори ҳампартаи худро аз назар гузаронда баҳогузорӣ намоед.

| Пешояндҳо | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| *дар* | | |
| *ба* | | |
| *аз* | | |
| *бо* | | |
| *барои* | | |
| *бе* | | |
| *то* | | |
| *ҷуз* | | |
| *Баҳо* | | |

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 198.** Ба хонандагон гӯед, ки ҷойи нуқтаҳо аз пешояндҳои қавсайн мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро нависанд. Фаҳмонанд, ки пешояндҳо ба ҷумлаҳо чӣ тобишҳои маъноӣ бахшидаанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПЕШОЯНДҲОИ ТАРКИБӢ

**Салоҳият:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба сохти пешояндҳо маълумоти кофӣ гирифтан;
- вазифаи пешояндҳои таркибиро дар матн муайян кардан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс.** Баҳисобгирии давомот ва омодагӣ ба дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 198. Ба ҷойи нуқтаҳо аз пешояндҳои қавсайн мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан. Фаҳмондани он ки пешояндҳо ба ҷумла чӣ тобишҳои маъноӣ бахшидаанд.

2. Санҷиши кори хонандагон:

• . ... оши болаззат чойи кабуд айни муддаост.
• . ... Хуҷанд мерафтем.
• . ... дамидани субҳ гулхан хомӯш гашт…
• . ... ривоятҳо ин деҳа анорзор будааст.

(*баъди, баробари, мувофиқи,ҷониби*)

3. Баҳогузорӣ ба кори ҳамдигар:

| Ҷумла | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| ***Баҳо*** | | |

4. Саволу ҷавоб барои мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**Кор дар гурӯҳҳо**

Хонандагонро ба гурӯҳҳои 5 – 7-нафарӣ тақсим намуда, саволҳоро дар варақҳои алоҳида пешкаш намудан:

**Саволҳо ба гурӯҳи 1:**

1. Пешояндҳо дар ҷумла ва ё матн чӣ вазифаро иҷро мекунанд?
2. Бо пешоянди «дар» ҷумлае тартиб дода, тобиши маъноии онро муайян намудан.

**Саволҳо ба гурӯҳи 2:**

1. Пешояндҳо кадом тобишҳои маъноиро ифода карда метавонанд?
2. Бо пешоянди «бо» ҷумлае тартиб дода, тобиши маъноияшро фаҳмондан.

**Саволҳо ба гурӯҳи 3:**

1. Ҳиссаҳои номустақили нутқ аз ҳиссаҳои мустақил чӣ фарқ доранд?
2. Бо пешоянди «аз» ҷумлае тартиб дода, мақсади ҷумларо шарҳ додан.

**Саволҳо ба гурӯҳи 4:**

1. Оё пешояндҳо сабаби тағйир ёфтани тобиши маъноии амали ҷумлаҳо шуда метавонанд?

2. Бо пешоянди «барои» ҷумлае тартиб дода, тобиши маъноии онро шарҳ додан.

**Диктанти эҷодӣ.** Ба ҷойи нуқтаҳо пешояндҳои заруриро навиштан.

1. Фардои он рӯз маро модарам … мактаби бибихалифа бурд.

2. … нафақаи аҳлу аёл маҷбурам, ки … он ҷо киштукор кунам.

3. … охири тобистон Мулло Сафар китобаташро тамом карда, … Бухоро баргаштанӣ шуд.

4. … шохи дарахтони анбӯҳи ин қишлоқ мурғакони бисёре нағмасароӣ мекунанд.

**III. Баёни мавзӯи нав. Пешояндҳои таркибӣ**

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф**:

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

**1. Пешоянди сода:**

а) аслӣ: аз, ба, дар, бо, барои, бе, то, ҷуз….

б) номӣ: пеши, назди, рӯйи, болои, паси, ғайри…

2. **Пешояндҳои номии таркибӣ**:

а) изофӣ: дар болои, аз баҳри, ба сони, ба тариқи, ба хусуси…

б) беизофа: пеш аз, баъд аз, ғайр аз, ба ҷуз, оид ба, нисбат ба, ба ғайр, то ба…

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 200.** Ҳикояро хонед ва маънидод кунед. Пешояндҳои таркибиро аниқ сохта шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 201.** Матнро хонед ва ҷумлаҳои пешояндҳои таркибидоштаро нависед ва тобишҳои маъноияшонро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 202.** Порчаҳои манзумро хонда маънидод кунед. Пешояндҳои изофӣ ва таркибиро аниқ сохта, дар ду сутун нависед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 203.** Матнро хонед ва пешояндҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 204.** Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бодиққат хонед ва пешояндҳоро аз исму зарфҳо фарқ кунед.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | **Баъд аз** ин гуфтугӯ вонахӯрдаем | **Баъд аз** суҳбат мақсад равшан гашт. |
| 2. | Ин суханон ба ӯ ҳеҷ **нисбате** надоранд. | Имсол ҳаво **нисбат ба** соли гузашта беҳтар аст. |
| 3. | **Ба сари** кор рафтан лозим омад | Падар **сари** фарзандашро сила кард. |
| 4. | **Ба назари ӯ** рӯзи равшан шаби тор гашт. | **Назар ба** маълумоти онҳо мактабҳо фаъолияташонро қатъ намекунанд. |
| Фарқ | | |

**Кори инфиродӣ. Диктанти «Худам худамро месанҷам».** Иҷрои машқи **206.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери пешояндҳои такрор хат кашида, ба имлои онҳо диққат додан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои машқи 207.** Ҷумлаҳоро навишта, ба ифодаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда диққат додан. Фаҳмондани он, ки онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд.

| | |
|---|---|
| 1.Зиракӣ, **бофаҳмӣ** ва дониши ӯ Шодиро чунон хурсанд карда буд, ки вай ба пӯсташ намеғунҷид. | 1. **Ба фаҳми ман**, маслиҳати омӯзгор дуруст аст, –гуфт мудири мактаб ба падари хонанда. |
| 2. Шодӣ ба девори вагон такякунон **ба ҳузур** менишаст. | 2. Қосим **ба ҳузури** раиси хоҷагӣ омад. |
| 3. Ҳалим бачаи хеле **бамаъни** будааст. | 3. **Ба маънии** гапи ӯ сарфаҳм нарафтам. |

• **Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 208.** Ҷумлаҳоро нависед ва пешояндҳои такрорро муайян сохта, ба зерашон хат кашед. Ба имлои онҳо диққат диҳед.

**V. Вазифаи хонагӣ**. Иҷрои машқи **205.** Бо истифода аз пешояндҳое, ки дар нақшаҳо омадаанд, ҷумлаҳо тартиб додан.

баъд нисбат
пас назар
пеш аз оид ба
ғайр доир



Бо истифода аз намунаи таҳлили дар китоби дарсибуда яке аз пешояндҳоро таҳлили сарфӣ намудан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАСОЯНД: ПАСОЯНДҲОИ «-РО» ВА «БАРИН»

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- мафҳуми пасояндро дарк кардан;
- ба вазифаи грамматикии пасоянд сарфаҳм рафтан;
- пасоянди номиро аз аслӣ фарқ кардан;
- вазифаи пешоянд ва пасояндро муқаррар намудан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс**:

-риояи одоби мулоқот, баҳисобгирии давомот.

**Интизорӣ:**

-Шумо аз ин дарс чиро интизоред?

-Шумо чиро донистан мехоҳед?

**Ангезиши зеҳн**

**- Чиро пешоянд мегӯянд?**

-Пешояндҳо бо кадом калимаҳо меоянд?
-Хусусиятҳои пешояндҳо кадомҳоянд?
-Пешояндҳои аслӣ кадомҳоянд?
-Дар кадом вақт дигар ҳиссаҳои нутқ ба пешоянд мегузаранд?

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **205.** Бо истифода аз пешояндҳое, ки дар нақшаҳо омадаанд, ҷумлаҳо тартиб додан.

баъд — нисбат
пас — назар
пеш — аз оид ба
ғайр — доир

Бо истифода аз намунаи таҳлили дар китоби дарсибуда яке аз пешояндҳоро таҳлили сарфӣ намудан.

**Водорнамоӣ**

**III. Баёни мавзӯи нав. Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ё тахтаи синф:**

Дар забони тоҷикӣ ду пасоянди аслӣ -ро ва барин вуҷуд доранд, ки ҳарду маънои мустақили луғавӣ надоранд.

Пасоянди -ро шахсу предмет ва ҳодисаи муайяну ягонаро нишон медиҳад. Агар сухан дар бораи мафҳумҳои номуайяне равад, исми ифодакунандаи пуркунанда бе пасоянди -ро меояд. Пасоянди -ро ба калима якҷоя навишта мешавад. Масалан: китоб хондам. Пасоянди -ро пас аз қавс ва нохунак бо нимтире навишта мешавад. Мисол:

**Ман "Шоҳномаро"-ро хондам.**

| Р/т | Пасояндҳо | Вазифа | Мисол |
|---|---|---|---|
| 1. | -ро | Муайянӣ | Китобро хондам. Ман дарсамро тайёр кардам. Бародарамро хонондам. |
| 2. | Барин | Монандӣ ва тахмин | Бо белча чормағз барин гулқанд канда гирифта, ба тарафи қозӣ дароз кард. |
| 3. | Қатӣ (катӣ) | Ҳамроҳӣ, воситаи иҷро | Ман бародарам қатӣ омадам. Ҳезумро табар катӣ кафондам. |

• Агар гӯянда китоби муайянро дар назар дошта бошад, дар ин ҳол номи предмет бо пасоянди –ро оварда мешавад.

• Пасоянди барин барои ифодаи тобиши маъноии монандӣ ва тахмин хизмат мекунад.

• Пасоянди қатӣ (катӣ) бештар дар гуфтугӯ истеъмол мешавад ва ҳамчун пешоянди бо барои ифодаи тобиши ҳамроҳӣ ва воситаи иҷро хизмат мекунад.

**Даркнамоӣ.** Кор бо матни китоби дарсӣ. Ҷумлаҳоро аз нақшаи додашуда хонед ва фарқи маъноии онҳоро дар муқоиса шарҳ диҳед.

| | |
|---|---|
| 1.Ман китобро харидам.<br>2.Омӯзгор Зебиро гуфт.<br>3.Шароф омадан замон нишаст.<br>4.Чанд дақиқа барин вақт гузашт. | 1.Ман китоб харидам.<br>2.Омӯзгор ба Зебӣ гуфт.<br>3.Шароф омада нишаст.<br>4.Чанд дақиқа вақт гузашт. |

**Кори дунафара.** Бо пасояндҳои *-ро, қатӣ (катӣ), барин, омадан замон, ҳамоно…* ҷумлаҳо тартиб дода, вазифаи онҳоро шарҳ додан.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супориш: Иҷрои машқи 209.** Порчаҳои манзумро хонед ва шарҳ диҳед. Сипас калимаҳои пасояндддорро нависед ва вазифаи пасвандҳоро маънидод кунед. Ба савол ва супориши зери матн таваҷҷуҳ намоед.

1. Ба фикрҳои баёншуда розиед? Чаро?
2. Байти аввали порчаи дуюмро ба наср баргардонед.

*Обро олуда кардан кори саҳл,*
*Лек аз нав соф кардан мушкил аст.*

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супориш: Иҷрои машқи 110.** Матнро хонед ва гӯед, ки пасоянди ***-ро*** чӣ вазифаҳоро адо кардааст. Ба саволу супоришҳои зер аҳамият диҳед.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи «Мулоқоти аввалини ман», ки бо яке аз дӯстонашон карда буданд, иншо навиштан. Ба зери пасояндҳо хат кашидан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАСОЯНДҲОИ НОМИИ «ПАС, ПЕШ, ҚАБЛ, БОЗ, ИНҶОНИБ...»

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

-дарк кардани вазифаи грамматикии пасоянд;

- дар нутқ дуруст ва бамаврид истифода бурдани пасоянд.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс**:

- риояи одоби мулоқот, баҳисобгирии давомот;

-санҷиши машқи хонагӣ, омодагӣ ба дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Дар мавзӯи «Мулоқоти аввалини ман», ки бо яке аз дӯстонашон карда буданд, иншо навиштан. Ба зери пасояндҳо хат кашидан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баҳогузории хонандагон ба кори ҳамдигар.

**Ангезиши зеҳн.** Саволу ҷавоб доир ба мавзӯъҳои гузашта:

1. Дар бораи пасояндҳои забони тоҷикӣ чиро медонед?
2. Пасояндҳои аслӣ кадом аст?
3. Чаро пасояндҳои аслӣ мегуянд?
4. **Барин** чӣ гуна тобиши маъноӣ дорад?
5. Пасоянди -ро дар шеваҳо ба чӣ тариқ истифода мешавад?
6. Кадом пасояндҳо хоси забони гуфтугӯйианд? Чаро?

**Оғози дарс. Интизорӣ**

- Шумо аз ин дарс чиро интизоред?

- Шумо чиро донистан мехоҳед?

**III. Баёни мавзӯи нав. Пасояндҳои номии «пас, пеш, қабл, боз, инҷониб...»**

**Шарҳи омӯзгор:** Пасояндҳои номӣ ва вожаҳои пасояндии **боз, пеш, қабл, замон, ҳамоно** аз калима ҷудо навишта мешаванд: **ду сол боз, як ҳафта пеш, панҷ сол қабл.**

Пасояндҳои **ҳамон(о), инҷониб, замон(о), эътиборан, пеш, қабл, дида, сар карда** ва ғайраҳо бештар дар дар асарҳои бадеӣ истифода мешаванд. Онҳо асосан хоси забони гуфтугӯйианд.

**Кори дунафара.** Кор бо китоби дарсӣ. Супориш: Иҷрои машқи **211.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳед.

1. Ман як ҳафта **боз** аз дарстайёркунӣ маҳрум мондаам.
2. Аз хатми донишгоҳ **инҷониб** бо ӯ вонахӯрдаам.
3. Рӯз сафед шудан **ҳамон** ба кор мебаромадаанд.
4. Чанд сол **ин тараф** дар ин ҷо пири солхӯрдае нишаста ба мардум хизмат мекунад.

**Кор дар гурӯҳҳо**. Ислоҳи ғалатҳо.

Гурӯҳи 1. Се сол **ин ҷониб** ӯро надидам.
Гурӯҳи 2. Маҳфили Шоҳномахониро оғоз карданд.
Гурӯҳи 3. Ман Гулистонро ба ӯ додам.
Гурӯҳи 4. Вай омаданзамон ба кор баромад.

**Кори дунафара.** Ба ҳар як ҷуфт варақҳои алоҳида дода, хоҳиш менамоем, ки аз калимаҳои додашуда ҷумла тартиб диҳанд:

**Ҳамоно, инҷониб, омадан замон**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супориш: Иҷрои машқи 212.** Ҷумлаҳоро хонда нависед, пасояндҳоро муайян кунед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед. Имлои пасояндҳоро дар хотир нигаҳ доред.

**Гурӯҳи 1.** Рӯз сафед шудан ҳамон одамон ба кор мебаромаданд.(С, А.) Пӯлод ин ҷавони хандонрӯйиро дидан замон шинохт.(Р. Ҷ.) Панҷ сол қабл барои шаҳидони ҷанг ҳайкали ёдгорӣ сохтаанд.(Ф. М.)

**Гурӯҳи 2.** Латифамак шаш сол боз посбони идора ва анбори хоҷагӣ аст.(Ф. М.) Дина инҷониб хурсандии ӯро ҳадду канор набуд. (Ф. М.) Гоҳо як дастам қатӣ чашмони хок пуршудаашро молида пок мекардам. (А.Д.)

**Гурӯҳи 3.** Чанд сол ин тараф ба ёди ту, Хонапо духтари калон будам. (М. Т.) Аз пагоҳӣ сар карда дар пеши хонаи мо бачагони гуселкунанда ҷамъ мешаванд.(С.У.) Чаҳор рӯз инҷониб ба ростии ин гап бисёр далелҳо дидам. (Ф. М.)

**Гурӯҳи 4.** Аз рӯзи кӯчиданамон инҷониб рафтуомад кам шудааст. (Ф. М.) Аз ҳамон рӯз боз як кунҷи дилам пушти дег барин сиёҳ мебошад. (С. У.) Ба хона даромадан ҳамон диққати боборо намоиши телевизион ба худ кашид. (А.Д.)

**Гурӯҳи 5.** Чанд сол ин тараф дар ин ҷо як марди солхӯрдае нишаста, ба роҳгузарон хидмат мекард. (Р. Ҷ.) Аз ҳамон дам инҷониб Умарҷон ва Николай ёру бародар ва ба ҳам наздиктар шуданд. (Ҷ. И.) Қориишкамба барои овардани пул шитобкорона ба тарафи бонк нигоҳ карда давид. (С. А.)

• **Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

**V. Вазифаи хонагӣ:** Дар бораи шиносоии аввалин бо дӯсти наздик иншое навиштан. Ҳангоми навиштан аз пасояндҳои гуногун истифода кардан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА (дарси 1)

**Салоҳиятҳо**:

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

- ➢ матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;
- ➢ шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;
- ➢ малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- тартиби навиштани тавсифномаро аз худ кардан;
- мавриди пешниҳоди тавсифнома ва шартҳои навиштани онро донистан;
- фарқи тавсифномаро аз дигар ҳуҷҷатҳо муайян кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**II. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Дар бораи шиносоии аввалин бо дӯсти наздик иншое навиштан. Ҳангоми навиштан аз пасояндҳои гуногун истифода кардан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3.Арзёбии кори хонандагон.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тавсифнома.**

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ аз мазмуни машқи 213.** Порчаҳоро бодиққат хонда, онҳоро бо якдигар муқоиса карда хулосаашонро мухтасар гӯянд.

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 214.** Матни зеринро хонда, ба тарҷумаи ҳол муқоиса кардан. Фарқи байни онҳоро дар диаграммаи зерин шарҳ додан.

**Диаграммаи Венн:** 1. Тарҷумаи ҳол. 2. Тавсифнома.




**IV. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 215.** Қисми ҷумлаҳои дар шакли пароканда додашудаи матни тавсифномаи поёнро дуруст ҷо ба ҷо карда навиштан. Сифатҳои матнро аниқ сохта, ба зерашон хат кашида, нақши онҳоро шарҳ додан.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО ТАВСИФНОМА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо**:

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

- ➢ матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;
- ➢ шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;
- ➢ малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- тартиби навиштани тавсифномаро аз худ кардан;
- мавриди пешниҳоди тавсифнома ва шартҳои навиштани онро донистан;
- фарқи тавсифномаро аз дигар ҳуҷҷатҳо муайян кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. **Иҷрои машқи 215.** Қисми ҷумлаҳои дар шакли пароканда додашудаи матни тавсифномаи поёнро дуруст ҷо ба ҷо карда навиштан. Сифатҳои матнро аниқ сохта, ба зерашон хат кашида, нақши онҳоро шарҳ додан.

2. Санҷиши кори хонандагон;
3. Дар муқоиса арзёбӣ намудани кори ҳамдигар;
4. Саволу ҷавоб доир ба дарси гузашта:

• Тавсифнома кай, ба кӣ ва аз тарафи кӣ навишта мешавад?
• Фарқи тавсифнома аз тарҷумаи ҳол дар чист?

**III. Баёни мавзӯи нав. ТАВСИФНОМА**

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 216.** Матни тавсифномаи зеринро бодиққат хондан. Муайян кардани он ки дар навишти он ба ғалат роҳ дода шудааст ё не. Камбудиҳои онро ислоҳ карда шакли дурусташро навиштан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори дунафара. Супориш: Иҷрои машқи 217**. Ба яке аз дӯстонатон, ки сифатҳояш бароятон ошност, тавсифнома нависед. Кӯшиш кунед, ки бо риояи тартиб онро иҷро намоед.

• Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**Кори гурӯҳӣ. Супориш: Иҷрои машқи 218.** Бо тарҷумаи ҳоли баъзе шоирон ошно ҳастед. Бо истифодаи маълумотҳои аз дигар манбаъҳо бадастоварда шарҳи ҳоли яке аз онҳоро нависед. Гӯед, ки бароятон иҷрои ин кор ба осонӣ даст дод ё не. Чаро?

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

• Саволҳо барои такрору ҷамъбасти пешоянду пасояндҳо.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 219.** Барои шиноси наздик тавсифномае навишта, дар зери пешояндҳо як ва дар зери пасояндҳо ду хат кашидан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАК ЧУН ҲИССАИ НУТҚ

**Салоҳият:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 219. Барои шиноси наздик тавсифномае навишта, дар зери пешояндҳо як ва дар зери пасояндҳо ду хат кашидан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баррасии кори хонандагон.

**Интизорӣ**

-Шумо аз дарси имрӯза чиро интизоред?

-Чиро донистан мехоҳед?

Хонандагон ба се гурӯҳ ҷудо шуда, номи гурӯҳ ва сардори онро интихоб мекунанд ва бо навбат худро муаррифӣ менамоянд. Хонандагон ҷавобҳои худро ба саволҳои интизорӣ дар варақчаҳои зарди ба шакли нури офтоб буридашуда менависанд. Омӯзгор ҷавобҳоро як-як хонда, ба вараќи калони дар тахтабуда бо ширеш мечаспонад. Дар варақаи «Интизорӣ» расми офтоб бо шуълаҳои дурахшонаш пайдо мешавад. Ба ин кор як дақиқа ҷудо кардан мумкин аст.

**Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:**

**Саволномаи 1.** Калимаҳои байтро ҷо ба ҷо гузошта, ҳиссаҳои номустақили нутқро муайян кардан:

Омӯзгор, ҷаҳон, набвад, агар, дар, аз, бехирад, шавад, рӯзгор, тира.

**Саволномаи 2.** Пешояндҳои зеринро аз рӯйи сохташон ба сутунҳо ҷудо кардан: Аз, пеши, ба, дар, назди, барои, то, паси, ғайри, болои, оид ба, ба ғайр аз, то ба, дар болои, ба муносибати, нисбат ба, аз ҷиҳати, пеш аз.

**Саволномаи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузоред ва муайян кунед, ки он кадом ҳиссаи нутқ аст:

… пешгоҳи бино мизи албонпӯше … назар мерасид, ки … он як даста китобча … рӯзномаҳои кухна мехобид.

**Саволномаи 4.** Калимаҳои ишорашуда аз якдигар чӣ фарқ доранд, шарҳ диҳед:

1. Зиракӣ, **бофаҳмӣ** ва дониши ӯ маро хурсанд кард.

2. **Ба фаҳми** ман, маслиҳати омӯзгор дуруст аст.

**Саволномаи 5.** Байти мазкурро ба наср баргардонед ва вазифаи пешоянди «бе»-ро шарҳ диҳед:

Бе азми дурусту саъйи комил,
Касро нашавад мурод ҳосил.

**Саволномаи 6.** Дар калимаҳои боодоб, бегуноҳ, бекор, чаро бе- ва бо- якҷоя навишта шудаанд? Калимаи ҷузъ аз ҷуз чӣ фарқ дорад?

Пас аз шунидани ҷавоби саволномаҳо мавзӯи гузашта ҷамъбаст карда мешавад.

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандак чун ҳиссаи нутқ**

Ба хонандагон зарбулмасалҳо аз машқи **220** пешниҳод карда мешаванд. Ҷумлаҳоро навишта, вазифаҳои калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ додан.

1. Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,
   Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад.
2. Салоҳи мамлакату мулк хусравон донанд.
3. Сабр талх аст, валекин бари ширин дорад.
4. Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад.

Ба ин восита донишҳои пештараи хонандагон оид ба пайвандак такрору ҷамъбаст карда мешаванд.

**Шарҳи омӯзгор ва таҳияи қоидаи пайвандак:**

• **Пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои чида, ҷумлаҳои содаи таркибӣ ҷумлаҳои мураккаб, инчунин ҷумлаҳоро дар матн алоқаманд менамоянд.**

• **Пайвандакҳо аз рӯйи сохт содаю таркибӣ ва аз рӯйи мазмун пайвасткунандаю тобеъкунанда мешаванд.**

• **Пайвандакҳо тағйир намеёбанд ва аъзои ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо чун пешояндҳо муносибатҳои гуногуни маъноӣ (наҳвӣ)-ро ифода мекунанд.**

**Супоришҳо:**

• Хонандагон ба таври шифоҳӣ бо пайвандакҳои «ва», «ки», «аммо» ҷумлаҳо мегӯянд. Омӯзгор ба воситаи аёният ва ё тахтаи электронӣ мавзӯъро бо мисолҳо шарҳ медиҳад.

• **Иҷрои машқи 221.** Матнро хонда, хулосаатонро мухтасар баён созед ва вазифаи калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб дода, сабаби гузоштани аломати китобатро шарҳ додан.

1. ______________ ва ____________________
2. ______________, вале __________________
3. ______________ ё ______________________
4. ______________, аммо __________________
5. ______________, ки ____________________
6. ______________ -у _____________________

Сипас хонандагон луғатҳои «мулозим – ҳамроҳ; ифтор кардан – хӯрдан; хештандор – худдор, парҳезгор; лоҷарам – ночор, ногузир, бинобар ин»-ро ба дафтар навишта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб медиҳанд.

**Хулосабарорӣ.** Ба хонандагон бо чунин савол муроҷиат карда мешавад: «Аз дарси имрӯза чӣ гирифтед?».

Хонандагон таассуроти худро дар баргчаҳои сабзу сурху зарду сафед навишта ба омӯзгор месупоранд. Омӯзгор варақчаҳоро гирифта, дар варақи сафеди калон ба расми пешакӣ тайёр кардашуда мечаспонад. Майдони зебои гулзор дар зери шуои офтоб пайдо мешавад.

Омӯзгор дарсро ҷамъбаст мекунад.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 222.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузошта ҳикояро навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НАВЪҲОИ ПАЙВАНДАКҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- ➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- навъҳои пайвандакҳоро шинохтан;
- пайвандакҳоро аз рӯйи вазифа фарқ кардан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 222. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузошта, ҳикояро навиштан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баррасии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав:

- Пайвандак чист?
- Пайвандак чӣ вазифа дорад?
- Он аъзои ҷумла шуда метавонад?
- Пайвандакҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд? Кадомҳо?
- Пайвандакҳо аз рӯйи мазмун чанд хел мешаванд? Кадомҳо?

**III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои пайвандакҳо. Шарҳи омӯзгор:**

Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд**:** **<u>пайвасткунанда</u> ва <u>тобеъкунанда.</u>**

**1**.Пайвандакҳои пайвасткунанда ***ва, -у (-ю,-ву), аммо, вале, лекин, балки, ҳарчанд, ё, ё ин ки, ё …ё)*** аъзоҳои чида, ҷумлаҳои содаи таркибӣ ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои алоҳидаро бо ҳам мепайванданд:

2. Пайвандакҳои тобеъкунанда ***(ки, чунки, зеро, зеро ки, агар, вақте ки, барои он ки, бо нияти он ки…)*** ҷумлаҳои содаи дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъбударо ба ҳам алоқаманд сохта, яке асосӣ, дигаре тобеъ аст.

**• Иҷрои машқи 223.** Матнро хонед ва аниқ созед, ки дар он кадом пайвандакҳо истифода шудаанд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои машқи 224.** Порчаҳои манзумро хонда маънидод кардан. Сипас байтҳои пайвандакдорро навишта, вазифаи пайвандакҳоро шарҳ додан. Ба саволу супоришҳои зер таваҷҷуҳ кардан.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз китобҳои бадеӣ 4 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда истифода шуда бошанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ВА НАВЪҲОИ ОН

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- ➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. 1. Аз китобҳои бадеӣ 4 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда истифода шуда бошанд.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баррасии кори хонандагон;

3.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии мавзӯи нав:

• Пайвандак чист?
• Пайвандак чӣ вазифа дорад?
• Он аъзои ҷумла шуда метавонад?
• Пайвандакҳои пайвасткунанда кадомҳоянд?
• Пайвандакҳои тобеъкунанда чӣ?

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои пайвасткунанда ва навъҳои он**

**Кори гурӯҳӣ.** Иҷрои машқи 225. Мақолҳоро хонда, ҳикмати онҳоро баён карда, вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ додан.

Гурӯҳи 1. Аз қош**у** қавоқат барф***у*** борон мерезад.

Гурӯҳи 2. Ҳофиз манам***у*** бародарам мехонад.

Гурӯҳи 3. Барои дӯстон ҷонро фидо кун, ***валекин*** дӯст аз душман ҷудо кун.

Гурӯҳи 4. Бо дӯст ба айш бинишин, ***аммо*** дохили муомилот машав.

Гурӯҳи 5. **Ё** сахт чу санг бош, **ё** мулоим чу мум.

Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ:

**Пайвандакҳои пайвасткунанда аз рӯйи маъно ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: пайи ҳам -** ***ва, - у (- ю, - ву), ҳам … ҳам, чи … чи;*** **хилофӣ-** ***аммо, вале, лекин, балки*** **ва ҷудоӣ-** ***ё, ё ки, ё ин ки.***

Пайвандакҳои пайвасткунанда аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккабро бо ҳам мепайванданд.

**Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 226.** Порчаи шеъриро нависед ва ба зери пайвандакҳо хат кашида, вазифаи онҳоро маънидод кунед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо.**

**Супориш:** Бо пайвандакҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед:

**Гурӯҳи 1.** Пайвандакҳои пайвасткунандаи **пайи ҳам** ***-ва, - у (- ю, - ву), ҳам … ҳам, чи … чи;***

**Гурӯҳи 2.** Пайвандакҳои пайвасткунандаи **хилофӣ-** ***аммо, вале, лекин, балки.***

**Гурӯҳи 3.** Пайвандакҳои пайвасткунандаи **ҷудоӣ-** ***ё, ё ки, ё ин ки.***

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз китобҳои бадеӣ доир ба ҳар навъи пайвандакҳои пайвасткунанда ҷумлаҳо навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙИҲАМ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Аз китобҳои бадеӣ доир ба ҳар навъи пайвандакҳои пайвасткунанда ҷумлаҳо навиштан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Баррасии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои пайиҳам**

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ:**

Ба пайвандакҳои пайиҳам ***ва, -у (- ю, -ву), чи…чи, ҳам…ҳам*** дохил шуда, барои ба ҳам пайвастани аъзоҳои чида ва ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хидмат мекунанд. Ин пайвандакҳо ҳангоми ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам пайвастан амали дар як вақт ва ё пайиҳам содиршавандаро нишон медиҳанд.

• **Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 227**. Порчаҳои зеринро возеҳ бихонед ва маънидод кунед. Сипас пайвандакҳои пайвасткунандаро аниқ созед ва вазифаи ҳар кадомро шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 228.** Матнро бодиққат хонед ва ҳадафи онро муайян кунед. Сипас онро нависед ва ба мавқеи аломатҳои китобат диққат диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 229.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Сипас ҷумлаҳоеро, ки пайвандаки пайвасткунанда доранд, нависед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 230.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Магар ***-у*** ва ***-ю***-ро бо ***ва*** иваз кардан мумкин аст? Чаро? Дар мавзӯи «*Сухан зи сӯрох берун кашад морро»* нақле нависед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 232.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Магар ***-у*** ва ***-ю***-ро бо ***ва*** иваз кардан мумкин аст? Чаро?

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 231.** Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб додан ва сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАКҲОИ ХИЛОФӢ ВА ҶУДОӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Иҷрои машқи 231. Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб дода, сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Баррасии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои хилофӣ ва ҷудоӣ**

**Шарҳи омӯзгор: Пайвандакҳои хилофӣ** асосан ***аммо, вале, лекин*** ва ***ҳол он ки*** буда, хабари ҷумла ва ё ҷумлаҳои мустақилро бо ҳам мепайванданд, ки амал ва ҳолати онҳо бо ҳам мухолифанд: *Ман туро ҷустуҷӯ кардам,* ***аммо*** *наёфтам. Ман ба назди ту омадам,* ***аммо*** *ту набудӣ. Овоз хеле паст,* ***вале*** *гӯё шунида мешуд.*

Дар баъзе мавридҳо пайвандаки **-у** метавонад ба вазифаи пайвандакҳои хилофӣ истеъмол шавад, мулоҳиза кунед: *Ҳофиз манам****у*** *бародарам мехонад.*

**• Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 233.** Ҷумлаҳоро навишта, пайвандакҳоро аниқ сохтан ва вазифаҳояшонро шарҳ додан.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 234.** Порчаҳои зеринро хонед ва маънидод кунед. Пайвандакҳои пайвасткунандаро ёбед ва вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 235.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои ***аммо, вале, ё, ё ин ки*** гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед ва нависед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 236.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

**Шарҳи омӯзгор: Пайвандакҳои ҷудоӣ** асосан ***ё, ё ин ки, ё… ё*** буда, аъзоҳои ҷумла ва ҷумлаҳои мустақилро ба ҳам мепайванданд, ки аз амалҳои ба онҳо мансуб бояд яке афзалтар ё имконпазир дониста шавад. Мулоҳиза кунед: *Дар мактаб имрӯз* ***ё*** *фардо маҷлис мешудааст.*

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супориш: Иҷрои машқи 237.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки пайвандакҳо чӣ вазифаро адо кардаанд.

• **Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 239.** Мақолҳоро хонда, ҳикмати онҳоро баён кунед ва вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 238.** Зарбулмасалу мақолҳоро навишта, вазифаи пайвандакҳоро шарҳ додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲОИ МАЗМУНИ ТАСВИРДОШТА (дарси 1)

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Шинос шудан бо воситаҳои баёни тасвир дар нутқ, зарбулмасалу мақол ва жанри латифа, фарқ кардани тасвир, зарбулмасалу мақол ва латифа аз ҳамдигар ва муайян кардани мавриди истифодаи онҳо.

**Хонанда**

- мушоҳида ва таассуроти худро доир ба ягон ашё, инсон ва табиат дар риштаи тасвир кашида метавонад;
- аҳамияти зарбулмасалу мақолро дар нутқ дарк менамояд;
- мавқеи латифаро дар адабиёти шифоҳӣ муайян карда метавонад;
- бо имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат бештар ошно мегардад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**. 1. Иҷрои машқи 238. Зарбулмасалу мақолҳоро навишта, вазифаи пайвандакҳоро шарҳ додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матнҳои мазмуни тасвирдошта**

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ аз рӯйи машқи 240.** Шарҳи мафҳуми тасвир аз рӯйи матн.

• **Супориши умумӣ:** Иҷрои машқи **241.** Матнро хонед ва мазмунашро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар матн чӣ тасвир шудааст. Сифатҳои нахчирро муайян кунед ва нависед.

**IV.Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 242.** Матнро хонед ва гӯед, ки дар он кадом шаҳр тасвир шудааст. Магар матн ҳамаи хусусият – сифатҳои шаҳрро фаро мегирад?

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 243.** Калимаҳои зеринро бодиққат хонед ва шакли дурусташро нависед. Бо навиштаи ҳамсинфи паҳлуятон муқоиса кунед. Ғалат дар кори кӣ содир нашудааст?

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 244.** Порчаро хонед ва гӯед, ки дар он тасвир мавқеъ дорад ё ахбор.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 245.** Матнро бодиққат хонед ва сифатҳои уқобро аниқ созед. Сипас калима ва ибораҳоеро, ки сифати хосу барҷастаи уқобро тасвир мекунанд, нависед. Бо ин калимаҳо ҷумлаҳо созед.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 246.** Ба хонандагон гӯед, ки иншое нависанд ва дар он парандаи барояшон ошноро тасвир намоянд. Фаҳмед, ки оё ба онҳо муяссар шуд, ки бе душворӣ ин корро анҷом диҳанд. Чаро?

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲОИ МАЗМУНИ ТАСВИРДОШТА (дарси 2)

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Шинос шудан бо воситаҳои баёни тасвир дар нутқ, зарбулмасалу мақол ва жанри латифа, фарқ кардани тасвир, зарбулмасалу мақол ва латифа аз ҳамдигар ва муайян кардани мавриди истифодаи онҳо.

**Хонанда**

- мушоҳида ва таассуроти худро доир ба ягон ашё, инсон ва табиат дар риштаи тасвир кашида метавонад;
- аҳамияти зарбулмасалу мақолро дар нутқ дарк менамояд;
- мавқеи латифаро дар адабиёти шифоҳӣ муайян карда метавонад;
- бо имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат бештар ошно мегардад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 246. Ба хонандагон гӯед, ки иншое нависанд ва дар он парандаи барояшон ошноро тасвир намоянд. Фаҳмед, ки оё ба онҳо муяссар шуд, ки бе душворӣ ин корро анҷом диҳанд. Чаро?

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**• Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 247.** Шеъри зеринро бодиққат хонед. Дар он чӣ манзара тасвир шудааст? Ба ин шеър кадом ном мувофиқ аст?

***Бозии «Нақли кӣ беҳтар?»***

Дар назди тахтаи синф расми манзара овехта мешавад. Хонандагони хоҳишманд ба назди расм омада, мазмуни онро ба дигарон нақл мекунанд. Касе, ки мазмуни расмро бо ифодаҳои зебову пуробуранг, шево ва таъсирбахш нақл мекунад, ғолиб дониста мешавад. Дар ҷараёни нақл ба ҳунари тасвиргарии хонанда диққати махсус дода мешавад.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо: Ичрои машқи 249**. Номгӯйи фаъолиятҳое, ки барои дар оташ пухтани кабоб аз моҳӣ бояд анҷом дод, дар зер оварда шудаанд. Дар мавзӯи «Кабоб аз моҳӣ» матни расмии ҳикоягӣ таҳия кунед.

**Қатори 1. Иҷрои машқи 250.** Ҳикояро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки пайвандакҳои ишорашуда чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

**Қатори 1. Иҷрои машқи 251.** Ҷумлаҳоро нависед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

**Қатори 1. Иҷрои машқи 252.** Аз рӯйи нақша ҷумлаҳо тартиб диҳед ва сабаби гузоштани аломатҳои китобатро шарҳ диҳед.

**• Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 248.** Ба хонандагон гӯед, ки дар мавзӯи «Об асоси ободонӣ» иншое нависанд ва дар он мавзеero тасвир кунанд, ки қаблан чӣ гуна буд ва ҳоло чӣ тавр аст?

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА ВА ШАРҲИ ВАЗИФАИ ОНҲО

**Салоҳият:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1.Иҷрои машқи 248. Ба хонандагон гӯед, ки дар мавзӯи «Об асоси ободонӣ» иншое нависанд ва дар он мавзеъро тасвир кунанд, ки қаблан чӣ гуна буд ва ҳоло чӣ тавр аст?

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон.
4.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**Ангезиши зеҳн**

- Шумо дар бораи пайвандакҳо чӣ медонед?
- Пайвандакҳо чӣ хусусият доранд?
- Вазифаи пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
- Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
- Пайвандакҳои тобеъкунанда кадомҳоянд?

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои тобеъкунанда ва шарҳи вазифаи онҳо**

**Водоркунӣ.** Иҷрои машқи 253. Баъди хондани нақша аз хонандагон хулосаашонро пурсед.

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ**

Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ омада, як ҷумларо ба ҷумлаи дигар алоқаманд месозанд. Ин пайвандакҳо мувофиқи маъною вазифаашон ба пайвандакҳои **замону тарз, миқдору сабаб, мақсаду шарт, хилофу макон** ҷудо мешаванд.

**Иҷрои машқи 254.** Ҳикояро хонед ва маънидод кунед. Вазифаи пайвандакҳои ишорашударо шарҳ диҳед.




**Кор дар гурӯҳҳо.** Фарқи пешоянд аз пайвандакро дар диаграмма нишон додан.

Пешоянд. Пайвандак

Диаграммаро пур намуда, ҳар як гурӯҳ кори худро дар назди тахтаи синф муаррифӣ ва омӯзгор ҷавоби хонандагонро ҷамъбаст мекунад.

Супоришҳоро пешниҳод кунед ва гурӯҳҳо мутаносибан машқҳоро иҷро намоянд.

**Гурӯҳи 1. Машқи 255.** Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки вазифаи пайвандаки ***азбаски*** аз чӣ иборат аст. Ба ҷумлаҳои сеюму чорум пайвандакҳо илова карда, онҳоро нависед.

**Гурӯҳи 1. Машқи 256.** Порчаҳои шеъриро хонед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ дода, аз рӯйи тобиши маъноӣ навъи онҳоро муайян созед.

**Гурӯҳи 2. Машқи 257.** Ҷумлаҳоро нависед ва пайвандакҳоро муайян сохта, вазифаашонро маънидод кунед.

**Гурӯҳи 3. Машқи 258.** Пандҳоро хонда, ҳар яки онро маънидод кунед ва нуктаҳои аз онҳо бардоштаатонро баён созед.

**Гурӯҳи 4. Машқи 259.** Ҳикояро хонда, натиҷаи бардоштаатонро мухтасар нависед ва ҳини таълиф аз пайвандакҳо дуруст истифода баред.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

**Супориш:** Кори гурӯҳӣ. Ҳар гурӯҳ пайвандакҳоро аз рӯйи маъно ва вазифаашон мутаносибан дар сутунҳо менависад: вақте ки, то даме ки, даме ки, ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, то, то ки, барои он ки, аз баҳри он ки, агар (гар, ар), агар ки, ба шарте ки, азбаски, чунки, зеро, зеро ки, модоме ки, агарчи, гарчанде ки, бо вуҷуди он ки

| замон | тарзи амал | мақсад | шарт | сабаб | хилоф |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

**Супориш: Кори дунафара байни қаторҳо.** Бо пайвандакҳо ҷумла тартиб додан:

Қатори 1: Бо пайвандакҳои замон ва тарзи амал.

Қатори 2: Бо пайвандакҳои мақсад ва шарт

Қатори 3: Бо пайвандакҳои сабаб ва хилоф

• ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоянд.

| **Т/р** | **Номи хонанда** | **Ҷумла** | **Дуруст** | **Нодуруст** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |
| 2. | | | | |
| 3. | | | | |
| Баҳо | | | | |

**Кор бо луғат.** Луғатҳои дар матнҳо овардашударо аз худ карда шарҳ додан.

**V. Вазифаи хонагӣ:** Дар мавзӯи «Аҳамияти илм» иншое навишта, пайвандакҳои истифодабурдаро ба ду сутун ҷудо кардан (пайвасткунанда ва тобеъкунанда).

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲО ВА ШАРҲИ ВАЗИФАИ ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- ➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Дар мавзӯи «Аҳамияти илм» иншое навишта, пайвандакҳои истифодабурдаро ба ду сутун ҷудо кардан (пайвасткунанда ва тобеъкунанда).

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3.Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

• Пайвандакҳо аз пешояндҳо чӣ фарқ мекунанд?

• Чаро пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда мегӯянд?

• Пайвандакҳои пайвасткунандаро номбар кунед.

• Пайвандакҳои тобеъкунанда кадомҳоянд?

**III. Баёни мавзӯи нав. Иҷрои машқи 260.** Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонанд, пайвандакҳои онро аниқна намуда вазифаашонро шарҳ диҳанд.

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 261.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Пайвандакҳоро ёбед ва аз рӯйи хел ба ду сутун ҷудо карда нависед.

| **Т/р** | **Пайвандакҳои пайвасткунанда** | **Пайвандакҳои тобеъкунанда** |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |
| 6. | | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 262.** Матнро хонед ва ҳикмати онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки дар ин порча чӣ гуна ифодаҳоеро вохӯрдед, ки бароятон аҷибанд? Онҳоро дар забони имрӯза чӣ тавр баён мекунанд?

**Қатори 2. Иҷрои машқи 263.** Моҳияти мақолҳои зеринро шарҳ диҳед ва барои собит сохтани ҳақиқати онҳо далелҳо оред. Гӯед, ки пайвандакҳо дар онҳо чӣ тобишеро ифода кардаанд.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи ***«Одами беватан–булбули бечаман»*** иншое навиштан. Дар зери пайвандакҳои пайвасткунанда як ва дар зери пайвандакҳои тобеъкунанда ду хат кашидан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## СОХТ ВА ТАРКИБИ ПАЙВАНДАКҲО: СОДА

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;

➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;

➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;

➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Дар мавзӯи ***«Одами бееватан–булбули бечаман»*** иншое навиштан. Дар зери пайвандакҳои пайвасткунанда як ва дар зери пайвандакҳои тобеъкунанда ду хат кашидан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**Ангезиши зеҳн. Саволҳо:**

- Пайвандакҳо ба кадом ҳиссаи нутқ дохил мешаванд?
- Вазифаи пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
- Аломатҳои грамматикии пайвандакҳо дар чӣ зоҳир мешаванд?
- Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

**Кори инфиродӣ. Диктанти «Худамро месанҷам».** Омӯзгор матнро дикта мекунад, хонандагон менависанд:

Дар вақтҳои охир ба шаҳри Душанбе аз хориҷа бисёр касон меоянд, ки таассуроташон дар бораи шаҳр аҷиб аст. Яке Душанберо шаҳри ороста, дигаре гулбоғ ва сеюмӣ хушманзара номидааст.

Шоир ва олими маъруфи Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ, ки ба ҷашни шашсаду панҷоҳумин солгарди Ҳофиз ба Душанбе омада буд, гуфтааст: «Душанбе… дар сӣ соли охир ба сурати шаҳри зебо даромадааст, иморатҳои хубу хиёбонҳои паҳн ва пургулу дарахт дорад. Касе, ки дар урдубиҳишт (моҳи дуюми соли шамсӣ мусодиф ба 21 апрел – 21 май) ба он ҷо сафар кунад, ба он «Гулшаҳр» ном хоҳад дод, зеро ки дар фурудгоҳу хиёбон ва боғу хона ҳама ҷо гул аст».

• Хонандагон навиштаҳои худро бо матни машқи **264** муқоиса карда, ғалатҳои худро муайян мекунанд;

• Пайвандакҳои матнро ёфта, ба зерашон хат кашида, ба хелҳо ҷудо мекунанд.

• Ҳар кас ба кори худ баҳо медиҳад, дурустии онро омӯзгор аз назар мегузаронад.

**Диққати хонандагонро барои ҷавоб додан ба савол ва супориши поёни матн ҷалб намоед.**

1. Тақлидан ба матн деҳаатонро тасвир намоед.

2. Сифатҳои шаҳри Душанберо аз матн ёбед. Оё сифатҳои дигарро ном бурда метавонед, ки хоси Душанбе бошанд?

3. Ободию зебоии шаҳр ба кӣ вобаста аст? Шумо дар ин кор чӣ саҳме доред?

**III. Баёни мавзӯи нав. Сохт ва таркиби пайвандакҳо: сода**

**Даркнамоӣ. 1.** Иҷрои машқи 265. Ҳикояро хонда, ҳадафи асосии онро муайян сохтан, пайвандаку пешояндҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ додан. Шарҳ додани он, ки кадом ҷумла ҳикояро ҳусни хотима мебахшад.

2. Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ:

Пайвандакҳо аз ҷиҳати сохту таркиб <u>сода</u>, <u>мураккаб</u> ва <u>таркибӣ</u> мешаванд:

**а) пайвандакҳои сода ба ҳиссаҳо ҷудо намешаванд:** ***ва -у (-ю, -ву), то, чун, агар (гар, ар), гӯё, аммо, лекин, вале, ки.***

**Кор дар гурӯҳҳо.** Супориш: Бо матнҳо шинос шуда, баъди иҷрои талаботи он пайвандакҳои онро аз рӯйи сохт дар нақша навиштан.

Қатори 1. Иҷрои машқи 266. Матнро хонед ва пайвандакҳои онро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Қатори 2. Иҷрои машқи 268. Ҳикояро хонед, мазмуни онро нақл кунед ва пайвандакҳоро аз лиҳози сохт шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

**Мулоҳизаронӣ.** Саволҳо:

- Дар ҷумлаи «Чун ба миёни ҷӯй расид, об то шиками вай баромад» калимаи «то» кадом ҳиссаи нутқ аст?
- Дар ҷумлаи «Пас илм ба ҳосил кун, то шарафу иззат биёбӣ ва аз мазаллати хумулӣ халосӣ ёбӣ» калимаи «то» пайвандак аст ё пешоянд?

- Пайвандаки «аз баҳри он ки» аз ҷиҳати сохт чӣ гуна аст ва муродифи он кадом калима аст?

**V. Вазифаи хонагӣ:** Аз ашъори Мирзо Турсунзода ва Фарзона 3 байт навиштан, ки дар онҳо пайвандакҳои сода истифода шуда бошанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ПАЙВАНДАКҲОИ МУРАККАБ ВА ТАРКИБӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда:**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Аз ашъори Мирзо Турсунзода ва Фарзона 3 байт навиштан, ки дар онҳо пайвандакҳои сода истифода шуда бошанд.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**Ангезиши зеҳн**

- Моҳияти луғавии пайвандакҳо аз чӣ иборат аст?
- Пайвандакҳо аз рӯйи вазифа ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
- Пайвандакҳо аз руи сохт чанд навъ мешаванд?

**Кори дунафара.** Диктанти эҷодӣ. Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои мувофиқ гузоштан:

- Одамон ба қиёфаи сохта, … саодатманд ба якдигар менигаристанд.
- Падарам ба ман як каландча харида дод … ман корро сар кардам.
- Омӯзгор супориш дод, … пагоҳ барои ниҳолшинонӣ ҷамъ шавем.
- Гирду атроф ҳам он қадар торик наменамуд, … дар пеш чароғҳо буданд.

-баҳогузорӣ ба кори ҳамдигар.

**III. Баёни мавзӯи нав. Пайвандакҳои мураккаб ва таркибӣ**

Шарҳи омӯзгор: Тавре гуфтем, пайвандакҳо аз рӯйи сохт сода, мураккаб ва таркибӣ мешаванд.

**б) пайвандакҳои мураккаб аз ду ҷузъ ташкил мешаванд:** ***аз-баски, чун-ки, агар-чанд, агар-чи, гар-чи;***

**в) пайвандакҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб меёбанд:** ***то ки, зеро ки, вақте ки, чунон ки, то даме ки, ҳар қадар ки, барои он ки.***

**Кори гурӯҳӣ.** Кор бо китоби дарсӣ. Иҷрои машқи **267.** Ҷумлаҳоро нависед ва пайвандакҳои онҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед.

| Сода | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|
| | | |

**Ҷумлаҳоро аз рӯйи тахта навиштан ва кори худро бо навиштаҳои шахси ҳампаҳлу муқоиса кардан. Пайвандакҳоро аз рӯйи сохт ва мазмун муайян кардан.**

Гурӯҳи 1. Рӯзона, вақте ки модараш ба кор мерафт, Насиба ҳамеша дар назди онҳо буд.

Гурӯҳи 2. Карам намуда ба наздиктари мо оед, то ки бинобар давлатхоҳии шумо чанд калима сухан ба арз расонам.

Гурӯҳи 3. Вақте ки Мирзобайрам аз қайди асирии Руқиябегим тамоман халос шуд, бемориаш ҳам бартараф гардид.

Гурӯҳи 4. Ману Азизхон бошем, бисёр шод шудем, зеро ки дер боз ягон дигаргунӣ ва навигариро орзу мекардем.

Гурӯҳи 5: Солеҳ бо чашми ҳаросон ва хотири парешон, дар ҳолате ки аз тарс ҷоғаш меларзид, ба назди тахта рафт.

| Пайвандак | Сохт | Мазмун |
|---|---|---|
| | | |

• **Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Супориш: Иҷрои машқи 269.** Порчаҳоро хонда, пайвандакҳои онҳоро ёбед ва сохташонро аниқ созед. Саволу супоришҳои зери матнро иҷро намоед.

| Сода | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|
| | | |

**V. Вазифаи хонагӣ:** Бо калимаҳои ”азбаски, гарчанде, чунки, гарчи” ҷумла тартиб дода, вазифаашонро шарҳ додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲО ВА ШАРҲИ ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;

➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;

➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;

➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пайвандакҳо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- вазифаи пайвандакҳо ва мавриди истифодаи онҳоро дар ҷумла шарҳ додан;
- ба фарқи пайвандакҳо аз дигар ҳиссаҳои нутқ сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

- ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
- омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
- шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Бо калимаҳои ”азбаски, гарчанде, чунки, гарчи” ҷумла тартиб дода, вазифаашонро шарҳ додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Супоришҳо: Ҳалли машқҳо дар гурӯҳҳо.**

**Иҷрои машқи 272.** Байтҳоро хонед ва вазифаи пайвандакҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 270.** Порчаро возеҳ ва бо риояи оҳанг хонед. Пайвандакҳоро навишта, навъ, сохт ва вазифаашонро аниқ созед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 273.** Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки пайвандаки кадом ҷумлаҳоро иваз кардан мумкин аст ва чаро?

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 274.** Матнро бодиққат хонед ва хулосаатонро мухтасар нависед. Ҳангоми навишт аз ҳар ду навъи пайвандакҳо истифода баред.

**Гурӯҳи 4. Ичрои машқи 275.** Матнро хонда, ҷумлаҳои пайвандакдорро нависед ва кадом хели пайвандак буданашро шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс** тавассути намунаи таҳлили сарфии пайвандак ва саволу ҷавоб доир ба боб.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **271.** Матнро бодиққат хонда, тақлидан ба он иншое навиштан. Аз пайвандакҳо бамавқеъ истифода бурдан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА- дарси 3

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

- матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;
- шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- дар бораи ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамал маълумоти кофӣ пайдо мекунад;
- мавриди истифодаи ҳар кадом ҳуҷҷати расмӣ, аз ҷумла тавсифномаро фарқ карда тавонистан;
- малакаи тавсифнома навиштанро пайдо мекунад.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **271.** Матнро бодиққат хонда, тақлидан ба он иншое навиштан. Аз пайвандакҳо бамавқеъ истифода бурдан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Савол ва супориш:

• Хондани асарҳои кадоме аз адибонро дӯст медоред? Чаро?

• Чӣ ҳодиса сабаби дилбастагии Шумо ба асарҳои ӯ шуд?

• Асарҳои ба кадом мавзӯъ бахшидашуда таваҷҷуҳатонро бештар ҷалб мекунанд? Чаро?

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни тавсифнома**

**Ангезиши зеҳн:**

-Тавсифнома кай, ба кӣ ва аз тарафи кӣ навишта мешавад?

-Фарқи тавсифнома аз тарҷумаи ҳол дар чист?

-Пайвандак чӣ хел ҳиссаи нутқ аст?

**Кори инфиродӣ.** Супориш: Нақшаро пур кунед. Дар он маълумотҳоро доир ба хислату фаъолияти дӯстатон гирд оваред.

| Р/т | Ному насаб | Таҳсил | Хислат | Фаъолият |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

• Бо маслиҳати ҳамдигар кори худро такмил диҳед, муайян кунед, ки кадом паҳлуҳои дигар ба инобат гирифта нашудаанд. Ба ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

**Кори гурӯҳӣ. Супориш: Аз рӯйи нишондоди зерин тавсифнома тартиб диҳед:**

1. Номи санад
2. Ному насаби шахсе, ки бар вай тавсифнома дода мешавад.
3. Таърихи таваллуд
4. Миллат
5. Таҳсилот
6. Маълумот (ахбор) дар бораи фаъолияти таҳсилӣ, кор (ихтисос-касб), муддати таҳсил, кор дар муассиса, сатҳи донишандӯзӣ ё маҳорати касбӣ ва ғайра.
7. Ахбор дар бораи сифатҳои ахлоқиву сиёсӣ ва кории тавсифшавандаҳо, муносибат ба таҳсил, баланд бардоштани сатҳи омӯзиш ва кор, иштирок дар чорабиниҳо, рафтор дар зиндагӣ, хислатҳои шахсӣ, муносибат бо атрофиён. Дар бораи мукофот (агар дошта бошад).
8. Ҷойи пешниҳоди тавсифнома

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар бораи яке аз ҳамсинфон чун роҳбари синф тавсифнома навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ТАВСИФНОМА- дарси 4

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

- матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;
- ба фарқи байни шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро сарфаҳм рафта, ҳар кадомро дар мавридаш таҳия карда метавонад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- дар бораи ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамал маълумоти кофӣ пайдо мекунад;
- мавриди истифодаи ҳар кадом ҳуҷҷати расмӣ, аз ҷумла тавсифномаро фарқ карда тавонистан;
- малакаи тавсифнома навиштанро пайдо мекунад.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Дар бораи яке аз ҳамсинфон чун роҳбари синф тавсифнома навиштан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволҳо:

-Тавсифнома кай, ба кӣ ва аз тарафи кӣ навишта мешавад?

-Фарқи тавсифнома аз тарҷумаи ҳол дар чист?

-Пайвандак чӣ хел ҳиссаи нутқ аст?

III. **Кори гурӯҳӣ.** Тавсифнома навиштан:

Қатори 1. Аз номи директори мактаб ба омӯзгор.

Қатори 2. Аз номи роҳбари корхона ба коргар.

Қатори 3. Аз номи роҳбари синф ба хонанда.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.** Ба саволҳо ҷавоби хаттӣ навиштани хонандагон:
• Тавсифнома чӣ хел ҳуҷҷат аст?
• Ба шумо ягон кас тавсифнома навиштааст?
• Тавсифнома аз маълумотнома ва шарҳи ҳол чӣ фарқ дорад?

**V. Вазифаи хонагӣ.** Ба хонандагон гӯед, ки ба ягон ҳамсинфашон тавсифнома нависанд ва дар зери пайвандакҳои сода як, дар зери пайвандакҳои таркибӣ ду хатти рост кашанд. Як пайвандакро таҳлили сарфӣ намоянд.
• Саволҳо барои такрору ҷамъбасти пайвандакҳо.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҲИССАЧА

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
- тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Ба хонандагон гӯед, ки ба ягон ҳамсинфашон тавсифнома нависанд ва дар зери пайвандакҳои сода як, дар зери пайвандакҳои таркибӣ ду хатти рост кашанд. Як пайвандакро таҳлили сарфӣ намоянд.
2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**• Ҷамъбасти мавзӯъҳои гузашта ва алоқамандкунии мавзӯи нав бо он тавассути саволҳо.**

1. Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ аст?
2. Ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ кадомҳоянд?
3. Кадом ҳиссаҳои нутқро ёридиҳанда мегӯянд?
4. Пешояндҳо чӣ вазифаро адо мекунанд?
5. Пешояндҳои таркибӣ аз сода чӣ фарқ доранд?
6. Пайвандакҳои пайвасткунанда бо кадом хусусиятҳояшон аз пайвандакҳои тобеъкунанда фарқ мекунанд?
7.Боз кадом ҳиссаи ёридиҳандаи нутқро медонед?

**III. Баёни мавзӯи нав. Маълумот дар бораи ҳиссача**

**Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 276.** Ҷумлаҳои ҳарду сутунро хонда, аз якдигар чӣ фарқ доштани онҳоро шарҳ додан.

**Иҷрои машқи 277.** Ҷумлаҳоро навишта, муайян кардани он ки калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшуда чӣ тобишҳои маъноӣ доранд.

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ**. Ҳиссачаҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, ба калимаҳо ва ё ба мазмуни умумии ҷумла тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд.

Ҳиссачаҳо нутқро аниқу ифоданок ва муассир мегардонанд, тобишҳои шубҳаю тааҷҷуб, инкор ифода меёбанд.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 278.** Порчаро бодиққат хонед ва хулосаи баровардаатонро гӯед. Ҳиссачаҳоро ёбед ва вазифаю тобишҳои маъноии ҳар кадомро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 279.** Порчаро сареҳ хонед ва ҳадафи шоирро муайян кунед. Сипас ҳиссачаҳоро ёфта, фарқи байни онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 280.** Матнро хонда, ҳиссачаҳоро аниқ созед ва онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 282.** Матнро хонда, ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода кардаанд.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 283.** Порчаҳоро хонда маънидод кунед ва ҳиссачаҳоро аниқ сохта, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.

Фарқи ҳиссачаро аз пайвандак шарҳ диҳед:

| Пайвандак | Ҳиссача | Монандӣ |
|---|---|---|
| | | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**

**Бозӣ.** Тартиб додани саҳна-муколама бо истифода аз ҳиссачаҳо.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **281.** Порчаҳоро навишта, ҳиссачаҳоро ёфта, ба зерашон хат кашидан. Шарҳи тобишҳои маъноии онҳо.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НАВЪҲОИ ҲИССАЧА: САВОЛӢ ВА ТАЪКИДӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, навъ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
- тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **281.** Порчаҳоро навишта, ҳиссачаҳоро ёфта, ба зерашон хат кашидан. Шарҳи тобишҳои маъноии онҳо.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**Интизорӣ:**

- Шумо аз ин дарс чиро интизоред?

-Шумо чиро донистан мехоҳед?

**Ангезиши зеҳн. Кластер (хӯша)**

**Дар бораи ҳиссача чӣ медонед?**

Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ҳиссача медонанд, дар шакли кластер нишон медиҳанд.




**III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои ҳиссача**

**Кори дунафара. Супориш: Иҷрои машқи 284.** Матнро хонда, ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед ва аз рӯйи тобиши маъно ба хелҳо ҷудо кунед.

**Хазинаи маърифат. Мутолиаи маълумоти назариявӣ аз китоби дарсӣ.**

• **Супориши умумӣ:** Иҷрои машқи **285.** Ҷумлаҳоро аввал возеҳ хонед ва баъд нависед. Гӯед, ки онҳо чӣ тобишеро ифода мекунанд?

**Кори инфиродӣ. Супориш:** 2 ҷумлае нависед, ки дар онҳо ҳиссачаҳои саволӣ ва таъкидӣ истифода шуда бошанд.

**Муаррифии кори худ (интихобӣ)**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ**. Кор бо саволномаҳо:

Саволномаи №1

1) Чиро ҳиссача меноманд?

2) Ҳиссачаҳои оё, магар, бале хоси кадом услубанд?

Саволномаи №2

1)Ҳиссачаҳо чӣ тобишҳоро ифода мекунанд?

2)Пас аз кадом ҷумлаи ҳиссачадор?

Саволномаи №3

1) Чаро ҳиссачаҳо ҳиссаи номустақили нутқанд?

2) Аломати китобат ба ҳиссачаҳо чӣ иртибот доранд?

Саволномаи №4

1) Ҳиссачаҳо ба чанд навъ ҷудо мешаванд?

2) Ҳиссачаҳои хоси услуби гуфтугӯйӣ кадомҳоянд?

Саволномаи №5

1) Ҳиссаҳои номустақили нутқ кадомҳоянд**?**

2) Ҳиссачаҳо дар матн чӣ нақш доранд ?

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 286.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик»-и синфи 7 интихоби порчаҳое, ки дар дар онҳо ҳиссачаҳои саволӣ ва ва таъкидӣ истифода шуда бошанд. Шарҳи тобишҳои маъноӣ доштани он ҳиссачаҳо.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

# ҲИССАЧАҲОИ ТАСДИҚӢ ВА ИНКОРӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, навъ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
- тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **286.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик»-и синфи 7 интихоби порчаҳое, ки дар дар онҳо ҳиссачаҳои саволӣ ва таъкидӣ истифода шуда бошанд. Шарҳи тобишҳои маъноӣ доштани он ҳиссачаҳо.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав. Ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ**

**Водорнамоӣ (Саволҳо)**

1.Тасдиқ чӣ маъно дорад?
2.Инкор чӣ?

**Шарҳи омӯзгор дар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 287**. Порчаро хонда, ҳиссачаҳои онро муайян кардан, чӣ тобиш доштани онҳоро шарҳ додан. Пурсед, ки дар матн чиро мушоҳида кардед? Гуфтугӯ дар кадом жанр истифода мешавад: хабар, мусоҳиба, шарҳи ҳол?

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 288.** Матнро хонда, ҳиссачаҳои онро ёбед ва аз рӯйи вазифаашон ба хелҳо ҷудо кунед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 289**. Матнро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта, ба хелҳо ҷудо кунед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 290.** Порчаро нависед ва ҳиссачаҳои онро муайян сохта, вазифаашонро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 292.** Матнро возеҳ хонед ва чӣ тобиши маъноӣ доштани ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори мустақилона.**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 291.** Аз китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 7 порчаеро интихоб кунед, онро хонед ва ҷумлаҳои ҳиссачадоштаро нависед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 293.** Порчаро нависед ва зери ҳиссачаҳо хат кашида, тобишҳои маъноии онҳоро муайян кунед.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 294.** Муколамае тартиб диҳед ва дар он аз ҳиссачаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ истифода баред.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи дилхоҳ мусоҳибае тартиб дода, дар он аз ҳиссачаҳо истифода кардан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ҲИССАЧАҲОИ ҚУВВАТДИҲАНДА ВА МАҲДУДӢ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, навъ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

- тобиши маънoии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Дар мавзӯи дилхоҳ мусоҳибае тартиб дода, дар он аз ҳиссачаҳо истифода кардан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав:

• Дар мусоҳиба кадом муносибат ифода шудааст?

• Дар ин мусоҳиба бештар кадом ҳиссачаҳо истифода шудаанд?

• Мусоҳиба оид ба кадом мавзӯъ аст?

• Дар мусоҳиба чӣ нақши муҳим дорад?

• Дар бораи сохти ҳиссача чӣ медонед?

**III. Баёни мавзӯи нав. Ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва маҳдудӣ**

• **Иҷрои машқи 295.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссачаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан.

**Шарҳи омӯзгор дар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ**

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 296.** Муколамае тартиб дода, аз ҳиссачаҳои қувватдиҳанда ва маҳдудӣ истифода бурдан.

•Хонандагон бо ҳампартаашон кори ҳамдигарро аз назар гузаронда, ба ҳамдигар баҳо диҳанд.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 299.** Ҷумлаҳоро хонед, ҳиссачаҳои онҳоро муайян карда шарҳ диҳед. Ҷойи ҳиссачаҳоро дар ҷумла нишон диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 301.** Порчаро хонед ва ҳиссачаҳоро ёфта, гӯед, ки дар ифодаи фикр чӣ нақше доранд. Аломатҳои китобатӣ ба ҳиссачаҳо марбутро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 303.** Матнро хонед ва ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва нависед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 304.** Байни якдигар доир ба ягон масъала саволу ҷавоб кунед. Дар муколамаатон аз ҳиссачаҳо истифода баред.

**Даркнамоӣ.** Барои дар хотир гирифтани навъҳои ҳиссачаҳо аз нақшаи зерин истифода намудан.

| Т/р | Навъҳои ҳиссачаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори гурӯҳӣ.** Супориш: Иҷрои машқҳо.

**Қатори 1. Иҷрои машқи 298.** Аз китоби бадеии барои хонандагони ин синф пешбинишуда порчаи муколамадорро интихоб кунед ва ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед. Тобишҳои маъноии ҳар як ҳиссачаро шарҳ диҳед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 300.** Порчаро нависед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, тарзи навишти онҳоро шарҳ диҳед. Ин ҳиссачаҳо асосан хоси кадом услубанд?

**Қатори 3. Иҷрои машқи 302.** Ҷумлаҳоро нависед ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва тобишҳои маъноии онро шарҳ диҳед.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **297.** Аз киноповести С. Улуғзода «Ибни Сино» даҳ ҷумла навиштан, ки ҳиссачаҳои қувватдиҳанда дошта бошанд. Вазифаи ҳиссачаҳои дар ҷумла бударо шарҳ додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НИМТИРЕ ДАР ҲИССАЧАҲОИ -КУ, - ДИЯ, -ЧӢ, -А

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- ➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, навъ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ➢ ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;
- тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;
-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи **297.** Аз киноповести С. Улуғзода «Ибни Сино» даҳ ҷумла навиштан, ки ҳиссачаҳои қувватдиҳанда дошта бошанд. Вазифаи ҳиссачаҳои дар ҷумла бударо шарҳ додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4.Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта ва алоқамандкунии он бо мавзӯи нав.

**III. Баёни мавзӯи нав. Нимтире дар ҳиссачаҳои -ку, - дия, -чӣ, -а**

**Шарҳи омӯзгор дар асоси маълумоти назариявии китоби дарсӣ:**

Ҳиссачаҳои -*ку, -дия* (эҳсосотӣ) -*а, -чӣ* (саволӣ) ҳамеша бо нимтире навишта мешаванд. Ин ҳиссачаҳо хоси услуби гуфтугӯйӣ мебошанд.

Вобаста ба оҳанг пас аз ҳиссачаҳо аломати вергул ё хитоб гузошта мешавад: *Бале! Ин суханон ростанд!*

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо: Машқҳои шифоҳӣ**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи** 310. Порчаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва вазифаи ҳар як ҳиссачаро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чаро дар аввали ҷумлаҳо омадаанд.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи** 311. Порчаи манзумро ифоданок хонед ва маънидод кунед. Дар матн чӣ нақш доштани ҳиссачаҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи** 312. Шеърро сареҳ хонда, чӣ оҳанг бахшидани ҳиссачаҳоро баён созед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 313.** Ҷумлаҳоро хонед ва ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати хел муайян сохта, тобишҳои маъноии онҳоро гӯед.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 305.** Ҷумлаҳоро хонед, ҳиссачаҳои онро муайян кунед ва тобишҳои маъноии онро шарҳ диҳед.

• **Диктанти эҷодӣ** аз рӯйи машқи **306.** Ҷумлаҳоро бо ислоҳи ғалати имлои ҳиссачаҳо навишта, сабаби истифодаи онҳоро шарҳ додан.

-Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 307.** Ҷумлаҳоро нависед ва ҳиссачаҳои онро шарҳ диҳед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 308.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои ҳиссачаҳо диққат диҳед. Вазифаҳои аломати китобатро шарҳ диҳед.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 314.** Мактубро хонда, ҳиссачаҳои онро аниқ созед ва ба навъҳо ҷудо карда нависед.

**V. Вазифаи хонагӣ:** Мактубе навиштан, ки дар он ҳиссачаҳо истифода шуда бошанд.

Бо истифода аз намунаи дар китоби дарсӣ овардашуда 2 ҳиссачаи онро таҳлили сарфӣ кардан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## СОХТ ВА ТАРКИБИ ҲИССАЧАҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача, навъ, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссача ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ҳиссачаҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

- тобиши маъноии ҳиссачаҳоро муайян кардан;

-мавриди истифодаи ҳиссачаҳоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

1. **II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Мактубе навиштан, ки дар он ҳиссачаҳо истифода шуда бошанд. Бо истифода аз намунаи дар китоби дарсӣ овардашуда 2 ҳиссачаи онро таҳлили сарфӣ кардан. Аз ҳар қатор якнафарӣ мактуби навиштаашонро мехонанд. Сипас суҳбат ва саволу ҷавоб оид ба мактубҳои навиштаи хонандагон сурат мегирад.

Саволҳо:

• Дар мактубҳо кадом муносибат ифода шудааст?

• Дар ин мактубҳо бештар кадом ҳиссачаҳо истифода шудаанд?

• Пайвандак аз ҳиссачаҳо чӣ фарқ дорад?

• Дар бораи сохти калима чӣ медонед?

**III. Баёни мавзӯи нав. Сохт ва таркиби ҳиссачаҳо**

**Шарҳи омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ва ҷалб намудани диққати хонандагон барои муайян кардани сохти ҳиссачаҳои дар нақшабуда**

| Ҳиссачаҳои … | Ҳиссачаҳои … |
|---|---|
| ана, мана, ҳа, канӣ, фақат, танҳо, -ку, дия, оре, бале, магар… | гӯё ки, на ин ки, ҳо ана, наход ки, аз афташ, ҳатто ки… |

•**Кори дунафара тавассути китоби дарсӣ. Иҷрои машқи 315.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери ҳиссачаҳо хат кашида, дар болояшон сохти онҳоро бо сабти сода ё таркибӣ зикр кардан.

• **Кор дар гурӯҳҳои чорнафара.** Ҳиссачаҳои зеринро аз ҷиҳати сохт ба ду гурӯҳ ҷудо кардан. Шарҳ додани он, ки кадом ҳиссачаҳо яз як калима ё реша иборатанд ва кадоме аз онҳо аз ду ё зиёда калимаҳо ташкил ёфтаанд:

*Бале, наход, оё, магар, ҳатто, фақат, танҳо, -ку, -а, ҳам, чи…чи, на…на, ҳатто ки, наход ки, аз афташ, ана ҳамин, майлаш-куя, ана мана, кани, оре, ҳа, гӯё ки, на ин ки, ҳо ана.*

| Ҳиссачаҳои сода | Ҳиссачаҳои таркибӣ |
|---|---|
| | |

**V. Кори гурӯҳӣ**

Супориш ба қатори 1. Иҷрои машқи 316. Қисмати аввали матнро хонед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

Супориш ба қатори 2. Иҷрои машқи 316. Қисмати дуюми матнро хонед ва ҳиссачаҳоро муайян карда, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.

• **Даркнамоӣ.** Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб дода, сохти онҳоро муайян кардан.

Гурӯҳи 1: ана, танҳо;
Гурӯҳи 2: магар, чӣ;
Гурӯҳи 3: ҳатто, наход ки;
Гурӯҳи 4: то, ҳатто;
Гурӯҳи 5: ҳам, бале.

• Ҳиссачаҳои истифодабурдаашонро бо истифода аз намунаи дар китоби дарсӣ овардашуда таҳлили сарфӣ намоянд.

| **Нақшаи таҳлил** | **Намуна** |
|---|---|
| 1. Кадом ҳиссаи нутқ аст? | Дар хона танҳо хешовандон мондаанд. |
| 2. Аломатҳои сарфӣ<br>а) тобиши иловагӣ<br>б) тағйир намеёбад | Танҳо – ҳиссача аст, аломати морфологиаш: тобиши маҳдудӣ дорад; тағйир намеёбад; аъзои ҷумла шуда наметавонад, ба савол ҷавоб намешавад. |
| 3. Вазифаи синтаксисӣ | Аз ҷиҳати сохт ҳиссачаи аслии сода аст. |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъҳо. Супориш: 1.** Иҷрои машқи 318. Матнро хонед, ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед ва ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати сохт муайян карда, тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.

2. Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:

• Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт чанд навъ мешаванд?

• Ҳиссачаҳо дар матн чӣ нақш доранд?

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ. 1. Иҷрои машқи** 317. Ба ҷойи нуқтаҳо аз ҳиссачаҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан ва ду ҳиссачаи онро таҳлили сарфӣ намудан.

1. Ба ҳар як навъи ҳиссача мисол оварда, нақшаро пур кардан.

| Т/р | Навъҳои ҳиссачаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ МАЗМУНИ ТАСВИРДОШТА (дарси 3)

**Салоҳиятҳо**:

7.2.8. Шинос шудан бо воситаҳои баёни тасвир дар нутқ, зарбулмасалу мақол ва жанри латифа, фарқ кардани тасвир, зарбулмасалу мақол ва латифа аз ҳамдигар ва муайян кардани мавриди истифодаи онҳо.

**Хонанда**

- мушоҳида ва таассуроти худро доир ба ягон ашё, инсон ва табиат дар риштаи тасвир кашида метавонад;
- аҳамияти тасвирро дар нутқ дарк менамояд;
- мавқеи тасвирро дар адабиёти шифоҳӣ муайян карда метавонад;
- бо имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат бештар ошно мегардад.

**Мақсадҳои дидактикӣ**:

- ба фарқи тасвир, аҳамият ва нақши он аҳамият додан;
- тартиби баёни тасвирро аз худ кардан;
- аз миёни жанрҳои дигар шинохтани тасвир;
- бамаврид ва мақсаднок таҳия намудани он.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот;

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** 1. Иҷрои машқи 317. Ба ҷойи нуқтаҳо аз ҳиссачаҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта, ҷумлаҳоро навиштан ва ду ҳиссачаи онро таҳлили сарфӣ намудан.

Ба ҳар як навъи ҳиссача мисол оварда, нақшаро пур кардан

| Т/р | Навъҳои ҳиссачаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни мазмуни тасвирдошта (дарси 3)**

**Водорнамоӣ. Саволҳо барои дарки мавзӯъ:**

1.Чиро тасвир мегӯянд?

2.Барои ту кӣ ё чиро тасвир кардан осонтар аст?

• **Иҷрои машқи 319.** Диққати хонандагонро ба қироати матн ҷалб намоед, аз онҳо пурсед, ки кадом хислатҳои васфшаванда дар он тасвир шудаанд.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо: Машқҳои шифоҳӣ**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 320.** Матнро хонед ва бо матни боло муқоиса кунед. Гӯед, ки аз он матн чӣ фарқ дорад? Оё ин матнро тасвирӣ ҳисобидан мумкин аст? Чаро?

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 321.** Матни болоро бори дигар бодиққат хонед ва онро бо истифода аз маълумоти иловагӣ ба матни мазмуни тасвирдошта баргардонед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 322.** Шеърро бодиққат хонед ва нуктаҳоеро муайян кунед, ки чун аломати зебоӣ тасвир шудаанд. Ин матни шеърро тасвирӣ ҳисобидан мумкин аст ё не? Чаро? Зебоии инсон дар чист? Матни хурде таҳия кунед, ки он, воқеан, мазмуни тасвирӣ дошта, зебоиро фаро гирифта бошад.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 323.** Матнро хонда, ҳиссачаҳоро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо дар матн чӣ нақше доранд.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 324.** Матнро хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист?

• Ҳалли машқҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъҳои грамматикӣ

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориш:**

• Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гурӯҳи 1: ана, бале

Гурӯҳи 2: фақат, оё

Гурӯҳи 3: магар, -чӣ

Гурӯҳи 4: наход, ҳам…

**Хонандагонро гӯед, ки ҳиссачаҳоро таҳлили сарфӣ намоянд.**

**Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 326.** Хонед ва ҳиссачаҳоро ба хелҳо ҷудо карда шарҳ диҳед. Гӯед, ки ҳиссачаҳо барои оҳангнокӣ ва таъсирбахшии фикр чӣ нақше доранд.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 327.** Ҷумлаҳоро бо риояти оҳанг хонед ва гӯед, ки ҳиссачаҳо чаро пайиҳам истифода шудаанд.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 328.** Матнро хонда, ҷумлаҳои ҳиссачадори онро нависед ва ҳиссачаҳоро ба хелҳо ҷудо кунед.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин матни тасвирие тартиб додан: *ҳатто, фақат, танҳо, ҳам, чи…чи, аз афташ, оре, гӯё ки.*

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ДАСТУРАМАЛ (дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

➢ матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;

➢ шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;

➢ малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла дастурамал ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- проблемаро муайян карда тавонистан;
- бо ғалатҳои матни дастурамал кор карда тавонистан;
- дар асоси хулосаҳо таҳия карда тавонистани дастурамал.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Бо истифода аз ҳиссачаҳои зерин матни тасвирие тартиб додан: *ҳатто, фақат, танҳо, ҳам, чи…чи, аз афташ, оре, гӯё ки.*

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни дастурамал**

**Суоли умумӣ:**

• Шумо дар бораи калимаи *дастур* ягон маълумот доред?

• Дастурамал аз рӯйи сохт чӣ хел калима аст?

**Шарҳи омӯзгор аз рӯйи маводди назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 329.** Порчаҳоро хонда, шарҳу маънидодҳоро бо якдигар муқоиса кардан. Муайян кардани он ки кадоме аз муаллифони фарҳангҳо вожаи «дастур»-ро беҳтар ва пурратар шарҳ додаанд.

**Савол ва супориш:**

1. Аз мутолиаи порчаҳо ба чӣ хулоса омадед? Оё чӣ будани дастур (дастурамал, дастуруламал)-ро фаҳмидед?
2. Байни ҳамдигар хулосаҳоятонро муҳокима кунед, то бароятон равшантар гардад.
3. Бо кадом дастурҳо шинос ҳастед? Дар девори синф ё даҳлези мактаб ягон навъ дастур насб карда шудааст?
4. Онро бихонед ва ба қолабаш зеҳн монед.

**Кори инфиродӣ.** Иҷрои машқи 330. Намунаи матни дастурамалро хондан.

**Саволҳо доир ба мавзӯъ:**

•Дастурамал чӣ хел ҳуҷҷат будааст?

• Дастурамал кай ва дар куҷо навишта мешавад?

**Кор дар гурӯҳҳо.** Монанди дастурамали боло дастурамал тартиб додан.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**

**Кори инфиродӣ.** Фарқи дастурамалро аз тавсифнома дар нақша нишон додан:

| Дастурамал | Тавсифнома |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

**V. Вазифаи хонагӣ.** Намунаи дастурамали тавсиявии аъзои созмони талабагиро тартиб додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ДАСТУРАМАЛ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

➢ матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;

➢ шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;

➢ малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла дастурамал ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- проблемаро муайян карда тавонистан;
- бо ғалатҳои матни дастурамал кор карда тавонистан;
- дар асоси хулосаҳо таҳия карда тавонистани дастурамал.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Намунаи дастурамали тавсиявии аъзои созмони талабагиро тартиб додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта:

• Зери мафҳуми дастурамал чиро мефаҳмед?
• Дастурамал аз тавсифнома чӣ фарқ доштааст?
• Созмонҳои талабагӣ чанд зинаро дар бар мегиранд? Шумо аъзои кадом зина ҳастед?

**III. Кори гурӯҳӣ. Иҷрои машқи 331.** Матни дастурамал тартиб додан. Масалан, ҳангоми кор кардан дар устохона бо дастгоҳи тарошидани тахта.

**• Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Иҷрои машқи 332.** Матни дастурҳои додашударо хонда, ба тартиби мухтавои онҳо диққат додан.

**V. Вазифаи хонагӣ.** Бо такя аз маълумоти ба дастоварда дастурамал тартиб додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НИДО ЧУН ҲИССАИ НОМУСТАҚИЛИ НУТҚ

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онро муайян менамояд;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
-ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Бо такя аз маълумоти ба дастоварда дастурамал тартиб додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта:

• Дар забон чанд ҳиссаи нутқ аст?
• Ҳиссаҳои нутқ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
• Чаро ҳиссаҳои мустақилмаъно ва номустақил мегӯянд?
• Ҳиссаҳои номустақил кадомҳоянд?
• Пешоянду пасояндҳоро шарҳ диҳед.
• Пайвандакҳо барои чӣ лозиманд?
• Чиро ҳиссача меноманд?
• Дастурамал чӣ хел ҳуҷҷат аст?

**III. Баёни мавзӯи нав. Нидо чун ҳиссаи номустақили нутқ**

**Водорнамоӣ. Иҷрои машқи 334.** Аввалан ҷумлаҳоро бо калимаҳои бо ҳарфи сиёҳи баланд чопшуда ва баъд бидуни онҳоро хонда, фарқи онҳоро шарҳ додан**.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери калимаҳои ишорашуда хат кашидан.

**Ҷавобҳо шунида хулосабарорӣ мегарданд ва омӯзгор мавзӯъро бо маълумоти назариявии китоби дарсӣ шарҳ медиҳад.**

**Кор дар қаторҳо. Супориш:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 335.** Ҷумлаҳоро хонед. Тобиши маъноии ҳар як ҷумларо вобаста ба калимаҳои бо ранги сиёҳи баланд чопшударо шарҳ диҳед. Оё онҳоро бо якдигар иваз кардан мумкин аст?

**Қатори 2. Иҷрои машқи 336.** Порчаи манзумро ифоданок хонед ва гӯед, ки дар таъсирноку ҳаяҷонбахш гаштани матн нидоҳо чӣ аҳамият доранд.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 337.** Матнро хонда, нидоҳоро ёбед ва чӣ ҳиссиёт ифода карданашонро шарҳ диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Саволҳо:**

-Калимаи «нидо» чӣ маъно дорад?

- Кадом калимаҳо муродифи «нидо» мебошанд?

- Бо истифодаи калимаи «нидо» кӣ ҷумла мегӯяд?

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 338.** Байтҳои зерро хонда маънидод кардан. Муайян кардани он ки аз нидоҳо чӣ ҳиссиёте фаҳмида мешавад. Ба мазмуни савол ва супоришҳо диққат додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НИДО ВА ТОБИШҲОИ ГУНОГУНИ ОН ДАР ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онро муайян менамояд;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;

-ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;

- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 338.** Байтҳои зерро хонда маънидод кардан. Муайян кардани он, ки аз нидоҳо чӣ ҳиссиёте фаҳмида мешавад. Ба мазмуни савол ва супоришҳо диққат додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Нидо ва тобишҳои гуногуни он дар ҷумла**

**Ангезиши зеҳн**

1. Чӣ хел калимаҳоро нидо меноманд?
2. Нидо аз ҳиссача чӣ фарқ дорад, дар нақша нишон диҳед:

| Нидо | Ҳиссача |
|---|---|
| | |
| | |

**Иҷрои машқи 339.** Порчаро хонеду ҷумлаҳои нидодорро нависед ва хусусияти онҳоро шарҳ диҳед.

**Кор дар гурӯҳҳо.** Калимаҳоеро, ки барои ифодаи ҳаяҷон ва ҳиссиёти гуногун хизмат мекунанд, дар ҷумлаҳо истифода бурдан: Гурӯҳи 1: хайр, бай-бай;

Гурӯҳи 2: хайрият, ҳой;

Гурӯҳи 3: шод бошӣ, афсӯс;

Гурӯҳи 4: оҳ, дареғо;
Гурӯҳи 5: э, ҳайҳот, марҳабо;
Гурӯҳи 6: фарёд, эй вой.
**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. 1.** Иҷрои машқи 340. Порчаи манзумро хонда, ҳадафи асосии онро муайян кардан. **2.** Ба саволу супоришҳои зери он ҷавоб додан:

• Нидоҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед.
• Нидоҳо кадом тобишҳои маъноиро дар ин порча ифода мекунанд?
• Пайи ҳам омадани нидоҳо ба матн чӣ оҳанге бахшидааст?

**V. Вазифаи хонагӣ.** Аз асарҳои бадеӣ 10 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо нидоҳо омада бошанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НАВЪҲОИ НИДО: НИДОҲОИ ЭҲСОСОТӢ

**Салоҳият:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
➢ ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
-ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Аз асарҳои бадеӣ 10 ҷумлае навиштан, ки дар онҳо нидоҳо омада бошанд.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Навъҳои нидо**

**Шарҳи маълумоти назариявии мавзӯъ аз ҷониби омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ ва иҷрои машқи 344.** Порчаҳои манзумро хонда, таъсири нидоҳоро ба порчаҳо шарҳ додан.

**Кори инфиродӣ. Иҷрои машқи 341.** Ҷумлаҳоро навишта, нидоҳои онҳоро аз рӯйи ифодаи эҳсосот ба навъҳо ҷудо кардан.

| Тааҷҷуб ва ҳайрат | Андуҳ | Таассуф | Хурсандӣ, завқ, таҳсин |
|---|---|---|---|
| | | | |

• ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намудан.

**Кори гурӯҳӣ. Супориш:**

**Қатори 1: Иҷрои машқи 342.** Байтҳоро нависед, нидоҳоро ёфта, аз рӯйи тобишу вазифа ба кадом гурӯҳ дохил шудани онҳоро шарҳ диҳед.

**Қатори 1: Иҷрои машқи 343.** Ҷумлаҳоро нависед ва тобишҳои маънoии нидоҳоро шарҳ дода, ба навъҳо ҷудо кунед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Ангезиши зеҳн.**

Саволҳо:

- Дар бораи навъҳои нидо аз ҷиҳати маъно чӣ медонед?
- Хонандагон маълумоти худро дар бораи навъҳои нидо аз рӯйи маъно дар нақшаи кластер (хӯша) нишон медиҳанд:




**VI. Вазифаи хонагӣ.** Мусоҳибае таҳия карда, ҳини навиштан аз нидоҳо бамавқеъ истифода кардан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## НИДОҲОИ БАРАНГЕЗАНДА (ИРОДАВӢ)

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ➢ ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ➢ ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- ➢ мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онро муайян менамояд;
- ➢ ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
-ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Мусоҳибае таҳия карда, ҳини навиштан аз нидоҳо бамавқеъ истифода кардан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Нидоҳои барангезанда (иродавӣ)**

**Шарҳи маълумоти назариявии мавзӯъ аз ҷониби омӯзгор тавассути тахтаи электронӣ**

Нидоҳои ифодакунандаи иродаро аз рӯйи тобиши маъно ба гурӯҳҳо ҷудо кардан: *хомӯш, ташаккур, ӯй, ҳой, ало, хайр, офарин, ҷим, ором, аё, ой.*

| Даъват, мурочиат | Амр | Миннатдорӣ, табрик | Видоъ |
|---|---|---|---|
| | | | |

**• Иҷрои машқи 345.** Порчаи манзумро ифоданок хонда, нидоҳоро муайян сохтан ва нақши онҳоро маънидод кардан.

**Кори инфиродӣ.** Супориш: Иҷрои машқи **346.** Ҷумлаҳоро нависед ва ба имлои нидоҳо диққат кунед.

**Кори гурӯҳӣ.** Супориш: Машқҳои шифоҳӣ

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 347.** Шеърро хонед ва аниқ кунед, ки такрор гаштани нидои якхела ҳусни шеърро афзудааст ё костааст.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 348.** Бо истифодаи нидоҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед **(шифоҳӣ).**

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 349.** Ҷумлаҳоро хонед ва нидоҳоро ба хелҳо ҷудо карда, тобишҳояшонро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 350.** Порчаи манзумро хонед ва нидоҳои онро муайян кунед. Гӯед, ки нидоҳо дар матн кадом тобишҳоро ифода кардаанд.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Иҷрои машқи 351.** Мусоҳибае таҳия карда, ҳини навиштан аз нидоҳо бамавқеъ истифода бурдан. Ҳамзамон мавқеи гузошта шудани аломатҳои китобатро риоя намудан.

Дар тахтаи синф навиштани машқи 352, ба зери нидо ва ҳиссачаҳо хат кашидан, ба ҳусни хат ва имло баҳо додан.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 353.** Дар мавзӯи «Аввали баҳор» иншо навишта, аз нидоҳо бамавқеъ истифода бурда, фараҳмандии хешро баён кардан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНҲО ВА<br>ШАРҲИ ТОБИШИ МАЪНОИИ НИДОҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онро муайян менамояд;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
- ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1. Иҷрои машқи 353.** Дар мавзӯи «Аввали баҳор» иншо навишта, аз нидоҳо бамавқеъ истифода бурда, фараҳмандии хешро баён кардан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволу ҷавоб доир ба мавзӯи гузашта:

• Нидо чист?

• Нидо чанд навъ мешавад?
• Чӣ гуна нидоҳоро нидоҳои эҳсосотӣ мегӯянд?

**III. Супоришҳо: Ҳалли машқҳо. Иҷрои машқи 354.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки нидоҳо чӣ тобишро ифода мекунанд? Онҳоро аз ҷиҳати сохту таркиб муайян кунед**.**

**Кори гурӯҳӣ. Машқҳои хаттӣ**

**Қатори 1: Иҷрои машқи 355.** Ҷумлаҳоро нависед, ба зери нидоҳо хат кашед, чӣ гуна ҳиссиёт ифода карданашонро гӯед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

**Қатори 1: Иҷрои машқи 356.** Дар ҷойи лозима вергулҳоро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Агар вергул гузошта нашавад, чӣ ҳодиса рух медиҳад?

**Қатори 1: Иҷрои машқи 358.** Нидоҳои додашударо ба ду гурӯҳ – **эҳсосотию барангезанда** (иродавӣ) ҷудо кунед ва нависед.

*Эй, бай-бай, ало, уф, во, аё, вой, оббо, ӯҳӯ, хомӯш, ором, омин.*

**Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориши умумӣ: Иҷрои машқи 357.** Порчаҳоро хонда, нидоҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо чиро ифода кардаанд.

**Кори дунафара.** Супориш. Нидоҳои зеринро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан.

- *Тавба, ӯҳӯ, ҳмм, вой, оҳ, воҳ, оббо, эҳе, эҳ, ҳай-ҳай, афсӯс, о, эй, ӯй, ҳой, э, ало, ӯ, аё, ой, ҷим, ором, хомӯш, хайр, боракалло, офарин.*

| Ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон | Ифодакунандаи ирода (амру хоҳиш) |
|---|---|
| | |

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 359.** Ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро навиштан**.**

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## СОХТУ ТАРКИБИ НИДО ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла нидо, сохт, имло ва муродифоти онро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** оид ба нидо маълумоти кофӣ ба даст овардан;
-ба фарқи нидо аз ҳиссача сарфаҳм рафтан;
- ба имло ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

Равиши дарс

I. Ташкили дарс:

-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1. Иҷрои машқи 359.** Ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро навиштан**.**

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон.

**Ангезиши зеҳн**

• Калима аз рӯйи таркиб чанд навъ мешавад?
• Вобаста ба сохту таркиби калимаҳо дар нақша калимаҳо нависед:

| Р/т | Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

**III. Баёни мавзӯи нав. Сохту таркиби нидо ва аломатҳои китобат дар онҳо**

**Шарҳи омӯзгор ва иҷрои машқи 360.** Ҷумлаҳоро хонда баъд навиштан. Нидоҳоро муайян карда аз ҷиҳати таркиб шарҳ додан.

• Нидоҳо аз рӯйи сохту таркиб чанд навъ мешудаанд, дар нақша нишон додан.

**Шарҳи назариявии омӯзгор**

**Кор дар гурӯҳҳо.** Аз дохил нидоҳои ҷумлаи навиштаашонро таҳлили сарфӣ намоянд. Супоришҳо:

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 361.** Ҷумлаҳоро нависед ва нидоҳоро ёфта, аз ҷиҳати сохту таркиб шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Ичрои машқи 362.** Ҷумлаҳоро нависед, нидоҳоро ёбед ва ба зерашон хат кашед. Тобишҳои ба ҷумла додаи онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 364.** Ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқро гузошта ҷумлаҳоро нависед. Ҳангоми навишт ба мавқеи вергул диққат диҳед.

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 366.** Дар ягон мавзӯъ муколама ва ё матне таҳия кунед. Дар матн аз навъҳои гуногуни нидоҳо истифода кунед. Ба оҳанги ҷумлаҳои нидодор диққат диҳед.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориш: Иҷрои машқи 363.** Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва ба таркиби (сохти) нидоҳо таваҷҷуҳ кунед. Шарҳ диҳед, ки онҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд.

| Ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон | Ифодакунандаи ирода (амру хоҳиш) |
|---|---|
| | |

**V. Вазифаи хонагӣ. Такрори боби «Нидо», иҷрои машқи 365.** Аз драмаи «Аллома Адҳам»-и С. Улуғзода шаш ҷумла навиштан, ки ҳар кадом нидо дошта бошад. Ҳини навишт ба аломатҳои китобат диққат додан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ЖАНРИ ШИФОҲӢ (ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ)

**Салоҳиятҳо:**

7.2.8. Шинос шудан бо воситаҳои баёни тасвир дар нутқ, зарбулмасалу мақол ва жанри латифа, фарқ кардани тасвир, зарбулмасалу мақол ва латифа аз ҳамдигар ва муайян кардани мавриди истифодаи онҳо.

**Хонанда**

- аҳамияти зарбулмасалу мақолро дар нутқ дарк менамояд;
- мавқеи зарбулмасалу мақолро дар адабиёти шифоҳӣ муайян карда метавонад;
- бо имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат бештар ошно мегардад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- зарбулмасалу мақолро аз дигар жанрҳо фарқ кардан;
- истифодаи бамаврид ва мақсадноки зарбулмасалу мақолро дарк кардан;
- ба гуфтори одамон аз ин ҷиҳат аҳамият додан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 365.** Аз драмаи «Аллома Адҳам»-и С. Улуғзода шаш ҷумла навиштан, ки ҳар кадом нидо дошта бошад. Ҳини навишт ба аломатҳои китобат диққат додан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти нидо.

**Водорнамоӣ**

• Шумо зарбумасал гуфта метавонед?
• Зарбумасал чӣ маъно ва аҳамият дорад?

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни жанри шифоҳӣ (зарбулмасал ва мақол)**

**Шарҳи омӯзгор дар асоси мисолҳо ва иҷрои машқи 373.** Зарбулмасал ва мақолҳои зеринро хонда маънидод кардан.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 374.** Зарбулмасалу мақолҳои зерин дар шакли пароканда дода шудаанд. Онҳоро ҷо ба ҷо карда нависед. Ба кадом мавзӯъ бахшида шудани онҳоро аниқ созед ва шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 375.** Зарбулмасалу мақолҳоро бо истифода аз ифодаҳои додашуда пурра кунед ва нависед. Сипас ҳар як кадоми онро шарҳ диҳед. Кадом махсусиятҳои зарбулмасалу мақолҳоро медонед? Номбар кунед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 376.** Зарбулмасалҳоеро ба хотир оварда нависед, ки онҳо бо як мавзӯъ бахшида шуда бошанд. Ва ҳар кадоми онро маънидод кунед. Намуна: Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 378.** Байтҳои шоирони муайянеро, ки ба ҳукми зарбулмасалу мақол даромадаанд, ба хотир оред ва нависед. Сипас ҳар кадоми онро шарҳу маънидод кунед ва мавқеи истифодаи онҳоро гӯед.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 381.** Кадом зарбулмасалу мақолҳоро медонед, ки дар ҷойи зисти шумо бештар истифода мешаванд? Ба хотир оварда нависед ва шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 6. Иҷрои машқи 382.** Зарбулмасал ва мақолҳоеро, ки ба вожаи об вобастаанд, ба хотир оред ва нависед. Сипас онҳоро шарҳ диҳед.

Намуна: Обу ободонӣ

**Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 377.** Кӣ бештар зарбулмасалу мақол медонад? Байни ҳам мусобиқа кунед. Ба сохтори ҷумлаҳо – зарбулмасалу мақолҳо зеҳн монед. Чиро пай бурдед? Шарҳ диҳед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 379.** Зарбулмасалу мақолҳои зеринро бодиққат хонед. Муайян кунед, ки дар кадом ҳолатҳо онҳо ба вуҷуд омадаанд. Ба дурустии онҳо боварӣ доред? Манбаи пайдоиши онҳо ба чӣ вобаста аст?

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 380.** Дар мавзӯи «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» иншо навишта, дар он аз зарбулмасалҳо истифода бурдан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ДАСТУРАМАЛ (дарси 3)

**Салоҳиятҳо:**

7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.

**Хонанда**

➢ матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;

➢ шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро таҳия карда метавонад;

➢ малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла дастурамал ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- проблемаро муайян карда тавонистан;
- бо ғалатҳои матни дастурамал кор карда тавонистан;
- дар асоси хулосаҳо таҳия карда тавонистани дастурамал.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**
**I. Ташкили дарс:**
-риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.
**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Пурсиши вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 380.** Дар мавзӯи «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро» иншо навишта, дар он аз зарбулмасалҳо истифода бурдан.
2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;

| Мавзӯъ | Мазмун | Имло | Истифодаи зарбулмасал | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти нидо.
**Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ**
**Ангезиши зеҳн (Саволҳо)**
1.Дастурамал чӣ ҳел ҳуҷҷат будааст?
2.Сохт ва таркиби калимаи дастурамалро шарҳ диҳед.
3.Барои шумо кадом дастурамалҳо тааллуқ доранд?
4.Фарқи дастурамалро аз маълумотнома муайян кунед:

| Дастурамал | Маълумотнома |
|---|---|
| | |

**Кор дар гурӯҳҳо. Иҷрои машқи 367.** Доир ба бехатарии истифодаи газ қоидаҳои умумиро муайян карда навиштан. Баъди муҳокима шакли дурусти онро таҳия намудан.
**Муаррифии кори гурӯҳҳо**
**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Супориш:**
Иҷрои машқи **369.** Матни вазифаҳои ҳатмии кӯдак дар лагерро хонед. Агар такмилталаб бошад, онро такмил диҳед. Шумо дар ин қоидаҳо бештар аз кадом калимаҳо истифода мекунед?
**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **368.** Фаҳмонед, ки қоидаҳои талабагиро барои хонандагони синфҳои 5-9, ки бояд аксари бандҳои онро аз ёд донанд, таҳия намоянд.
**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ДАСТУРАМАЛ (дарси 4)

**Салоҳиятҳо:**
7.2.2. Шинос шудан бо мазмун ва тартиби таҳияи ҳуҷҷат дар мисоли шарҳи ҳол, тавсифнома, дастурамал, дарки истифодаи онҳо дар ҳолатҳои зарурӣ, таҳлил кардани матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба гурӯҳҳо ҷудо кардани онҳо.
**Хонанда**
- матни ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба мисли шарҳи ҳол, тавсифнома ва дастурамалро тағйир медиҳад;
- дастурамалро таҳия карда метавонад;
- малакааш дар навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла дастурамал ва шинохтани мавриди истифодаи аломатҳои китобат такмил меёбад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**
- проблемаро муайян карда тавонистан;
- бо ғалатҳои матни дастурамал кор карда тавонистан;
- дар асоси хулосаҳо таҳия карда тавонистани дастурамал.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**
**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **368.** Фаҳмонед, ки қоидаҳои талабагиро барои хонандагони синфҳои 5-9, ки бояд аксари бандҳои онро аз ёд донанд, таҳия намоянд.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти мавзӯи гузашта.

**III. Супориш: Ҳалли машқҳо**

**Қатори 1.** Иҷрои машқи **372.** Қоидаҳои нигаҳдории оби нӯшокиро таҳия намоед. Оё пай бурдед, ки ҳар боре қоидаеро иншо мекунед, бо калимаҳои нав вомехӯред? Он калимаҳоро нависед ва бо истифода аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 370.** Матни қоидаҳои зидди сӯхтор дар лагерро хонед. Ва онро такмил дода нависед. Бо кадом калимаҳои нав ошно шудед, онҳоро дар китобчаи ёддошт нависед. Бо онҳо ҳатман ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 371.** Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истифода аз дастгоҳҳои барқиро таҳия кунед ва байни ҳам муҳокима кунед ва шакли дурусту муфассалашро нависед.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Вазифаи хонагӣ. 1.** Доир ба истифодаи кабинети физика дастурамал тартиб додан. 2. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти нидо.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОНҲО. ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои тақлидӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, куҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- дар бораи калимаҳои тақлидӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- имлои калимаҳои тақлидиро аз худ мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ба фарқи калимаҳои тақлидӣ аз дигар калимаҳо сарфаҳм рафтан;
- имлои калимаҳои тақлидӣ ва мавқеи онҳоро аз худ кардан;
- мавриди истифодаи калимаҳои тақлидиро муайян карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс.**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Доир ба истифодаи кабинети физика дастурамал тартиб додан. 2. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти нидо.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;
3. Арзёбии кори хонандагон;
4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Калимаҳои тақлидӣ ва хусусиятҳои онҳо. Тобишҳои маъноии онҳо. Бо мақсади ҷалби диққати хонандагон иҷрои машқи 383.** Ҷумлаҳоро хонда, ба калимаҳои ишоратшуда диққат додан, шарҳи вазифаи онҳо.

**Шарҳи назариявӣ аз китоби дарсӣ**

**Иҷрои машқи 384.** Ҷумлаҳоро навиштан ва калимаҳои тақлидиро аз рӯйи маъно ба навъҳо ҷудо кардан.

| Тақлиди садои одамон | Ҷонварон | Ҳодисаҳои табиат | Ашё |
|---|---|---|---|
| | | | |

**Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 385.** Ҷумлаҳоро хонда гӯед, ки дар калимаҳои тақлидӣ чӣ хусусияти овозиро пай бурдед ва онҳо чӣ тавр сохта шудаанд.

**Қатори 2. Иҷрои машқи 386.** Бо истифода аз калимаҳои зер ҷумлаҳо тартиб диҳед ва гӯед, ки онҳо садои чиро ифода мекунанд.

**Қатори 3. Иҷрои машқи 388.** Ҷумлаҳоро хонда, хусусияти муҳимми калимаҳои тақлидиро муайян созед ва имлои онҳоро дар ёд нигоҳ доред.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ.**

**Кори инфиродӣ. Супориш: Иҷрои машқи 387.** Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳои тақлидиро муайян карда, тарзи сохта шудани онҳоро шарҳ диҳед.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 389.** Дар мавзӯи «Баҳори кишвари маҳбуб Тоҷикистон» иншое навишта, дар мавқеи зарурат аз нидою калимаҳои тақлидӣ истифода бурдан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## БАЪЗЕ РОҲҲОИ СОХТАНИ КАЛИМАҲОИ ТАҚЛИДӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳият:**

7.1.4. Муайян кардани маънои луғавии калима, шинохтан ва бамаврид истифода бурдани фразеологизмҳо (таъбирҳо), маълумот гирифтан дар бораи калимаҳои соҳавӣ, калимаҳои тақлидӣ, калимаҳои аслан тоҷикӣ ва иқтибосӣ, кӯҳна ва нав, донистани мавқеи истифодаи калимаҳои шевагӣ, тартиби пайдоиши калимаҳо, тартиби кор бо луғатҳо.

**Хонанда**

- дар бораи калимаҳои тақлидӣ ва мавриди истифодаи онҳо маълумоти тоза мегирад;
- имлои калимаҳои тақлидиро аз худ мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ба фарқи калимаҳои тақлидӣ аз дигар калимаҳо сарфаҳм рафтан;
- имлои калимаҳои тақлидӣ ва мавқеи онҳоро аз худ кардан;
- мавриди истифодаи калимаҳои тақлидиро муайян карда тавонистан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.**Дар мавзӯи «Баҳори кишвари маҳбуб Тоҷикистон» иншое навишта, дар мавқеи зарурат аз нидою калимаҳои тақлидӣ истифода бурдан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон аз рӯйи нишондоди зерин:

| Мавзӯъ | Мазмун | Имло | Истифодаи нидою калимаҳои тақлидӣ | Баҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ**

**Водорнамоӣ:**

• Нидо чист?

• Чаро калимаҳои тақлидӣ мегӯянд?

**Иҷрои машқи 390.** Ҷумлаҳоро бо истифода аз калимаҳои додашуда пурра карда навиштан ва махсусияти калимаҳои тақлидиро шарҳ додан.

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори гурӯҳӣ. Иҷрои машқи 391.** Аз калимаҳои тақлидии дар поён додашуда истифода бурда ҷумлаҳо тартиб додан.

Гурӯҳи 1. гулдур-гулдур, қоҳ-қоҳ;

Гурӯҳи 2. тақар-тақар, ғурунг-ғурунг;

Гурӯҳи 3. шурр-шурр, лап-лап;

Гурӯҳи 4. дукур-дукур, мияв-мияв.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **392.** Калимаҳои тақлидиро ислоҳ карда ҷумлаҳоро навиштан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## КОР БО МАТНИ ЖАНРИ ШИФОҲӢ (ЛАТИФА)

**Салоҳиятҳо:**

7.2.8. Шинос шудан бо воситаҳои баёни тасвир дар нутқ, зарбулмасалу мақол ва жанри латифа, фарқ кардани тасвир, зарбулмасалу мақол ва латифа аз ҳамдигар ва муайян кардани мавриди истифодаи онҳо.

**Хонанда**

- аҳамияти латифаро дар нутқ дарк менамояд;
- мавқеи латифаро дар адабиёти шифоҳӣ муайян карда метавонад;
- бо имлои калимаҳо ва аломатҳои китобат бештар ошно мегардад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- ба фарқи латифа аз жанрҳои дигари адабӣ сарфаҳм рафтан;
- мавқеи латифаро дар гуфтор ва адабиёт дарк кардан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ. 1.** Иҷрои машқи **392.** Калимаҳои тақлидиро ислоҳ карда ҷумлаҳоро навиштан.

2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Кор бо матни жанри шифоҳӣ (латифа)**

**Шарҳи омӯзгор бар идомаи маълумоти назариявии китоби дарсӣ ва иҷрои машқи 393.** Порчаро бодиққат хонда, махсусиятҳои латифаро мухтасар шарҳ додан. Латифаро аз ҳикоя фарқ кардан.

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 394.** Матни латифаи зеринро хонед. Чӣ нуктаро пай бурдед?

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 395.** Латифаро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Гӯед, ки моҳияти он дар кадом сарсатр баён шудааст?

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 396.** Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҳадафи асосии ин латифа дар чист?

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 398.** Матнро возеҳ хонед ва ҳадафи онро шарҳ диҳед. Гӯед, ки зоғ доно ё рӯбоҳ?

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 399.** Латифаро хонед ва маънидод кунед. Дар он чӣ гуна лутфро пайдо кардед?

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.** Иҷрои машқи **400** тавассути бозии «Кӣ хубтар?» Матнро хонда шарҳ диҳанд, ки чӣ ҳолат онҳоро даст дод? Чунин латифаҳоро аз касе шунида буданд? Онро ба ҳамсинфонашон нақл кунанд.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 397.** Ба хонандагон гӯед, ки дар бораи ягон одами хасис латифае шунида ё хонда бошанд, нақл кунанд ва сипас онро бо риояи аломатҳои китобат нависанд.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАКРОРИ ИСМУ СИФАТ, ҶОНИШИН

**Салоҳиятҳо:**

7.1.1. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Хонанда**

- исму сифат ва ҷонишинро мешиносад ва ба онҳо мисолҳо меорад;
- ба сифат, сифати феълӣ савол мегузорад;
- дар матн тариқи саволгузорӣ исм, сифат, ҷонишинро ҷудо мекунад;
- пешванд ва пасвандҳои калимасози исм, сифат ва ҷонишинро мешиносад, бо онҳо мисол меорад;

бо имлои исму сифат, ҷонишин ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- дар матн шинохтани исм, сифат, ҷонишин;
-исму сифат ва ҷонишинро аз рӯйи сохт муайян кардан;
-аломатҳои сарфии исму сифат ва ҷонишинро шарҳ дода тавонистан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;
-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;
-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ тавассути санҷиши иҷрои машқи хонагӣ ва саволҳои умумӣ. Иҷрои машқи 397.** Ба хонандагон гӯед, ки дар бораи ягон одами хасис латифае шунида ё хонда бошанд, нақл кунанд ва сипас онро бо риояи аломатҳои китобат нависанд.

**Пурсишҳо оид ба мавзӯъҳо:**

1.Чанд ҳиссаи мустақилмаънои нутқро медонед?

2.Исм чӣ хел ҳиссаи нутқ аст?

3.Пешванду пасвандҳои исмсозро номбар кунед.

4. Сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ чиро ифода мекунад?

5. Сифат чанд хел мешавад?

6. Роҳҳои калимасозии сифат кадом аст?

7. Пасвандҳои сифатсоз кадомҳоянд?

8. Пешвандҳои сифатсозро номбар кунед.

9. Дар бораи ҷонишин чӣ медонед?

10. Ҷонишин чанд навъ аст?

11. Ҷонишин аз ҷиҳати сохт чанд хел аст?

**III. Баёни мавзӯи нав. Такрори исму сифат, ҷонишин**

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1.** Дар бораи сохти исм маълумот дода, мисолҳо оред.

**Гурӯҳи 2.** Сифати аслӣ аз сифати нисбӣ чӣ фарқ дорад? Бо мисолҳо фаҳмонед.

**Гурӯҳи 3.** Чаро ҷонишин мегӯянд? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4.** Ҷумлае гӯед, ки он исму сифат ва ҷонишин дошта бошад.

**Гурӯҳи 5.** Кадом жанр ё ҳуҷҷатҳоро аз худ кардед, номбар кунед.

**Иҷрои машқи 401.** Матнро хонед ва сифатҳои онро ёфта, ба аслию нисбӣ ҷудо кунед. Сохти онҳоро шарҳ диҳед.

| Аслӣ | Нисбӣ |
|---|---|
| | |

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**

*III.* **Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори инфиродӣ.** Калимаҳои зеринро ба гурӯҳҳо ҷудо кардан: *ман, ту, вай, ӯ, мо, шумо, онҳо, онон, ин, он, чунин, чунон, ҳамон, ҳамин, ҳама, ҳар, тамоми, ҷумла…*

| Шахсӣ | Ишоратӣ | Таъйинӣ |
|---|---|---|
| | | |

• Саволу ҷавоб.

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 402.** Матнро хонда гӯянд, ки он ба кадом услуб мансуб аст. Дар тасвир кадом калимаҳо нақши муҳим доранд?

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАКРОРИ ЗАРФУ ФЕЪЛИ ҲОЛ

**Салоҳият:**

7.1.1.Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, шинохтани фарқ ва умумияти феъли ҳол аз феъл.

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои сарфии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, ташаккули маҳорати шинохтани зарф дар матн, муайян кардани вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла.

7.1.2. Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳои сарфии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ, ташаккули маҳорати шинохтани зарф дар матн, муайян кардани вазифаи наҳвии зарф дар ҷумла.

**Хонанда**

- ➢ феъли ҳол ва замонҳои онро мешиносад ва ба онҳо мисолҳо меорад;
- ➢ зарфро ҳамчун ҳиссаи нутқ мешиносад;
- ➢ ба зарфҳо мисол меорад, хелҳои зарфро нишон медиҳад, бо ҳамдигарашон муқоиса мекунад, ба онҳо савол мегузорад;
- ➢ бо имлои феъли ҳол, зарф ва сохти онҳо шинос мешавад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- аз рӯйи вазифа муайян кардани феъли ҳол ва зарф дар ҷумла;
- ба фарқи феъли ҳол аз феъл ва зарф аз сифат сарфаҳм рафтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс:**

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ тавассути санҷиши иҷрои машқи хонагӣ ва саволҳои умумӣ. Иҷрои машқи 402.** Матнро хонда гӯянд, ки он ба кадом услуб мансуб аст. Дар тасвир кадом калимаҳо нақши муҳим доранд? 2. Санҷиши дафтарҳои даврӣ;

3. Арзёбии кори хонандагон;

4. Саволҳо барои такрору ҷамъбасти мавзӯи гузашта.

**III. Баёни мавзӯи нав. Такрори зарфу феъли ҳол**

**Ангезиши зеҳн**

1. Зарф чист ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Хусусиятҳои асосии зарф кадомҳоанд?
3. Зарф дар ҷумла чӣ вазифаи наҳвиро иҷро мекунад?
4. Зарф асосан ба чӣ вобаста мешавад?
5. Кадом пешванд ва пасвандҳо дар сохтани зарфҳо ширкат доранд?
6. Зарф аз кадом ҷиҳат ба сифат монанд аст?
8. Чиро феъли ҳол меноманд?
9. Фарқи феъли ҳол аз феъл дар чист?

**Супориш: Иҷрои машқи 403.** Порчаро сареҳ хонед ва гӯед, ки калимаҳои бо ҳарфҳои сиёҳи баландчопшуда кадом ҳиссаҳои нутқанд. Фарқи онҳо дар чист?

**Кор дар гурӯҳҳо. Супоришҳо:**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 405.** Зарфҳоро бо риояи ҷойи зада хонед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 406.** Матнро хонед ва хулосаатонро баён кунед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 407.** Нақшаро хонед, чӣ тарз ва аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани зарфҳоро маънидод кунед. Ду ҷумла тартиб диҳед, ки чанде аз ин зарфҳо истифода шуда бошанд ва ба тарзи навишташон зеҳн монед.

| | |
|---|---|
| чаман - чаман<br>саҳифа - саҳифа<br>қоҳ - қоҳ<br>ҳиқ - ҳиқ<br>осон - осон<br>сахт - сахт<br>як - як<br>дута - дута | чанд - чанд<br>ягон - ягон<br>рафта - рафта<br>гоҳ - гоҳ<br>андак - андак<br>хомохом<br>пасопеш |

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 408.** Порчаро хонед ва аниқ созед, ки гап дар бораи чӣ меравад. Дар он бештар калимаҳои кадом соҳа истифода шудаанд?

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 411.** Ҷумлаҳоро хонда, таъбирҳоро ёбед ва хусусиятҳои муҳимми онҳоро баён кунед.

**Кори дунафара.** Ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоед.

**Хонандаи 1: Иҷрои машқи 404.** Матнро хонда, феъли ҳолу зарфҳои онро навиштан, сохти зарфҳоро муайян сохтан.

| **Номи хонанда** | **Феъли ҳол** | **Дуруст/нодуруст** | **Зарф** | **Дуруст/нодуруст** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

**Хонандаи 2: Иҷрои машқи 410.** Ҷумлаҳоро навишта, ба зери таъбирҳояш хат кашида, онҳоро маънидод кардан.

| **Номи хонанда** | **Таъбир** | **Шарҳи дуруст** | **Шарҳи нодуруст** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**IV. Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Кори гурӯҳӣ. Супоришҳо:**

**Қатори 1. Иҷрои машқи 409.** Бо истифодаи зарфҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва гӯед, ки чаро онҳо ҷудо навишта шудаанд ва дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меоянд.

*Як навъ (андоза), бекаму кост, дилу бедилон, беҳудаву баҳуда, бамавриду бемаврид, бешаку шубҳа, гаштаю баргашта, беқилу қол, пасту боло, каму беш, чору ночор, хоҳу нохоҳ.*

**Қатори 1. Иҷрои машқи 412.** Бо истифодаи таъбирҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Хамири муштнахӯрда, аз ханда рӯдакан шудан, хабари обнарасида, фукро ба осмон бардоштан, хушкдаст баргаштан, худро аз даст додан, хонаи касе дар пушташ шудан.*

**Қатори 3. Иҷрои машқи 413.** Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки таъбирҳо дар нутқ чӣ аҳамият доранд ва кадом вазифаро иҷро кардаанд?

**Муаррифии кори қаторҳо**

**V. Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 414.** Аз «Луғати фразеологии мактабӣ» ё «Фарҳанги ибораҳои рехта» панҷ таъбирро, ки шаклҳо (вариантҳо)-и дигар доранд, бо мисолҳояш навишта, фарқи онҳоро аз дигар калимаю ибораҳо муайян сохтан.

**VI. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАКРОРИ ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНД

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла пешоянду пасоянд, сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

- тобишҳои маъноии пешояндҳо ва фарқи онҳоро аз пешванд шарҳ дода тавонистан;
- шаклҳои гуногуни онҳоро дар назму наср муайян карда;
- мавриди истифодаи пасояндҳоро муайян кардан;
- ба имлои пешоянду пасоянд таваҷҷуҳ зоҳир кардан.

Дар матн сифат ва навъҳои онро фарқ карда тавонад, алоқаи исму сифатро муайян карда тавонад, муродифу мутазод ва маънои маҷозии сифатро муайян кардан. Аломати сифатро дар тасвир ва асарҳои бадеӣ дарк карда тавонад.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс.** Баҳисобгирии давомот

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ тавассути санҷиши иҷрои машқи хонагӣ ва саволҳои умумӣ.**

**Иҷрои машқи 414.** Аз «Луғати фразеологии мактабӣ» ё «Фарҳанги ибораҳои рехта» панҷ таъбирро, ки шаклҳо (вариантҳо)-и дигар доранд, бо мисолҳояш навишта, фарқи онҳоро аз дигар калимаю ибораҳо муайян сохтан.

**Саволҳо**

1.Чиро пешоянд мегӯянд?

2. Пешояндҳо бо кадом калимаҳо меоянд?

3. Хусусиятҳои пешояндҳо кадомҳоянд?

4.Пешояндҳои таркибӣ бо чанд роҳ сохта мешаванд?

5. Пасоянди аслӣ кадом аст? Чаро пасоянди аслӣ мегӯянд?

6. *Барин* чӣ гуна тобиши маъноӣ дорад?

7. Пешояндҳои номиро номбар кунед.

8. Пешояндҳои номӣ аз кадом ҳиссаҳои нутқ ташкил меёбанд?

9. Пасоянди *-ро* дар шеваҳо ба чӣ тариқ истифода мешавад?

10. Кадом пасояндҳо хоси забони гуфтугӯанд? Ва чаро?

11. Пешоянд аз назари имло аз пешванд чӣ фарқ дорад?

**III. Супоришҳо: Ҳалли машқҳо**

**Кор дар гурӯҳҳо**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 415.** Шеърро хонед ва вазифаи пешояндҳоро шарҳ диҳед. Дар он кадом пешояндҳо бештар истифода шудаанд?

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 416.** Порчаи манзумро хонда маънидод кунед ва мазмунашро нависед. Тобишҳои маъноии пешояндҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 417.** Ҷумлаҳоро хонед ва маънидод кунед. Ҳамзамон пешояндҳоро муайян сохта, чӣ тобишҳои маъноӣ доштани онҳоро шарҳ диҳед.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 418.** Матнро хонед ва гӯед, ки лутфи ҳикоя дар чӣ нуҳуфта аст.

**Гурӯҳи 5. Иҷрои машқи 424.** Ҳикояро хонед ва ҳикмати онро шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои пасояндорро ёбед ва гӯед, ки пасояндҳо чӣ тобишҳоро ифода кардаанд.

**• баррасии кори хонандагон**

**IV. Вазифаи хонагӣ.** Ду латифае навиштан ва дар зери пешояндҳои он хат кашидан.

**V. Ҷамъбасти дарс ва эълони баҳо.**

## ТАКРОРИ ҲИССАЧАЮ НИДО

**Салоҳиятҳо:**

7.1.5. Донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ, шинохтани пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо, калимаҳои тақлидӣ, имло, сохт ва вазифаҳои онҳо дар матн.

**Хонанда**

- ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро фарқ карда метавонад;
- ҳиссаҳои нутқро гурӯҳбандӣ карда метавонад;
- мавқеи истифодаи ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссачаву нидо сохт, имло ва муродифоти онҳоро муайян менамояд;
- ба имло, сохти ҳиссаҳои номустақили нутқ, аз ҷумла ҳиссачаву нидо ва аломатҳои китобат таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунад.

**Мақсадҳои дидактикӣ:**

**-** ҳиссачаву нидоҳоро аз рӯйи вазифа ва моҳият шинохтан;

- тобиши маъноии ҳиссачаву нидоро муайян кардан;

-мавриди истифодаи ҳиссачаву нидоро шинохтан.

**Равиши дарс**

**I. Ташкили дарс.** Баҳисобгирии давомот

-ба ҷо овардани одоби салом, баҳисобгирии давомот;

-омодагӣ ба дарс, санҷиши машқи хонагӣ;

-шиносоӣ бо мақсади имрӯзаи дарс.

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ тавассути санҷиши иҷрои машқи хонагӣ ва саволҳои умумӣ. 1.** Ду латифае навиштан ва дар зери пешояндҳои он хат кашидан.

2. Саволҳо:

• Чиро ҳиссача меноманд?

• Ҳиссачаҳо чӣ тобишҳои маъноиро ифода мекунанд?

• Чаро ҳиссачаҳо ҳиссаҳои номустақили нутқанд?

• Дар ҷумла ва ё матн ҳиссача ва нидо кадом вазифаро адо мекунанд?

• Нидо чист?

• Ҳиссачаҳо аз нидоҳо чӣ фарқ мекунанд?

**III. Супоришҳо: Ҳалли машқҳо. Иҷрои машқи 425.** Порчаро нависед, ҳиссача ва нидоҳои онро ёфта, вазифа ва тобиши онҳоро шарҳ диҳед. Ба тарзи навишти онҳо зеҳн монед. Ба кори ҳампартаи худ баҳогузорӣ намоед.

| **Номи хонанда** | **Ҳиссача** | **Нидо** | **Тобиши маъноӣ** | **Баҳо** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

**Кор дар гурӯҳҳо**

**Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 426.** Ба ҳар як навъи ҳиссача мисол оварда нақшаро пур кунед.

| Хелҳои ҳиссача | Ҳиссачаҳо |
|---|---|
| ишоратӣ | |
| маҳдудӣ | |
| таъкидӣ | |
| тасдиқӣ | |
| инкорӣ | |
| саволӣ<br>эҳсосӣ | |

**Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 427.** Ҳиссачаҳои зеринро аввал бо риояти ҷойи зада хонед ва сипас нависед. Ба тарзи навишти онҳо диққат диҳед.

*Ана, мана, оре, бале, майлаш, оё, наход, наход ки, кошки, мабодо, канӣ, бигузор.*

**Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 428.** Порчаро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки моҳияти асосии матн дар кадом ҷумла баён шудааст.

**Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 430.** Порчаҳоро хонед ва дарёбед, ки ҳикмати он дар чист.

**Кори инфиродӣ.** Супориш: Иҷрои машқи **429.** Порчаро нависед ва сабаби баъд аз нидоҳо аломатҳои китобати гуногун гузоштанро шарҳ диҳед**.**

**Кори дунафара. Ба кори ҳамдигар баҳо гузоштан**

**Хонандаи 1:** Таҳияи хабар дар асоси қоидаи охир бо ифодаи "Мегӯянд, ки..."...

**Хонандаи 2:** Муайян кардани хусусияти ҳар як гурӯҳи табрикнома. **IV.Ҷамъбасти мавзӯъҳои солона. Таҳлили фаъолияти хонандагон.**

## ИМЛОИ САНҶИШ

### Субҳи барвақт

Субҳи барвақт. Ҳанӯз дар роҳҳо мошин кам, шаҳр оҳиста аз хоб бедор мегашт. Занҳои ширфурӯш аз тарафи саҳро бо чобаҳои пуршир ба шаҳр меомаданд. Нонфурӯше як замбарғалтак нони гармашро ба тарафи чойхона мебурд. Болои нон бо дастархон сахт пӯшидагӣ бошад ҳам, ҳаври он мебаромад. Бӯйи нони гарм ба димоғи Даврон расидагӣ барин шуд. Ба ёдаш расид, ки баъди қаҳтии солҳои ҷанг, соли чилу ҳафт ё чилу ҳашт хоки сурх оварда, танӯри чанд сол боз вайрона ва аз набудани орд бекораро таъмир карда, бори аввал нон пухта буданд. Даврон он нонро мебӯйиду аз бӯяш сер намешуд. Ба нон зор буд, аммо кулчаи модар додаро то хеле вақт нахӯрда, бӯй мекашид. Онро зуд хӯрда адо кардан намехост. (125 калима)

***Баҳром Фирӯз***

### Шабҳои моҳтобӣ

Шабҳо ба тарзи ҳайратовар моҳтобӣ буданд. Нури нуқраранг ба атроф паҳн шуда, ҳатто қуллаҳои кӯҳҳои дурдастро равшан мекард. Дарахтон ва харсангҳо сояҳои сиёҳи худро барандохта, сафедии водиҳо ва домани теппаҳоро намоёнтар мекарданд. Рӯзҳои аввалини тирамоҳ буд, дарахтон ҳанӯз пажмурда нашуда, аммо ҳаво ғуборолуд ва хушк менамуд, сарахбори омадани хазонрез аст.

Аз дур нӯлакашии шағолон ба гӯш мерасид, малаххо чиррос мезаданд, кӯршабпаракҳо пашшаҳоро шикор карда, дар ҳаво нақшу нигори мураккаб мекашиданд ва ҳамаи ин ҳаёти муқаррарии шабона ба карахтию оромии замини хоболуд далолат мекарданд. Дар ҷарии наздик урдугоҳи қӯшунҳои араб ҷойгир шуда буд. Гулханҳо фурӯзон буданд ва забонаҳои оташ чодарҳои рах-рахро равшан мекарданд, нӯги найзаҳои болои сари посбонҳоро ҷило медоданд. Гоҳ-гоҳ аспҳо шиҳа мекашиданд, баоси гӯсфандон, ки бояд пагоҳ ба дегҳои дастаҳо дароянд, шунида мешуд. (112 калима)

***Ато Ҳамдам***

### Соҳиби хона

Дари хона бесадо кушода шуд ва ҷавони қадболои хушлибос дохили хона гардид. Вай на хароб ва на фарбеҳ буда, пешонаи васеъ, рухсораҳои зебо ва чашмони сиёҳи хандон дошт. Ӯ сар то ба по сафед пӯшида, аз ин рӯ пӯсти баданаш торафт қаҳварангтар менамуд. Ӯ аз рӯйи қолин сабук-сабук қадам монда, ба китобмонак наздик омад ва се-чор дона китоберо, ки дар бағал дошт, як-як ба қабати китобҳои дигар гузоштан гирифт.

Хона хонаи барҳавои хеле калон буда, асбобу анҷоми он хеле сода ва бо ин содагии худ зебо буданд. Умуман намуди хона гувоҳӣ медод, ки соҳиби хона одамест, ки чизи чандон нодаркорро дӯст намедорад ва дар ҳама кор як тартиби одиро риоя мекунад. Хона, ки тирезаи бисёр дошт, ниҳоят равшан буда, асбобу анҷоми он ҳам тоза ва пок буд. (128 калима).

***Пӯлод Толис***

### Усто

Дар миёнҷойи маҳаллаи мо устохонаи Дадабойамаки дуредгар воқеъ шуда буд. Усто марди пиракии қоқинае буда, дастҳои бақувват ва риши кулутаи сафед дошт. Оила надошт, хӯрду хобаш ҳам дар устохона буд. Аз пагоҳӣ то бегоҳӣ чӯб арра мекард, ранда мекард, метарошид: катҳо месохт, либосовезакҳои хонагӣ метарошид, барои дари хонаҳо қулфҳои чӯбин, қуттичаҳо, сарпӯши дег, сандалиҳо месохт. Дар маҳалла ҳеҷ як иморат бе мадади Дадабойамак сохта намешуд. Мо, бачагон, ба устохонаи вай рафта, корашро тамошо мекардем. Усто бо бачагони деҳа бисёр улфат буд ва ҳар гоҳ ки бачагон наздаш меомаданд, хурсанд мешуд. Вай кор карда истода, ба мо ҳикояҳои ғалатӣ мегуфт ва аз чӯб одамча, асп, шутур, чилликҳо сохта медод. Барои духтарбачагон гаҳворачаҳо сохта, чӯбакҳои махсусе тарошида медод, ки духтаракон бо он латта пӯшонда, лӯхтак месохтанд. (122 калима)

***Сотим Улугзода***

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ, СИНФИ 7-УМ

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Неккадамов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 19.07.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 13.0.
Адади нашр 5500 нусха.
Супориши № 155/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет»
бо супориши №50 аз 26.08.2017
ба табъ расидааст.